**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

ТДУ 338.45 (575.3)
ТКБ 65.05 (2 тоҷик)
С-33

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САФАРЗОДА ГУЛБЕГИМ ГУРЕЗ**

# ИДОРАКУНИИ БАЛАНДБАРДОРИИ ФОИДАИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ШИРӢ

**(дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)**

Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ

аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика

**Роҳбари илмӣ:**
Д.и.и, профессор А. Рауфӣ

**ДУШАНБЕ - 2023**

# МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....................................................................................................3**
**МУҚАДДИМА**…………………………………………………………….....4
**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ БАЛАНДБАРДОРИИ ФОИДАИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ШИРӢ ……………………………….............16**
1.1. Асосҳои илмии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ………………………………………………………………………......16
1.2. Моҳияти идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ………………………………................30
1.3. Таҷрибаи хориҷии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ………………………………………………………………………….....45
**БОБИ II. ҲОЛАТИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ БАЛАНДБАРДОРИИ ФОИДАИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ШИРӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ..........................................……………………………………………….........64**
2.1.Таҳлили ҳолати идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ...............………………...........................64
2.2. Омилҳои таъсиркунанда ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли махсулоти ширӣ .........…….........................78
2.3. Баҳои ҳолати муосири идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ .......................................93
**БОБИ III. ПЕРСПЕКТИВАИ ИДОРАКУНИИ БАЛАНДБАРДОРИИ ФОИДАИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ИСТЕҲСОЛИ МАХСУЛОТИ ШИРӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ…………………………………………………………….......109**
3.1.Самтҳои асосии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ..............……….................................109
3.2. Роҳҳои перспективии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли махсулоти ширӣ .......................................122
3.3.Такмилдиҳии роҳҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ …………………………....137
Хулоса…………………………………………………………….................149
Рӯйхати адабиёти истифодашуда....................................................154

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**БМТ** – Бонки миллии Тоҷикистон

**ВАО** – Воситаҳои ахбори омма

**ВМКБ** – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон

**ИМА** – Иёлоти муттаҳидаи Амрико

**КВД** – Корхонаи воҳиди давлатӣ

**ММД** – Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

**НБО** – Нерӯгоҳи барқии обӣ

**НТҶ** – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

**ПИТ** – Прогресси илмӣ техникӣ

**СУС** – Созмони умумиҷаҳонии савдо

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои маъсулияташ маҳдуд

**ҶСП** – Ҷамъияти саҳҳомии пӯшида

**ҶШК** – Ҷамъияти шакли кушода

% - фоиз

**б/ф** – банди фоизӣ

**кВт.** – киловат

**км.** – километр

**м.** – метр

**млн.** – миллион

**млрд.** – миллиард

**т.** – тонна

**кг** – килограмм

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" омадааст, ки "Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникастионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат бо ғизои хушсифат, инчунин вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ амалӣ гардонида истодаем"[1].

Истеҳсолоти саноатӣ пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ, омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои нигоҳдорӣ ва рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, таҳлили мунтазами фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ҳам истеҳсоли молӣ ва ҳам истеҳсоли технологӣ аҳамияти махсус дорад[2]. Бесабаб нест, ки истилоҳи англисии "фирма" маънои "сахт", "ба таъсир тобовар"-ро низ дорад. Маҳз корхонаҳои "мустаҳкам" ба таъсири қувваҳои иҷтимоию иқтисодии беруна ва дохилӣ тобовар мебошанд.

Бо вуҷуди он, ки реҷаи панҷуми технологӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳукмфармост, иқтисоди ҷаҳон дар остонаи давраи нав қарор дорад. Тағйироти босуръате, ки бо рақамикунонии истеҳсолот ва равандҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст, аз он шаҳодат медиҳад, ки реҷаи нави шашуми технологӣ ба марҳилаи рушд ворид мешавад, ки меҳвари он технологияҳои

[1] Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018. – www.president.tj

[2] Бегмуродов С.Ш., Махкамов Б.Б. Некоторые итоги реализации ускоренной индустриализации в Таджикистане. // Амалигардонии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ: проблемаҳо ва роҳҳои ҳалли он. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ. – Душанбе: ДТТ, 2021. –С. 27- 31.

рақамӣ, нано-технологияҳо ва биоинжинерӣ мебошад. Бо роҳи табдили рақамӣ, корхонаҳои анъанавӣ технологияҳои навтаринро ҳамчун бартарии рақобат дар ҳама равандҳои истеҳсолӣ истифода мебаранд. Қайд кардан муҳим аст, ки ҷорӣ намудани технологияҳои нави рақамӣ реиндустриализатсияро дар заминаи сифатан нав ва пайдоиши ҷомеаи нави индустриалӣ (тибқи принсипи “инкори инкор”) дар назар дорад, ки дар он саноат дар иқтидори нав ҳукмфармо хоҳад шуд.

Шомил шудан ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) корхонаҳои саноатиро водор менамояд, ки натанҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он маҳсулоти рақобатпазирро истеҳсол намоянд. Рақобатпазирии маҳсулот асосан аз рӯи хароҷотҳои истеҳсол ва фурӯш ва тафриқабандии он муайян карда мешавад. Аз ин лиҳоз, кам кардани арзиши аслии маҳсулоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мушкилоти мубрам ва бефосила ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, ҷиҳати дарёфти роҳҳои кам кардани арзиши аслии маҳсулоти ширии корхонаҳои саноатӣ ва идоракунии он дар асоси омӯзиши моделҳои иқтисодӣ модели кам кардани арзиши аслии маҳсулоти ширӣ ба таври маҷмӯӣ тартибдодашуда дар таҷрибаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе баррасӣ гардид, ки он принсип ва вазифаҳои идоракунии кам кардани хароҷотҳо, давраҳо, вазифаҳо ва объекти идоракуниро дар бар мегирад.

Таҳаввулоти ҷаҳони муосир корхонаҳои саноатиро водор месозад, ки барои ба рақобат тобовар будан истеҳсолотро дар асоси навовариҳо ба роҳ монанд. Ҷорӣ намудани навовариҳо дар ҳамаи звеноҳои корхона, бартараф намудани омилҳои таъсиррасон ва паст намудани арзиши аслии маҳсулот бо нигоҳдошти сифати он боиси афзун гардидани фоидаи корхонаҳои санаотӣ мегардад.

Саноатикунонии босуръат ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул гардида, рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт,

ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори саноатии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад[3].

Дар баробари ин сиёсати макроиқтисодии давлатро танҳо низоми қарзҳо, имтиёзҳои андоз ё дигар тадбирҳои молиявии дастгирӣ ё ҷазо додани корхонаҳо фаҳмидан нодуруст мебуд. Дар ихтиёри давлат фишангҳои зиёди ғайримолиявӣ мавҷуд аст, ки ба вай имкон медиҳанд на танҳо ба рафтори беруна, балки ба механизмҳо ва хусусиятҳои дохилии фаъолияти корхонаҳо таъсир расонанд. Ба мақсад мувофиқ истифода бурдани ин фишангҳо ба ҳамдигар имконият медиҳад, ки таъсири онҳо пурзӯр гардида, ба самараи баланди ҳаракат дар самти дилхоҳ ноил гардад. Дар айни замон, ба фикри мо, на бештар масъалаи “ба корхонаҳо чӣ тавр таъсир расондан”, балки масъалаи “корхонаҳо бояд чӣ гуна бошанд”, то ки дар шароити иқтисодиёти бозории муосир фоидаовар бошанд, аҳамияти махсус пайдо мекунад, ки ин масъала мавзӯи асосии омӯзиши кори илмӣ мебошад.

Вобаста ба ин муҳимияти мавзӯи таҳқиқотро зарурияти таҳқиқи идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шароити иқтисодиёти бозории муосир ва асоснок намудани механизмҳои перспективии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар марҳалаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Фоида ҳамчун категорияи иқтисодӣ мақсади ниҳоии фаъолияти корхона ба ҳисоб рафта, барои ба даст овардани натиҷаи умумӣ маҳорати идоракунии баланд ва қабули қарорҳои дуруст зарур аст. Баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ аз идоракунии дурусти иқтисодӣ ва маъмурӣ иборат буда, дар таҳаввулоти ҷаҳони муосир стратегияи нав ба навро тақозо менамояд. Дар

[3] Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022. – www. president. tj

адабиётҳои иқтисодӣ мафҳуми фоида аз замони мактаби меркантилистон дар натиҷаи мубодилаи молҳо пайдо шуда, то ин ҷониб бо роҳҳои ба даст оварданаш ин мафҳум васеъ истфода мегардад. Фоида ҳамчун натиҷаи таваккали фаъолияти соҳбикор, натиҷаи фаъолияти навоварона ва ташаббускоронаи субъекти хоҷагидор ба ҳисоб рафта, дилхоҳ муносибати иқтисодӣ бо ин мақсад анҷом дода мешавад.

Масъалаҳои ташкили истеҳсолот ва рушди фаъолияти хоҷагидорӣ ва идоракунии фоидаоварии корхонаҳои саноатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои иқтисодчиёни ватанӣ аз ҷумлаи Раҳимов Р.К., Қаюмов Н.К., Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Рауфӣ А., Каримова М.Т. Хоналиев Н., Бобоев О.Б., Рабиева Т.М., Маҳкамов Б.Б., Оймаҳмадов Г., Ашӯров А.Н., Дадоматов Д.Н., Ҷурабоев Ғ. Ҷумаев У.М., Фаррухӣ Р., Раҳмонов Ҷ. ва дигарон дида баромада шудаанд.

Асосҳои назариявии пайдоиши фоида ва моҳияти баландбардории он аз рӯи асарҳои С.С. Алиева, З.Р. Ахмадиева, А.Бабо, А.Бланк, М. Блауг, Е.П. Боримская, М.Волков, Н.А.Волкова, А.В. Добрынин, Ю.Г.Киязева, Д.В. Костормина, В.И. Кошелева, С.В.Кривда, Ю.Е. Кутериега, А.А. Кушнер, А.Е. Лукьянова, К.Маркс, Ф.Найт, Ю.С.Нейхчук, А.Петров, И.А. Панченко, П.Самуэлсон, А.Смит, Ж.Б. Сей, Й.Шумпеттер, ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Доир ба роҳҳои кам намудани хароҷотҳои истеҳсолӣ ва ба ин восита баланд бардоштани самаранокии корхонаҳои саноатӣ ва ҳалли мушкилотҳои соҳаи саноат иқтисодчиён Александрова С.И., Бобков С.П., Власик Г.В., Глазов М.М., Иванова Ж.А., Клейман А.В., Костромина Д.В., Кувшинов М.С., Савосина К.В., Свириденко В.А. ва дигарон кор намудаанд.

Дар баробари гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ омӯзиши мавзӯи мазкур дар шароити муосири Тоҷикистон актуалӣ гардид. Бо ин мақсад нақш ва моҳияти баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ, омилҳои ба он таъсиррасон, ташаккул, тақсим ва банақшагирии он мавриди таҳқиқ қарор дода шуд.

Новобаста аз он, ки масъалаи мазкур аз ҷониби иқтисодчиёни сершумор мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аммо ҳанӯз дар иқтисодиёти мамлакат аксари корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар муддати кӯтоҳ ба мушкилиҳои молиявӣ дучор гардида, фаъолияти худро қатъ менамоянд. Дар шароити гузариш ба марҳилаи нави индустриалӣ, ки рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ душвор гардидааст, зарурат ба омӯзиши мавзӯи мазкур дучандон гардида, дақиқ муайян намудани механизмҳои ба баландбардории фоидаи корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон, ташкили бизнес – раванд ва пешниҳоди роҳҳои рушди босуръат бо кам намудани хароҷотҳои корхона ба таври алтернативӣ ба миён омадааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсад ва вазифаҳои диссертатсия.** Мақсади таҳқиқоти мазкур дар коркарди роҳҳои самараноки идоракунии иқтисодии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар марҳилаи таъмини рушди босуръати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мутобиқи мақсади гузошташуда дар таҳқиқоти илмӣ чунин вазифаҳо ҳал карда шудааст:

- таҳқиқи асосҳои назариявии мафҳуми категорияи иқтисодии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва муайян намудани манбаҳои ташаккули фоида;
- таҳлили вазъи воқеии фоидаоварии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва муайян кардани таъсири ҳамаи омилҳои хоҷагидории истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба ин нишондиҳанда;
- муайян кардани роҳҳои оптималии идоракунии иқтисодии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо назардошти нигоҳ дошта тавонистани сатҳи таъминнокии аҳолии шаҳри Душанбе ба маҳсулоти ширӣ;

- нишон додани бартарияти муносибатҳои иқтисодии самтҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар баландбардории рақобатпазирии моли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар бозори истеъмолӣ;
- пешниҳод кардани механизмҳои иқтисодии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шароити васеъ ҷорӣ кардани методҳои нави ташкили истеҳсоли корхонаҳои соҳа;
- коркард ва пешниҳоди механзимҳои иқтисодии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шароити нигоҳ доштани рақобатпазирии маҳсулоти корхона дар вақти таъмин кардани рушди инноватсионӣ ва паст кардани нархи фурӯши маҳсулоти корхона.

**Объекти таҳқиқотро** корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе ташкил медиҳанд.

**Предмети тадқиқот** муносибатҳои иқтисодӣ мебошанд, ки дар ҷараёни баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ зоҳир мегарданд.

**Асосҳои назариявӣ-методологии тадқиқотро** асарҳои илмии классикони назарияи иқтисодӣ, дастовардҳои илмии иқтисоди ҷаҳонӣ, консепсияҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар соҳаи илми иқтисодӣ, иқтисодиёти корхона ва таҳлили фаъолияти хоҷагидории корхона ва махсусан, доир ба идоракунии фоида ва роҳҳои баланд бардоштани он дар корхонаҳои саноатӣ  ташкил намуданд.

Дар таҳқиқоти илмӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан: тахайюлоти (абстраксияи) илмӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили сababӣ-оқибатӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, усули таҳлили эмпирикӣ, хулосабарорӣ, аналогия, таҳлили маълумоти оморӣ, ифодаёбии графикӣ ва ҷадвали маводи аслӣ.

**Навгонии илмии диссертатсия** аз асоноккунии назариявии идоракунии иқтисодии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, коркарди роҳҳои илман асоснокшудаи идоракунии иқтисодии рушди баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ иборат аст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, ки навгониҳои илмии онро ифода мекунанд, инҳо мебошанд:

- муқаррароти муаллиф доир ба моҳияти фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар асоси таҳлили ақидаҳои назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ин мафҳум ҳамчун категорияи иқтисодӣ, ки ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкории соҳа мебошад, муайян карда шудааст; илман асоснок карда шудааст, ки баландбардории фоида меъёри муайянкунандаи самаранокии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, механизми асосии муҳофизати корхона аз таҳдиди муфлисшавӣ, манбаи муҳими афзоиши арзишмандии бозории корхонаҳои соҳа мебошад;
- муҳимияти баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо далеловариҳои иқтисодӣ асоснок гардида ва исбот карда шудааст, ки дар ин нишондиҳанда таъсири ҳамаи омилҳои хоҷагидории истеҳсоли маҳсулоти ширӣ инъикос меёбад; зоҳир карда шудаанд, ки омилҳои таъсиррасонанда ба баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мусбӣ ва манфӣ мешаванд ва онҳо яке аз омили муҳими баландбардории рақобатпазирии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар мубориза рақобатноки бозорӣ шуда метавонанд;
- асоснок карда шудааст, ки бо баланд шудани нархи маҳсулоти ширӣ ҳаҷми фурӯши вай кам мегардад, ки дар натиҷа сатҳи таъминнокии аҳолии шаҳри Душанбе ба маҳсулоти ширӣ паст мешавад ва ин ба ҳаҷми фоидаи корхона таъсири манфӣ мерасонад; вобаста ба ҳаҷми талаботи

аҳолӣ ба маҳсулоти ширӣ меъёри истеъмолии аҳолӣ ба маҳсулоти ширӣ муайян карда шудааст ва муайян карда шудааст, ки идоракунии фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо назардошти раванди тақсимот ва истифодаи минбаъдаи он бо мақсади дарёфти таносуби оптималии байни қисми истеъмолшуда ва капитализатсияшудаи фоида метавонад омили самарабахши баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ гардад;

- систематизатсияи самтҳои асосии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкон дод бартарияти муносибатҳои иқтисодии самтҳои идоракунии технологияи навтарини идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, ба монанди ҷорӣ намудани технологияҳои нави рақамӣ, ба роҳ мондани фаъолияти инжиниринг, реинжиниринг ва истифодаи самараноки дигар навъовариҳои инноватсионӣ нишон дода шаванд, ки онҳо метавонанд ба таври назаррас сифати истеъмолии маҳсулотро мувофиқ гардонида, хароҷотҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратиро кам карда, сатҳи рақобатпазирии моли корхонаро дар бозори истеъмолӣ баланд намоянд;

- муқаррар карда шудааст, ки бо афзудани талабот ба маҳсулоти ширӣ зарурияти зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти ширӣ барои фурӯш ва дар айни замон дуруст ба роҳ мондани идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли ин маҳсулот низ лозим мешавад; пешниҳод карда шудааст, ки барои фароҳам овардани имкониятҳои афзоиши самараноки истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ширӣ дар баробари аз нав кардани воситаҳои истеҳсолот бо мақсади баландбардории хусусиятҳои истеъмолии моли истеҳсолшаванда васеъ намудани доираи истифодаи ташкили истеҳсолот, ба монанди ташкили кластерҳо, кам кардани хароҷотҳои меҳнати зинда ва гузашта зарур аст;

- пешниҳод карда мешавад, ки дар такмил додани роҳҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар фаъолияти идоракунии иқтисодии ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти корхона барои нигоҳ доштани рақобатпазирии маҳсулоти корхона дар як вақт ҳалли самараноки рушди инноватсионии корхона ва дар айни замон паст карда тавонистани нархи фурӯши маҳсулоти корхона таъмин карда шаванд; асоснок карда мешавад, ки чунин вазифаи дугонаро дар доираи равиши нисбатан нави стратегӣ, ки ба принсипи амбидекстрӣ асос ёфтааст, бо истифодаи самараноки мабалғгузориҳои худӣ ва беруна, ҳал кардан мумкин аст.

**Соҳаи тадқиқот** ба бандҳои 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методии арзёбӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика. 6. Ташаккул ва амалкарди бозори маҳсулоти саноатӣ. Нархгузорӣ дар бозорҳои маҳсулоти саноатӣ. 11. Асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккул ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда. 24. Ташаккулёбӣ ва рушди сохторҳои кластерӣ дар саноат ва энергетика, тавсеаи инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Мушкилот ва дурнамои рушди кластерҳо дар саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ. 29. Мушкилоти таҷдиди сохтории соҳаҳо ва корхонаҳои саноат ва энергетика. Реинжиниринг дар корхонаҳои соҳаи саноат ва энергетика. Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика мутобиқат мекунад.

**Амалиёти илмии таҳқиқоти илмӣ** дар имконияти истифодабарии натиҷаҳо дар ҷараёни коркарди нақшаҳои идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурнамо зоҳир мегардад. Ба ғайр аз ин, натиҷаҳои тадқиқотро дар ҷараёни фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва корхонаҳои ҷудогонаи

хусусии соҳа дар ҷодаи коркарди барномаҳои тараққиёти корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душабне ва миқёси вилоятҳои кишвар истифода намудан мумкин аст.

Базаи иттилоотии тадқиқоти илмиро дастурҳо, баромадҳо ва Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои молиявии фоида ва зарари корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе, маводи чопи даврагии иқтисодӣ ва ВАО, маводи таҳлилӣ ва тадқиқотӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи “Internet” ташкил медиҳад.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот.** Аҳамияти назариявии кори илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳолат ва пешниҳодҳои амалии дар он ифодаёфта имконият медиҳанд, ки ҷиҳати бартараф намудани омилҳои ба идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатӣ таъсиррасон чорабиниҳоро коркард намоем ва ба натиҷаҳои мусбии фаъолияти молиявии корхонаҳои саноатӣ сазовор гардем. Хулосаҳои илмии муаллиф оид ба масъалаҳои баланд бардоштани идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатӣ ва дар ин васила, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ барои ҳалли мушкилоти инкишофи илми иқтисодии кишвар мусоидат мекунанд. Натиҷаи таҳқиқоти илмиро дар ҷараёни омӯзиши фанҳои микроиқтисод, ташкили истеҳсолот дар корхона, менеҷменти стратегӣ, таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ, маркетинг ва таҳқиқоти минбаъдаи муаммоҳои ташаккулёбии фоидаи корхонаҳои саноатӣ ва зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолии кишвар истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар имконияти истифодабарии натиҷаҳо дар ҷараёни коркарди нақшаҳои рушди корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурнамо зоҳир мегардад. Ба ғайр аз ин, натиҷаҳои тадқиқот дар ҷараёни фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати саноат ва технологияҳои нав дар ҷодаи

коркарди барномаҳои тараққиёти иқтисодии кишвар ва миқёси вилоятҳои он истифода шуданаш мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, семинарҳои дар Донишгоҳи Давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шуда буданд.

**Интишорот.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 6 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми беш аз 6 ҷ.ч, аз он ҷумла, 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда чоп карда шудаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот сохтори диссератсияро муайян намуд. Диссертасия аз сарсухан, се боб, хулоса ва номгӯйи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия дар 167 саҳифа инъикос гардида, дар он 16 ҷадвал, 15 расм оварда шудааст, номгӯйи адабиёти истифодашуда 123 номгӯйро дар бар мегирад. Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи диссертатсия ва сатҳи таҳқиқи он асоснок карда шудаанд. Мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, муқаррароти дорои навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯъ, методологияи дар ҷараёни таҳқиқот истифодашуда инъикос гардида, маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои тадқиқот пешниҳод гардидаанд. Дар боби якум «Асосҳои назариявии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ» таҳаввули консепсияҳои илмӣ оид ба нақши фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва зиёд намудани ҳаҷми он, хусусият ва маъсалаҳои ташаккулёбӣ дар асоси усулҳои ҳисоб намудани хароҷотҳои корхонаҳи саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ баррасӣ гашта, механизми бартараф намудани омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар боби дуюм "Ҳолати муосири идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе дар солҳои 2015-2021» ҳаҷми истеҳсол, арзиши аслӣ ва

фоидаи аз фурӯши маҳсулоти ширӣ ба дастомада таҳлил карда шуда, кам кардани арзиши аслии маҳсулоти ширӣ бо роҳи кам кардани шумораи кормандон ва ба ин восита кам кардани хароҷоти музди меҳнат, яъне вусъат бахшидан ба рушди интенсивӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ арзёбӣ шуда, дар шароити рақобати шадиди бозор амалӣ гардидааст. Дар боби сеюм «Перспективаи идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе» такмили роҳҳои баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва сабабҳои рушд наёфтани он асоснок карда шуда, самтҳои афзалиятноки фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва идоракунии роҳҳои баланд намудани фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе пешниҳод гаштаанд.

Дар қисмати хулосаву пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии тадқиқот бо назардошти мақсади гузошташуда, вазифаҳои ҳалталаб оварда шудаанд ва хулосаҳои асосии назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ БАЛАНДБАРДОРИИ ФОИДАИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ШИРӢ

## 1.1. Асосҳои илмии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ

Масъалаҳои таъмини рақобатпазирӣ, устуворӣ, амният, рушди корхона пеш аз ҳама бо ҳамоҳангсозии ҳадафҳои корхона алоқаманд мебошад ва яке аз душвортарин вазифаҳои раванди ҳар як тағйирот дар корхона ба ҳам мутобик кардани манфиатҳои ба ҳам мухолиф мебошад. Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар асоси таҳлили ҳолати молиявии фаъолияти корхона пеш аз ҳама мақсади фаъолият ва роҳҳои расидан ба он муайян карда мешавад.

Мафҳуми “мақсад” мафҳуми бисёрҷабҳа буда, ҳамчун ҳадафҳои фаъолияти корхонаҳо бо назардошти намудҳо ва манфиатҳои иштирокчиёни истеҳсолот, равандҳои гузоштани ҳадафҳо дар идоракунии стратегии корхона ва критерияҳои ноил шудан ба ҳадафҳо аз ҷониби тадқиқотчиёни соҳаи менеҷмент Р.Акофф, Н.В. Боровкова, П.Дракер, Н.П. Калашникова, Э.Локк ва Г.Летхам, Н. Межлумян, С.В. Потапов, М. Полутова ва З.Е. Шершнева омӯхта шудааст.

Мафҳуми “мақсад” аз ҷиҳати маъно ба мафҳуми “критерия” наздик буда, критерий (аз калимаи юнонии kriterion — воситаи мулоҳизаҳо) нишонаест, ки дар асоси он самти фаъолият баҳо дода шуда, муайян ё тасниф карда мешавад ва ҳамчун ченаки баҳодиҳӣ истифода мешавад. Аз ин рӯ, критерияи ноил шудан ба ҳадафҳо метавонад нишона ё ченак бошад, ки натиҷа ва дараҷаи ноил шудан ба ҳадафҳоро муайян мекунад. Аммо дар аксар маврид метавон қайд намуд, ки мафҳуми мақсад ва критерияҳои ноил шудан ба он дар ҳамҷоягӣ истифода бурда мешавад.

Мақсад натиҷаи ниҳоиро дар худ тасвир намуда, барои расидан ба он критерияҳои гуногун пешниҳод карда шудааст ва роҳҳои ноил шудан ба

ҳадафҳо аз ҷониби менеҷер баҳо дода мешавад. Вобаста аз он, ки кадом намуди ҳадафҳо дар ҳар як ҳолат муҳокима карда мешаванд, критерияҳои арзёбӣ низ метавонанд ҳам миқдорӣ ва ҳам сифатӣ бошанд. Меъёрҳои сифатӣ метавонанд баланд бардоштани сифати маҳсулот, баланд бардоштани садоқати истеъмолкунандагон ба корхона, қаноатмандии кормандон аз ҷои кор ва ғайра бошанд. Ба меъёрҳои миқдорӣ зиёд шудани ҳаҷми фоида, ба миқдори муайян кам шудани арзиши аслии маҳсулот, ба фоизи муайян афзудани ҳосилнокии меҳнат мисол шуда метавонад ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар корхона критерияи миқдорӣ интихоб карда мешавад. Албатта, хусусияти критериявии самаранокии хоҷагии халқ ба даст овардани натиҷаи ниҳоии фаъолияти хоҷагидорӣ бо истифодаи хароҷоти камтарин ва истифодаи захираи камтарин мебошад.

"Дар сатҳи микроиқтисодиёт меъёри самаранокии иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ, дурусттараш фаъолияти ширкат фоида мебошад. Маҳз фоида ягона омилест, ки соҳибкорро ба таваккалҳои муайян, амалӣ намудани истеъдод ва қобилиятҳои худ, навоварӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои нав ва ғайра ҳавасманд мекунад"[4].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳар як соҳибкоре, ки фаъолияти худро шурӯъ мекунад, мақсади асосии вай қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон бо хароҷотҳои камтарин ва гирифтани фоидаи максималӣ мебошад. Бинобар ин бисёр муттахасисон дуруст қайд мекунанд, ки ..."Бар фоида кор кардан ифтихор аст - бар зарар шармандагӣ. Ҳар як корхонаи саноатӣ дар фаъолияти худ уҳдадор аст, ки дефитситро бартараф намуда, фоидаро баланд бардорад".[5]

[4] Рахимов Р.К. Экономическая эффективность. Некоторые вопросы теории и практики. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2005. -№1. – С. 25.
[5] Бабо А. Прибыль. М.: "Прогресс", 1993. - С.105.

“Бояд соҳибкор тамоми фаъолияташро ба қонеъ гардонида тавонистани эҳтиёҷоту талаботи мизоҷон равона намояд ва маҳз бо туфайли чунин кораш фоида гирад” [6].

Дар шароити кооператсия ҳар як истеҳсолкунанда танҳо як қисми кори умумиро иҷро мекунад, бинобар ин, барои ба даст овардани натиҷаи умумӣ кӯшишҳо барои пайвастшавӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи иштирокчиёни раванди меҳнати муштарак зарур аст. Менеҷмент ҳамоҳангии байни корҳои алоҳидаро муқаррар мекунад ва вазифаҳои умумиеро, ки аз ҳаракати корхона дар маҷмӯъ бармеоянд, иҷро мекунад. Дар ин асно, идоракунӣ барои ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни истеҳсолӣ ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои умумии корхона робитаи умумӣ ва ягонаро муқаррар менамояд.

Вазифаи асосии идоракунии корхона таъмин намудани фоидаи максималии соҳибкор дар якҷоягӣ бо некуаҳволии максималии ҳар як коргари коркунанда буда, манфиатҳои ҳақиқии ҳар ду ба ҳам мувофиқ буда, некӯаҳволии яке дар оянда бе некӯаҳволии дигаре буда наметавонад.

Яке аз вазифаи муҳими ҳар як корхона сарфаи боигариҳои моддӣ мегарадад, зеро хароҷотҳои моддӣ қисми зиёди хароҷотҳои истеҳсолиро ташкил медиҳанд, ки аз онҳо бузургии фоида вобастагӣ дорад. Фоида дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мақсади асосиву ниҳоии ҳар як субъекти ҳоҷагидорист. “... Вақте, ки фоидаи ба даст даровардашуда аз арзиши аслӣ арзонтар бошад, натиҷаи молиявӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки фоидаи холис ба даст дароварда шудааст. Корхона ҳамеша дар назди худ мақсад мегузорад, ки фоидаи бештар ба даст дарорад, вале муттаасифона на ҳамеша ба ин мақсад ноил мешавад” [7].

Азбаски фоида яке аз категорияҳои гуногунфаҳм дар илми иқтисодиёт ба шумор меравад, иқтисодчиён то ҳол тафсири ягонаро оиди ин мафҳуми илмӣ надодаанд. Аз ин лиҳоз мазмунан гуфтан мумкин аст, ки

---

[6] Рауфӣ А. Бозор. - Душанбе : “Дониш”, 2000. – С. 56.
[7] Низомова Т.Д. Ташкили истеҳсолот дар корхона. – Душанбе: “Диловар ДДМТ”, 2012. С.236.

фоида ин маблағи фурӯше мебошад, ки баъд аз хароҷотҳо ва супоридани андозҳо дар ихтиёри корхона мемонад.

Дар баробари он, ки фоида дар баъзе мавридҳо ҳамчун натиҷаи фаъолияти монополистӣ ҳисобида мешавад, он ҳаракатдиҳанда ва асоси рушди иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ маҳз интизории гирифтани фоида соҳибкорро водор месозад, ки лоиҳаҳои навро омода намуда, фаъолияти худро бо сармоягузориҳои зиёдтар идома бахшад[8].

Мураккабии муайян намудани пайдоиши мафҳуми асосии фоидаи корхонаҳои саноатӣ тадқиқотчиёни ин масъаларо водор месозад, ки ба ҳар як таърифи пешомада тафсири нав илова намоянд. Фоида – ин афзоиши активҳои соф дар муддати муайян ва ё афзоиши даромад нисбати хароҷот дар шароити мукаммали ба инобат гирифтани ҳамаи хароҷотҳо, алалхусус мукофотпулии роҳбарияти корхона мебошад. Фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро дар ҳоле самаранок ҳисобидан мумкин аст, ки хароҷоти умумӣ фоидаи баландтарро таъмин намояд.

Фоида ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ баробари густариш ва таҳаввули низомҳои иқтисодӣ ва назарияҳои иқтисодӣ пайдо ва инкишоф ёфта, натиҷаҳои фаъолияти субъектҳои бозорро бо маъною хусусиятҳои хосаи худ ифода менамояд ва ҷузъи ҷудонашавандаи фишанги молиявӣ ва механизми молиявӣ мебошад.

Қайд намудан лозим аст, ки "аз рӯи муомилаи иҷтимоӣ – ахлоқии бозорӣ аз ҳар як фарди дар бозор фаъолияткунанда дар алоқамандӣ таъмин намудани се омили сиёсати бозорӣ талаб карда мешавад: фоида барои истеҳсолкунанда (соҳибкор), қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда (харидор) ва некӯаҳволии аъзоёни ҷамъият"[9].

[8] Бабо А. Прибыль. М.: "Прогресс", 1993. - С.105.
Макконелл К.Р., Брю С.Л. Эконмикс: принципы, проблемы, политика.- М.: "Ниц Инфра -М", 2018. - С.1056.
Самуэльсон П. Экономика.- М., 1997. - С. 247.
[9] Рауфӣ А. Бозор. Душанбе: "Дониш", 2000. - С. 56

Ҳамин тавр, дар асоси омӯзиши адабиётҳои олимони соҳа нақши фоидаи корхонаҳои саноатиро дар шароити иқтисоди бозорӣ чунин гуфтан мумкин аст:

1. Фоидаи корхона ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Мақсади асосии татбиқи дилхоҳ фаъолияти истеҳсоливу тиҷоратӣ баланд бардоштани некӯаҳволии соҳибони корхона мебошад. Хусусияти ин афзоиш маблағи даромади ҷорӣ ва ба таъхир гузошташуда аз рӯи сармояи гузошташуда мебошад, ки манбаи он фоидаи бадастомада мебошад. Фоида натанҳо мақсади асосии фаъолияти соҳибкор, балки менеҷерон ва кормандони дигари корхона низ ба ҳисоб рафта, як ангезаи ҳавасмандкунанда ва ченаки асосии муваффақияти фаъолияти онҳо ба ҳисоб меравад. Баланд шудани дараҷаи фоидаи корхона «нархи бозор»-и ин роҳбаронро баланд мебардорад, ки ин ба дараҷаи музди меҳнати онҳо таъсир мерасонад ва баръакс — мунтазам паст шудани дараҷаи фоидаи корхонае, ки онхо идора мекунанд, боиси натиҷаҳои баръакси касби шахсии онҳо, дараҷаи даромади гирифташуда ва имкониятҳои шуғли минбаъда мегардад. Даромаднокии корхона на танҳо гарави бо кор таъмин будани кормандон, балки ба андозаи муайян музди иловагии моддиро барои меҳнат ва қонеъ гардондани як қатор эҳтиёҷоти ҷамъиятии онҳо таъмин мекунад.

2. Фоидаи корхона барои тараққиёти иқтисоди миллӣ замина муҳайё мекунад. Механизми азнавтақсимкунии фоидаи корхонаҳо тавассути низоми андоз имкон медиҳад, ки қисми даромади буҷети давлатӣ дар ҳама сатҳҳо пур карда шавад, ки ин ба давлат имкон медиҳад вазифаҳои худро бомуваффақият иҷро намуда, барномаҳои пешбинишудаи рушди иқтисодиётро амалӣ созад. Ғайр аз ин, ба амал баровардани принсипи маълум — «бойигарии давлат аз дараҷаи некуаҳволии шаҳрвандони он вобаста аст» бо зиёд шудани фоидаи корхона низ алокаманд аст, ки ин афзоиши даромади аҳолӣ, саҳмдорони корхона, роҳбарони кироя ва кормандони онро таъмин мекунад.

3. Фоидаи корхона меъёри самаранокии фаъолияти муайяни истеҳсолӣ (амалиётӣ) мебошад. Дараҷаи инфиродии фоидаи корхона дар муқоиса бо сатҳи саноат дараҷаи қобилияти (тайёрӣ, таҷриба, ташаббус) роҳбаронро барои бомуваффақият пеш бурдани фаъолияти иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ тавсиф мекунад. Сатҳи миёнаи фоидаи соҳавии корхонаҳо омилҳои бозорӣ ва дигар омилҳои беруниро, ки самаранокии фаъолияти истеҳсолиро муайян мекунанд, тавсиф намуда, танзимгари асосии «зиёдшавии сармоя» дар соҳа бо истифодаи самараноки он мебошад. Айни замон, сармоя, чун қоида, ба он сегментҳои бозор, ки бо миқдори зиёди талаботи қонеънашуда хос аст, ҳаракат мекунад, ки ба пурратар қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ ва шахсӣ мусоидат мекунад.

4. Фоида манбаи асосии дохилии ташаккули захираҳои молиявии корхона, таъмини рушди он мебошад. Дар системаи манбаҳои дохилии ташаккули ин захираҳо фоида мавқеи асосиро ишғол мекунад. Дараҷаи ба даст овардани фоидаи корхона дар ҷараёни фаъолияти хоҷагидорӣ ҳар қадар зиёд бошад, ҳамон қадар эҳтиёҷоти он ба ҷалби захираҳои молиявӣ аз манбаҳои беруна камтар мешавад ва дар баробари дигар чизҳо, ҳамон қадар сатҳи худмаблағгузории рушди он, таъмини амалӣ гардондани мақсадҳои стратегии тараққиёт, баланд бардоштани мавқеи рақобатии корхона дар бозор зиёд мегардад. Дар баробари ин, бар хилофи баъзе манбаҳои дохилӣ ташаккули захираҳои молиявии корхона фоида сарчашмаи доимо такроршаванда буда, такроristеҳсолкунии он дар шароити идоракунии муваффакиятнок ба таври васеъ сурат мегирад.

5. Фоида манбаи асосии афзоиши арзиши бозории корхона мебошад. Имконияти худафзояндаи арзиши асосӣ бо роҳи ба фонд даровардани як кисми фоидаи ба даст овардаи корхона, яъне самти зиёд кардани дороиҳои худӣ таъмин карда мешавад. Ҳаҷм ва сатҳи капитализатсияи фоидаи бадастовардаи корхона ҳар қадар зиёд бошад, арзиши дороиҳои софи он (дороиҳое, ки аз сармояи худӣ ташаккул меёбанд) ҳамон қадар зиёд мешавад ва мутаносибан арзиши бозории корхона дар

маҷмӯъ ҳангоми фурӯхтан, ҳамроҳ шудан, ба даст овардани он ва дар мавридҳои дигар муайян карда мешавад.

6. Фоида механизми асосии муҳофизатиест, ки корхонаро аз таҳдиди муфлисшавӣ муҳофизат мекунад. Ҳарчанд чунин таҳдид метавонад дар шароити фаъолияти даромадноки иқтисодии корхона (ҳангоми истифодаи саҳми беасос баланди сармояи қарзӣ, махсусан сармояи кӯтоҳмуддат; бо идоракунии нокифоя самараноки пардохтпазирии дороиҳо ва ғ.) ба миён ояд, корхона дар баромадан аз вазъияти бӯҳронӣ бо иқтидори баланди ба даст овардани фоида муваффақтар аст. Корхона метавонад аз ҳисоби капитализатсияи фоидаи гирифташуда ҳиссаи дороиҳои дорои пардохтпазирии сатҳи баландро метавон зуд зиёд намояд (қобилияти пардохтро барқарор намояд), ҳиссаи сармояи худро бо коҳиши мутаносибан ҳаҷми маблағҳои қарзӣ истифода намояд (суботи молиявиро таъмин намояд), фондхои дахлдори молиявии захиравие, ки ташкил карда шудаанд, зиёд намояд.

Дар баробари иқтисодчиёни хориҷӣ иқтисодчиёни ватанӣ низ ба монанди Қаюмов Н.Қ.[10], Рауфӣ А.[11], Бобоев О.[12], Хоналиев Н.[13], Комилов С.Ҷ.[14], Низомова Т.Д.[15], Маҳкамов Б.Б.[16] ва дигарон муносибатҳои молиявии фоидаи корхонаҳои саноатиро мавриди таҳқиқ қарор дода, муайян намудаанд, ки аз давраи аввали пайдоиши корхонаҳои саноатӣ

[10] Каюмов Н.К. Совреенное состояние и перспективы развития промышленности / Н.К.Каюмов// Промышленность Таджикистана за годы государственной независимости (коллективная монография). Душанбе: Изд. «Дониш», 2021. – С. 5-112.

[11] Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ. //Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. - №3. – С. 49 – 59.

[12] Бобоев О. Формирование затрат на адаптацию предприятий к условиям рынка ресурсов // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2014. -№ 2-3. - С. 190-219

[13] Хоналиев Н.Х. Принципы, факторы и условия размещения национальной промышленности Таджикистана. // Экономика Таджикистана. – 2021. - № 2 (2). – С. 165 – 171.

[14] Комилов С.Ҷ. Рушди нерӯи инноватсионӣ дар шароити саноатикунонӣ. //Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт». -(Душанбе, 27-уми феврали соли 2020). //Душанбе, Матбааи ДМТ,2020.-С.41-44.

[15] Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона// Китоби дарсӣ. Душанбе, 2015. – С.465. Низомова Т.Д., Ҷумаева Х.Ю. Таҳияи стратегияи рушди корхона // Иқтисдиёти Тоҷикистон. – 2021. - №3. – С.60 – 66.

[16] Бегмуродов С.Ш., Махкамов Б.Б. Некоторые итоги реализации ускоренной индустриализации в Таджикистане. // Амалигардонии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ: проблемаҳо ва роҳҳои ҳалли он. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ. – Душанбе: ДТТ, 2021. - С. 27- 31.

соҳибкор чӣ гуна стратегияро бояд пеш гирад, то ки дар бозор ба рақобат тобовар гардида, маҳсулоташро ба фурӯш барорад ва фоидаи назаррасро ноил гашта, фаъолияташро васеъ намояд.

Вазифаҳои муҳимтарини идоракунӣ аз ташкили истеҳсоли мол ё хизматрасонӣ бо назардошти эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон дар бозор дар асоси захираҳои дар ихтиёри корхона мавҷудбуда ва таъмини фаъолияти даромадноки корхона ва аз мавқеи устувори он дар бозор иборат мебошад.

Ба ақидаи мо низ, ҳаҷми талабот ба маҳсулот омили асосии фоида ба ҳисоб рафта, бо омӯзиши вазъи бозор ва муайян намудаи ҳаҷми талабот нисбат ба маҳсулоти истеҳсолшаванда корхонаи саноатиро аз хароҷоти зиёдатӣ эмин медорад. Қайд кардан ба маврид аст, талаботи маҳсулоти ширӣ аз ҷониби аҳолӣ нисбат ба дигар маҳсулотҳои истеъмолӣ ба куллӣ фарқ дорад, зеро маҳсулоти ширӣ дар қатори молҳои ниёзи аввал меистад. Аммо ногуфта намонад, ки маҳсулоти ширӣ дар муқоиса бо дигар маҳсулоти истеъмолӣ муҳлати нигоҳодории кам дошта, ба фурӯш нарафтани он талафоти зиёдро ба миён меорад. Бинобар ин, барои бартараф намудани талафоти пешомада корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро зарур аст, ки технологияи коркард ва бозистеҳсоли маҳсулоти шириро ба роҳ монда, бо ин восита талафот аз маҳсулоти ба фурӯшнаравандаро аз байн бардоранд.

Мавҷудияти талабот омили асосии рушди корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ буда, дар адабиётҳои хориҷии солҳои охир барои зиёд гардидани фоидаи корхонаҳои саноатии маҳсулоти ширӣ таъсиси кластерҳо дар минтақаҳо пазируфта шудааст [17].

[17]Махкамов Б.Б., Шералиев А.А. Кластеризация промышленности по отрасля и регионам Республики Таджикистан.//Экономика Таджикистана. №4(2). 2021. - С.239-246,
Мадаминов А. Перспективы развития и размещения предприятий мясомолочной отрасли в регионах Республики Таджикистсан. // Экономика Таджикистана. №4 (2) – 2021. – С. 217 – 224,
Каримова М.Т., Маджидзода С. Агропищевые кластеры в рамках обеспечения продавольственной безопасности страны. //Экономика Таджикистана. №4 (1). 2000 – С.52-56.

Бо васеъ гардидани ассортименти маҳсулоти ширӣ, тарғиби маҳсулоти истеҳсолшаванда ҳаҷми фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ низ зиёд гардида, маҳсулоти истеҳсолшуда низ ба хориҷи кишвар содир шавад. Дар сурати дуруст ва сари вақт тарғиб намудани маҳсулоти ширии истеҳсолшуда дар давраи силсилаҳаётии худ он дар бозор мавқеи худро ишғол менамояд. Маҳсулоти ширӣ дар муқоиса бо дигар молҳои истеҳсолшаванда дар бозор талаботи бештар дошта, аҳолӣ аз харидории он канораҷӯӣ намекунанд ва ин аст, ки дар байни маҳсулотҳои воридотӣ рақиби камтар дорад, зеро ҳангоми интихоби маҳсулот аҳолӣ бештар маҳсулоти ватаниро интихоб менамояд[18].

Таҳлилҳо муайян намудаанд, ки сол аз сол талаботи аҳолии курраи замин нисбат ба истеҳсоли маҳусулоти ширӣ зиёд шуда истодааст ва зарур аст, ки роҳҳои зиёд нигоҳдории муҳлати маҳсулотҳои ширӣ пайдо гардида, корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба содироти ин маҳсулоти истеҳсолшаванда машғул шаванд [19].

Бинобар ин, мо ба чунин ақидаем, ки ҳангоми идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ барои кам намудани хароҷоти нигоҳдории маҳсулоти ширӣ омӯзиш ва истифодаи консервантҳои табиӣ ва технологияи нави истеҳсоли маҳсулоти ширӣ истифода шавад, то ки аз як тараф хароҷоти нигоҳорӣ дар яхдонҳо кам карда шавад, аз тарафи дигар ҳангоми содир намудани маҳсулот сифати худро нигоҳ дошта тавонад.

Мувофиқи адабиётҳои мутолианамуда доир ба идоракунии сифати махсулот барои ба рақобат тобовар будани маҳсулоти ширӣ ва зиёд намудани фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, баланд намудани сифати ашёи хом, яъне шир афзалтар шуморида мешавад.

---

[18] Клюкач В.Ю., Логинов Д.А. Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. М. 2010. №4. - С.58.
Старченкова О.С. Особенности рынка молочной продукции в Республике Беларусь. 2016. https//ciberlinka.ru
Столярова Ю.В. Региональная экономика: теория и практика. М.2017 т.15 вып.4. - С. 717-728.
[19] Гусакова И.В. Рынок молока: современное состояние и перспективы развития. 2015. https//ciberlinka.ru

Ҳангоми интихоб ва  ба даст овардани ашёи хом - шири хушсифат ба ғизонокии хӯроки чорво диққат дода, шири ғизонокиаш баландро истеҳсолкунандаи маҳсулоти шириро зарур аст, ки интихоб намояд. Аз марҳилаи аввали истеҳсолот идора намудани сифати маҳсулоти дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкон медиҳад, ки фоида бештар ба даст оварда шавад.

Самаранокии идоракунии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз рӯи дараҷаи ноил шудан ба ҳадафи ниҳоии фаъолияти он муайян карда мешавад – муддати дароз дар асоси баланд бардоштани қаноатмандии ҷонибҳои манфиатдор фаъолият намудан рушди устувор ва афзоиши рақобатпазирии корхонаро дар назар аст.  Илова бар ин, самаранокии идоракунии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ самаранокии низоми идоракунӣ, фаъолияти воқеии идоракуниро дар бар мегирад. Гарчанде нишондиҳандаҳои умумӣ ва қисман самарабахшии низоми идоракунӣ дар корхонаҳои саноатӣ дар амал татбиқ карда шудаанд, аммо ҷустуҷӯи нишондиҳандаҳои наверо, ки хусусиятҳои корхонаҳои конкретии истеҳсоли маҳсулоти шириро инъикос менамоянд, истисно намекунад.

Тибқи маълумоти оморӣ шумораи аҳолии курраи замин ҳамасола – 1.1% зиёд мешавад ва талабот ба ғизо, аз ҷумла ба маҳсулоти ширӣ низ афзуда истодааст. Дар давлатҳои тараққикарда ба самти мазкур таваҷҷуҳи хосса дода шуда, соҳа рушд намуда истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тақвият бахшидан ба бунёд ва таҷдиди корхонаҳои саноатӣ ва баланд бардошатани самаранокии фаъолияти онҳо, ки ба рушди иқтисоди миллӣ замина мегузорад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қарору қонунҳо ва стратегияву барномаҳо ба тасвиб расидаанд, ки амалисозии он барои беҳтар намудани вазъи молиявии корхонаҳои саноатӣ шароит фароҳам меорад. Вобаста ба ин аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти

соҳибкории истеҳсоливу хизматрасонӣ афзалиятҳо аз қабили кам намудани андозҳо, расонидани кӯмак аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ пешниҳод карда шудааст.

Бо мақсади дастгирии молистеҳсолкунандагон ва зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи андозҳо то 50 фоиз кам карда шуда, аз ҷумла андоз аз фурӯши чакана пурра ихтисор ва воридоти тамоми номгӯи таҷҳизоти технологии ҳозиразамон аз ҳамаи намудҳои андоз ва пардохти гумрукӣ озод карда шуд. Дар баробари ин, ҷиҳати такмили маъмурикунонии андоз, кам кардани вақт ва хароҷоти соҳибкорон тавассути содда ва сабук намудани расмиёти андозсупорӣ шумораи эъломияҳо аз рӯи андозҳо ва пардохтҳои алоҳида то 40 фоиз, ҳисобҳои андозӣ то 60 фоиз, инчунин миқдори ҳуҷҷатҳо ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ то 30 фоиз кам карда шуд[20].

Соли 2012 як қатор ислоҳоте, ки ба соддагардонии раванди бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва кам намудани номгӯи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда равона шудаанд, амалӣ гардонида шуд. Дар ин муддат теъдоди иҷозатномадиҳӣ ихтисор гардида, тавассути низоми электронӣ ба расмият даровардa шуд. Бо мақсади фаъолияти озодонаи истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи молу маҳсулот ва аз байн бурдани ҳар гуна монеаҳои сунъиву фишори назорату тафтишоти назоратӣ масъалаи хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорон тавассути ҷорӣ намудани низоми электронӣ ба роҳ монда шуд.

Ҷиҳати қобили рақобат будани иқтисод ва босуръат гузаштани корхонаҳои истеҳсолӣ ба стандартҳои байналмилалӣ вазорату идораҳои дахлдор доир ба рушди низоми миллии стандартизатсия ва сертификатсиякунонӣ корҳои зарурирo ҷиҳати татбиқи ислоҳоти сохтории он амалӣ намуда, ба низоми танзими техникии дар арсаи байналмилалӣ

[20] Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри 2011. - www. president. tj

қабулшуда гузашта, низоми “равзанаи ягона” оид ба расмиёти соддагардонидашудаи воридоту содирот ҷорӣ гардид.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳибкорӣ ва такмили қонунгузории соҳа дар соли 2012 лоиҳаи Қонун “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод гардид. Дар самти ҳавасмандсозии соҳибкорон ба рушди фаъолияти истеҳсолӣ ва воридоти таҷҳизоту технологияҳои муосир бо Фармони Президенти мамлакат ба санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ барои се сол мораторий эълон гардид.

Вобаста ба фармони мазкур ба мақомоти назоратӣ супориш дода шуд, ки ҳама намудҳои санҷиши беасос, инчунин санҷишҳои мутақобилаи фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ манъ карда шавад. Инчунин, ҷиҳати ба шароити муосири танзими фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мутобиқ гардонидани қонунгузорӣ, аз ҷумла кам намудани шумораи мақомоти назоративу санҷишҳо дар соли 2012 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод карда шуд.

Бо мақсади истеҳсол ва коркарди бештари маҳсулоти чорводорӣ аз хориҷа ворид намудани чорвои зотӣ, ки ҳуҷҷати тасдиққунанда доранд, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуданд.[21]

Бо мақсади суръат бахшидани корҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои афзалиятнок ва муайян намудани дурнамои минбаъдаи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар “Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд. Дар стратегияи рушди минбаъдаи кишвар саноатикунонии мамлакат пешбинӣ шудааст, ки ин иқдом ба афзоиши коркарди пурраи ашёи хом, зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар

[21] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатӣ” аз 06.10.2012 таҳти №902, аз 29.03.2013 таҳти №963, аз 08.10.2019, №1647. - www.preesident.tj

мусоидат карда, барои беҳтар гардидани тавозуни савдои хориҷӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ заминаи воқеӣ фароҳам меорад.

Бо ҳамин мақсад “Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ба тасвиб расид, ки дар асоси он “Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” ва “Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд.

Ҷиҳати васеъ намудани имкониятҳои содиротӣ ва транзитии мамлакат дар самти интиқоли транзитии молу маҳсулот ва ташкили «долонҳои сабз» бо кишварҳои ҳамсарҳад ба роҳ монда шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишвар “300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ” амалӣ карда шуд.[22]

Барои дастгирии соҳибкории хурду миёна, махсусан, дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва содироткунандагони ватанӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ тибқи Қарори Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 2020 Корхонаи воҳиди давлатии “Саноатсодиротбонк” таъсис дода шуд. Ҳамзамон, ҷиҳати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ дар низоми бонкӣ дар асоси кам гардидани меъёри бозтамвил фоизҳои қарзӣ нисбатан паст гардида, ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ зиёд карда шуд.

Дар маҷмӯъ тибқи омори соли 2022 ба соҳибокорон беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шуд, ки дар ин муддат маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла аз ҳисоби паст

[22] Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри 2018. - www. president. tj

ва бекор кардани меъёрҳои 5 намуди андоз зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ҳамчун дастгирӣ дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мондааст. Дар натиҷа соли 2022 шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 339 ҳазор расид, ки нисбат ба соли 2018 беш аз 76 ҳазор зиёд мебошад.[23]

Нақши давлат бо сиёсати пешбининмудаи рушди иқтисодиву иҷтимоии таҳиянамуда дар муътадил гардонидани бозор татбиқ гардида, ҳадафи муҳимтарини танзими давлатии иқтисодиёти кишвар суботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Дар иқтисодиёти гузариш нақши танзими давлатӣ нисбат ба иқтисоди рушдкардаи бозаргонӣ баландтар буда, дар кишварҳое, ки дар марҳилаи ҷомеаи саноатӣ ҷойгиранд, гузариш аз низоми маъмурӣ ба бозор ба таври автоматикӣ ба амал намеояд. Давлат бояд дар ташаккули муассисаҳои бозор, хусусан дар рушди қоидаҳои фаъолияти иқтисодӣ фаъолона иштирок намояд ва назорати иҷрои онҳоро амалӣ намояд. Бояд қайд намуд, ки дахолати давлат ба равандҳои иқтисодӣ шарти зарури мувозинати рушди иқтисодӣ дар ҳар ҳолат, махсусан дар ҳолати пешазиндустриалӣ мебошад.

Танзими давлатии бозор дар ин самт ба таври мустақим ба воситаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, тартиби иҷозатномадиҳӣ, таҳияи барномаву консепсияҳо ва тавассути низоми андозии давлат, сармоягузориҳои давлатӣ, танзими хароҷотҳои давлатӣ ва гардиши воситаҳои пулӣ ба таври ғайримустқим амалӣ карда шудааст.

Новобаста аз корҳои иҷрошуда дар самти мазкур ҳоло ҳам камбудиҳо ба назар расида, дахолати давлат ҷиҳати таъмини усутвори нархҳои маҳсулоти саноатӣ ва беҳтар намудани шароити истеҳсолӣ зарур донитса мешавад. Мустаҳкамии иҷроиши санадҳои меъёриву ҳуқуқии дар ин самт амалкунанда бо мақсади паст кардани арзиши аслии маҳсулоти

[23] Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри 2022. - www.president. tj

саноатӣ ва аз байн бурдани монополия мувофиқи мақсад дониста мешавад. Вобаста ба ин, дар асоси омӯзиши адабиётҳои соҳа таҳияи Консепсияҳои танзимкунандаи соҳаи саноат, аз ҷумла Консепсияи рушди истеҳсолот, Консепсияи рушди мутавозини такрористеҳсолӣ, Консепсияи ҳавасмандкунии рушди истеҳсол аз талабот, Консепсияи ҳавасмандгардонии рушди саноатҳои содиротӣ ва Консепсияи зидди хавфҳо аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор метавонад боиси аз байн бурдани камбудиҳо ва рушди соҳа гардад.

Ҳамин тариқ, барои муайян намудани муҳимияти мавзӯи интихобгардида зарур аст, ки моҳияти идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ маълум гардида, нақши он дар ташаккули корхона ва давлат муайян карда шавад.

### *1.2.* Моҳияти идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ

Дар ҷаҳони муосир низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ хусусиятҳои хоси худро дошта, он ба тағйири самтҳои стратегӣ аз фаъолияти худи корхона вобаста аст. Мақсади асосии иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аз баланд бардоштани самаранокии фаъолият, зиёд кардани фоида, қонеъ гардонидани талаботи кормандон ва фатҳ намудани иштирокчиёни нав дар бозор иборат мебошад.

Ба ташаккули усул, низом ва принсипҳои идоракунии корхонаҳои саноатӣ ҳадафҳои худи корхона, вазифаҳои он, ҳайати кормандон, технологияи истеҳсолие, ки корхона истифода мебарад, сохтори идоракунии он ва қарорҳои идоракунии қабулкардаи роҳбарият таъсир мерасонад. Менеҷерони корхонаҳои саноатӣ бо дониши амиқ, малака ва маҳорати махсуси таҳлилӣ ва баҳогузорӣ идоракунии корхонаро ба роҳ монда, дар ноил шудан ба ҳадафҳои он ва ҳалли мушкилоте, ки дар назди корхонаҳо истодаанд, дар ҳар сурат набояд аз ҳад зиёд арзёбӣ намоянд.

Фаъолияти менеҷерон дар корхона барои расидан ба ҳадафҳои конкретии гузошташуда бо роҳи истифодаи оқилонаи захираҳои моддиву меҳнатӣ нигаронида шудааст. Дар ин ҷо корхонаҳои саноатии маҳсулоти ширӣ ба талабот ва ниёзҳои бозор диққат медиҳад; ҳамеша барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, яъне бо кам кардани хароҷот кӯшиши ба даст овардани натиҷаҳои оптималиро мекунад, ҳамчунин кӯшиш мекунад, ки мустақилияти иқтисодиро ба даст оварад, озодии қабули қарорҳоро барои кормандоне, ки барои натиҷаи ниҳоии фаъолияти корхона масъуланд, таъмин менамояд.

Дар баробари натиҷаи ниҳоӣ будани фоида нақши он бо гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон афзуд ва дар шароити имрӯза бошад, фоида қувваи ҳаракатдиҳандаи бозор мебошад. Маҳз фоида се муаммои асосии ба ҳам пайвандро ки дар назди соҳибкор меистад: чӣ бояд истеҳсол кард, чӣ тавр истеҳсол кард ва барои кӣ истеҳсол кардро ҳал менамояд.

Дар ҳамин асно қайд намудан ба маврид аст, ки фароҳам овардани шароити мусоид (техникӣ, иқтисодӣ, равонӣ ва ғ.) барои фаъолияти корхона ва ноил шудан ба муваффақияти он, ки унсурҳои асосии он муддати дароз нигоҳ доштани перспективаи корхона, натиҷагирӣ ва самаранокӣ мебошад, аз фаъолияти менеҷер вобаста мебошад.

Низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ аз низоми равишҳо ва усулҳои илман асоснокшуда, зернизомҳои идоракунӣ, ки ба қабул ва татбиқи қарорҳои ҳатмии рақобатпазир мусоидат мекунад, фаҳмида мешавад.

Корхона низоми воқеии «зинда» мебошад, ки дар фаъолияти он ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам дороиҳои моддӣ – воситаҳои асосӣ, сармоя ва ғайра ва субъектҳои берун аз корхона: таъминкунандагон, харидорони маҳсулот ва ғайра иштирок мекунанд. Аз ин рӯ, қайд намудан ба маврид аст, ки яке аз вазифаҳои аввалине, ки ҳар як корхонаи саноатӣ бояд ҳангоми таҳия ё

таҷдиди стратегияи тиҷоратии худ ҳал кунад, ин масъалаи худидоракунии корхона, аник кардани сарҳади он дар навъҳои иқтисодӣ, маъмурӣ, технологӣ, институтсионалӣ ва дигар муҳитҳо мебошад.

Асоси тадқиқоти муосири илмии корхонаҳо аз муносибати систематикие, ки он аз татбиқи маҷмӯи принсипҳои методологӣ ва муқаррароти назариявӣ иборат аст, имкон медиҳанд ҳар як унсури низом берун аз робитаи он ва дар таъсири мутақобила бо дигар унсурҳо, пайгирии дигаргуниҳое, ки дар натиҷаи тағйироти звеноҳои алоҳидаи он дар низом ба амал меоянд, хосиятхои хоси низомро меомӯзанд, дар бораи қонуниятҳои инкишофи низом хулосаҳои асоснок мебароранд, реҷаи оптималии кори он ва ғайраро муайян мекунанд, баррасӣ карда шавад.

Муносибати систематикӣ имкон медиҳад, ки ҳама гуна фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ ва фаъолияти низоми идоракунӣ сатҳи хусусиятҳои мушаххасро ба таври ҳамаҷониба баҳо дода, инчунин вазъияти мушаххасро дар доираи як низоми ягона таҳлил карда, хусусияти мушкилоти воридотӣ, раванд ва содиротӣ муайян карда шавад. Истифодаи усули системавӣ имкон медиҳад, ки роҳи беҳтарини раванди қабули қарор дар ҳама сатҳҳои системаи идоракунии корхона ташкил карда шавад.

Ҳар як корхона мехоҳад, ки дар натиҷаи тағирёбии доимии сохтор ё функсияҳои худ усули оқилона ва сарфакоронаи фаъолиятро истифода барад, дар ҳоле ки суръат ва натиҷаи табдилёбӣ ба суръат ва хусусияти тағйирёбии муҳити берунӣ ва дохилии он вобаста аст.

Фоида натиҷаи мусбии идоракунии звеноҳои корхонаҳои санотӣ, истифоданамоии омилҳои истеҳсолот ва дар шароити имрӯза мақсади асосии соҳибкор мебошад, чунки дар иқтисодиёти нақшавӣ фаъолияти соҳибкорӣ каме маҳдуд буд. Қобили зикр аст, ки фоида аз тарафи соҳибкор бо қобилияти эҷодкоронаву ташаббускорона ба вуҷуд меояд.

Фоида категорияи иқтисодӣ буда, дар алоқамандӣ бо фаъолияти фаъолу ғайри фаъол (фаъол- фаъолияти мақсадноки соҳибкор, ки ҳаққи

меҳнат медиҳад ва ғайри фаъол, ки аз дивидент, рента, иҷорапулӣ ба даст меояд), ки дар натиҷа талаботи моддиву маънавӣ қонеъ гардида, сармоя зиёд ва хароҷот кам мегардад, инчунин афзоиши ҳаққи меҳнати соҳибкор барои ташаббускорӣ ва таваккалпешагӣ мебошад.

Фоида дар иқтисодиёт афзоиши даромад аз фурӯши молу маҳсулот ва хизматрасонӣ нисбат ба хароҷотҳои истеҳсол ва фурӯш мебошад[24]. Маҳз ҳамин таъриф дар замони муосир дар шароити иқтисоди бозорӣ рост меояд.

.... Вобаста ба нуктаи назари иқтисодчиён дар расми зерин фоида аз рӯи хусусият чунин тасниф карда мешавад:

***Расми 1.2.1. Таснифоти фоида аз рӯи манбаҳои ташаккули он ****




***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст: Аз рӯйи адабиёти истифодашуда.

[24] Ахмадиева З.Р. Прибыл как экономическая категория. //Вестник науки и образования. - №9(63) Часть 2. - 2019. - С.18-22.

Фоидаи тавозунӣ нишондиҳандаи нисбатан васеъ буда, ҳамчун воситаи иттилоотӣ хизмат мекунад. Фоида (зарар) аз фурӯши маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) ҳамчун фарқи байни даромад аз фурӯши маҳсулот (ба истисноӣ андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо) ва хароҷоти истеҳсолӣ ва фурӯш (хароҷотҳое, ки ҳангоми муайян намудани арзиши аслии маҳсулот таъсир мерасонад) ҳисоб карда мешавад.

Ба намудҳои асосии фоида ҳамчун натиҷаи молиявӣ фоидаи умумӣ, фоида аз фурӯш, фоидаи бухгалтерӣ ва фоидаи соф дохил мешавад.

Фоидаи умумӣ - аз рӯи мафҳуми иқтисодӣ ба даромади маржиналӣ наздикӣ дошта, ҳамчун фарқи байни даромад аз фурӯши мол, маҳсулот, хизматрасонӣ ва арзиши аслии мол, маҳсулот ва хизматрасонии фурӯхташуда ҳисоб карда мешавад.

Фоидаи соф - қисми фоидаи бухгалтерӣ ба ҳисоб рафта, пас аз пардохти андози ҷорӣ аз фоида, инчунин бо назардошти дигар андозҳо боқӣ мемонад.

Фоидаи маржиналӣ - даромади корхона, ки безарарии фаъолияти корхонаро таъмин менамояд ва ҳамчун фарқи байни ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ва фурӯхташуда бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва хароҷотҳои тағйирёбанда ҳисоб карда мешавад, ки бузургии хароҷотҳои тағйирёбанда аз ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда вобаста мебошад. Ба хароҷотҳои тағйирёбанда дохил мешавад: хароҷотҳо барои ашёи хом ва дигар маводҳои лозимӣ барои истеҳсоли маҳсулот, захираҳои сӯзишворӣ ва қувваи барқ, музди меҳнати кормандон. Фоидаи маржиналӣ барои пӯшонидани хароҷотҳои асосӣ лозим аст ва ҳар қадар фоидаи маржиналӣ зиёд бошад, хароҷтҳои асосӣ ҳамон қадар зудтар пӯшонида мешаванд, яъне ахиран фоидаи бештар ба даст меояд. Ба таври дигар, фоидаи маржиналӣ маблағе мебошад, ки хароҷотҳои доимиро мепӯшонад ва фоидаро ба вуҷуд меорад. Ҳангоми мавҷудияти ҳаҷми зиёди фоидаи маржиналӣ хароҷотҳои доимӣ зуд пӯшонида шуда, корхона даромади бештар мегирад.

Аксар вақт, арзиши мутлақи фоида фаъолияти корхонаро мушаххас баён намекунад ва барои арзёбии самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ истифодаи танҳо нишондиҳандаи фоида кофӣ набуда, зарурияти шарҳи мафҳуми фоиданокӣ ба миён меояд.

Фоиданокӣ ин нишондиҳандаи нисбии самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ мебошад, ки дар маҷмӯъ ҳамчун таносуби фоида ва хароҷотҳо (захираҳо) ҳисоб карда мешавад. Ҳангоми муайян намудани фоиданокӣ самаранокии идоракунии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ низ баҳогузорӣ карда мешавад, зеро ба даст овардани фоидаи максималӣ ва сатҳи кофии даромаднокӣ бештар аз қарорҳои дуруст, ки дар идоракунӣ қабул карда мешавад, вобаста аст. Бинобар ин, фоиданокиро метавон ҳамчун яке аз критерияҳои асосии сифати идоракунӣ хонд.

Бояд қайд намуд, ки фоиданокии умумӣ ҳангоми муайян намудани даромадонкии корхона индикатори калидӣ ба ҳисоб меравад, аммо барои муайян намудани сатҳи рушди фаъолияти корхона вобаста бо фоиданокии умумӣ зарур аст, ки индикаторҳои иловагӣ ба монанди фоиданокӣ аз гардиш ва миқдори гардиши сармояро ҷудо намуд. Фоиданокӣ аз гардиш ё аз сармоя алоқамандии ҳаҷми умумии фурӯши корхона (гардиш) ва хароҷотҳои онро нишон медиҳад. Ҳар қадар фоида нисбат ба фурӯши умумии корхона зиёд бошад, ҳамон қадар фоиданокӣ аз гардиш низ зиёд мешавад. Муайян намудани фоиданокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо усулҳои номбаршуда бо рӯ овардан ба иқтисодиёти бозорӣ васеъ истифода гардида, дар маҷмӯъ дар доираи корхона ва барои ҳар як воҳиди маҳсулот истифода мешавад.

Фоиданокӣ аз ҳаҷми фурӯши маҳсулоти шириро дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо формулаи зерин муайян менамоем:

$$Pnp = \frac{\text{Фоидаи соф}}{\text{ҳаҷми умумии фурӯши маҳсулоти ширӣ}} * 100\%$$

Нишондиҳандаи фоиданокии маҳсулот самаранокии хароҷотҳои ҷориро нишон дода, фоидаи аз маҳсулоти фурӯхташуда ба даст омадаро нисбат ба арзиши аслии умумии маҳсулоти истеҳсолшуда нишон медиҳад. Фоиданокии маҳсулоти ширӣ аз нархи ашёи хом, сифати маҳсулот, ҳосилнокии меҳнат, хароҷотҳои моддӣ ва инчунин дигар ҳароҷотҳо иборат мебошад.

Фоиданокии маҳсулоти ширӣ ба мо нишон медиҳад, ки аз ҳар як воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда чӣ қадар фоида гирифта мешавад. Афзоиши натиҷаи нишондиҳандаи мазкур натиҷаи афзоиши нархҳоро ҳангоми хароҷотҳои доимӣ ва истеҳсоли маҳсулот ва ё кам шудани хароҷотҳои истеҳсолиро ҳангоми нархҳои доимӣ, яъне кам шудани талабот ба маҳсулоти корхона ва инчунин аз хароҷотҳо дида афзоиши босуръати нархҳоро мефаҳмонад.

Дар шароити рақобат олимон се сарчашмаи асосии ба даст овардани фоидаро аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

- бо роҳи ба даст овардани мавқеи монополӣ дар бозор;
- натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ ва соҳибкорӣ, ки аз донистани конъюкутураи бозор ва мутобиқ шудан дар муҳити он иборат аст. Ҳаҷми фоида аз самти равонашудаи истеҳсолоти корхона (интихоби маҳсулоти дорои талаботи муътадил ва баланд), аз муҳайё намудани шароити ба рақобат тобовар ба мол ва маҳсулот (нарх, муҳлати дастрасии мол, хизматрасонии харидорон, хизматрасонии баъди фурӯш ва ғ. ) ва аз сохтори хароҷотҳои истеҳсолӣ вобаста мебошад;
- шиддатнокӣ ва натиҷаи инноватсияи ба фаъолият вориднамуда.

Омӯзиши фоида ҳамчун категорияи иқтисодӣ ба тариқи абстрактӣ амалӣ карда мешавад, аммо ҳангоми татбиқи тадқиқоти амалии фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, таҳлил ва идоракунии фоида бо истифода аз нишондиҳандаҳои мушаххас сурат мегирад. Бинобар ин, барои муайян намудани ҳаҷми фурӯш ва фоидаи ба дастомада аз

реализатсияи маҳсулот вобаста ба гуфтаҳои боло аз рӯи таҷрибаи омӯхташуда тарзҳои зерини ҳисоб намудани фоида аз рӯи намудҳои он вуҷуд дорад, ки он дар расми зерин нишон дода мешавад.

***Расми 1.2.2. Тарзи ҳисоб намудани фоида вобаста ба намудҳои он****




***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст: Аз рӯйи адабиёти истифодашуда.

Ба ақидаи мо, фоида ҳамчун категорияи иқтисодӣ бо моҳияти васеъ доштанаш ҳам аз нуқтаи назари моддӣ ва ҳам аз нуқтаи назари маънавӣ қонеъ гардонидани талаботи инсонро иҷро менамояд. Фоида аз нуқтаи назари моддӣ маблағҳои пулии бадастовардае мебошад, ки бо он инсон талаботҳои аввалиндарҷаву дуюмдараҷаашонро қонеъ мегардонад ва нуқтаи назари маънавӣ бо маблағҳои пулии бадастоварда мустаҳкилият ва боавариро ба даст меорад.

Фоида барои корхона нишондиҳандаи самаранокии фаъолияти корхона ва мутмаиниятро барои рушди фаъолияти минбаъда таъмин сохта, идоракунии он дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ нақши

муҳимро барои васеъ намудани фаъолияти истеҳсолӣ ва таъмини нақшаҳои дар пеш гузошташуда мебошад.

Фоида ҳамчун мақсади асосии фаъолияти корхона, инчунин функсияи сарчашмаи асосӣ барои пайдо намудани навигариҳо дар истеҳсоли маҳсулот мебошад, ки бо идоракунии дурусти он дар оянда барои рушди фаъолияти корхонаҳои санаотии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ замина гузошта, фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳаҷми фурӯшро васеъ намуда, фоидаро бештар мегардонад.

Даромаднокии корхонаҳои саноатӣ самаранокии фаъолияти онро нишон дода, бо зиёд гардидани он имиҷи корхона низ боло меравад, ки ин имкон медиҳад, ки барои васеъ сохтани фаъолият қарз гиранд ё сармоягузоронро ҷалб намоянд ва шартномаҳои калони манфиатоварро ба имзо расонанд.

Доир ба ин гуфтаҳо нуктаи дигареро қайд менамоем, ки идоракунии фоида дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ таъмини амнияти бехатарии онро кафолат медиҳад. Фоида, ки дар худ хусусияти номуайянӣ дорад ва ин номуайянӣ хавфи дар пешистодаро дар худ таҷассум мекунад, ба воситаи он фонди пӯшонидани талафоти имконпазирро ташкил додан мумкин аст, ки ин фонд зарари ба миён омадаро метавонад пӯшонад.

Назарияҳои омӯхташударо ба инобат гирифта, фоидаро дар шароити иқтисоди бозоргонӣ чунин шарҳ додан мумкин аст:

- Фоида мақсади асосии субъекти хоҷагидори соҳаи иқтисодӣ, хусусан дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба ҳисоб меравад;
- Фоида натиҷаи мусбии истифодаи захираҳо ҳамчун омили истеҳсолот буда, маҳорати соҳибкорро муайян менамояд;
- Фоида нишондиҳандаи асосии ҳавасмандгардонии соҳа ба ҳисоб рафта, ба даст овардани натиҷаи муваффақиятро нишон дода, соҳибкорро водор месозад, ки дар фаъолияти худ хавфро бартараф намояд;

• Фоида на танҳо бо натиҷаҳои молиявии ба даст омада соҳибкорро ҳавасманд месозад, балки дар зеҳни ӯ шӯълаи умедро бедор месозад, чунки дар фаъолияти тавакалонаи худ соҳибкор вақти худ, маҳорати худ ва дониши худро истифода бурда, қарорҳои вобаста ба фаъолият дахлдошатро қабул менамояд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло барои ба таври мушаххас баён намудани моҳияти фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсолии маҳсулоти ширӣ тавассути расми зерин шарҳ дода мешавад:

**Расми 1.2.3. Фоида ҳамчун меҳвари фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ***




***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст: Аз рӯйи адабиёти истифодашуда.

Мақсади асосии идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъмин намудани оптимизатсияи ташаккул, тақсимот ва истифодаи он ҳам дар давраи ҷорӣ ва ҳам дар дарозмуддат буда, дар вазифаҳои зерин муайян карда шудааст:

1. Таъмини зиёд кардани ҳаҷми фоидаи ба даст овардашуда, ки ба имкониятҳои корхона ва шароити бозори идоракунӣ мувофиқ аст.

2. Таъмини таносуби оптималии байни сатҳи фоидаи ҳосилшуда ва дараҷаи хавфе, ки дар шароити додашуда қобили қабул аст. Фоида бояд бо назардошти дараҷаи таваккали додашуда ташаккул дода шавад. Кӯшиши ба ҳадди аксар расонидани фоида сатҳи хавфро зиёд мекунад ва дар ниҳоят ба ҳаҷми фоида таъсири манфӣ мерасонад.

3. Таъмини сифати баланди фоидаи ташкилшуда, ки тавассути ташаккули фоида дар рафти фаъолияти асосии амалиётӣ, инчунин сармоягузории воқеии захираҳои иқтисодӣ ба даст оварда мешавад.

4. Таъмини пардохти дараҷаи зарурии даромад аз сармояи гузоштаи соҳибони корхона. Сатҳи пардохти даромад ба соҳибони сармоя бояд дар оянда аз меъёри миёнаи даромад дар бозори сармояи миёна ва дарозмуддат баландтар бошад.

5. Аз ҳисоби фоидаи соф ба миқдори кофии захираҳои молиявии дохилӣ мувофиқи мақсадҳои ҷорӣ ваояндаи корхона таъмин карда шавад. Андозаи фоидаи софи ба вуҷудовардаи корхона имкониятҳои корхонаро барои ташаккули захираҳои молиявӣ, ташкили фондҳои гуногуни молиявӣ, аз ҷумла: тараққиёти истеҳсолот, фонди захиравӣ, фондҳои суғурта, фондҳои таъиноти махсус, фондҳои тараққиёти иҷтимоиро муайян мекунад.

6. Таъмини афзоиши доимии арзиши бозории корхона. Ин вазифа, ки дар раванди капитализатсияи фоида ва афзоиши фонди дивиденд ҳал карда мешавад ва барои таъмини баланд шудани дараҷаи некуаҳволии сохибони корхона дар давраи хозира ва оянда пешбинӣ шудааст.

Бояд гуфт, ки вазифаҳои баррасишудаи идоракунии фоида бо ҳам алоқаманданд ва онҳоро дар алоҳидагӣ иҷро намудани ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, дар раванди фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ вазифаҳои инфиродӣ бояд байни ҳамдигар ҳамоҳанг ва оптимизатсия карда шаванд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ҳадафи асосии идоракунии фоида таъмин намудани некӯаҳволии ҳадди аксари соҳибони корхона дар давраи

ҷорӣ ва оянда буда, бо мақсади мутобиқат намудани манфиати давлат ва соҳибони корхона дар як вақт равона шудааст.

Зарур аст, ки талаботи бозори дохилиро ба маҳсулоти хушсифати саноати хӯроквории ватанӣ на танҳо пурра қонеъ гардонем, балки воридоти маҳсулоти пастсифати аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфтаро бекор ва баъд аз он берун кардан лозим аст [25].

Моҳияти фоида ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар вазифаҳои он таҷассум ёфтааст ва олимони риштаи иқтисодӣ то имрӯз як қатор вазифаҳои фоидаро муайян намудаанд, ки муҳимтарини онҳо ҳавасмандгардонӣ, тақсимотӣ ва самаранокии фаъолият мебошад[26]. Бо истифода аз фикру ақидаҳои иқтисодчиёни ватаниву хориҷӣ вазифаҳои фоидаро дар расми зерин тавсиф менамоем:

**Ҷадвали 1.2.1. Вазифаҳои фоида ва тавсифи онҳо***

| Вазифаҳои фоида | Тавсифи вазифаҳои фоида |
|---|---|
| Назоратӣ | Фоида ҳамчун натиҷаи молиявии корхона самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаро тавсиф намуда, ба натиҷаи баамалбарории вазифаи мазкур омилҳои аз корхона вобастабуда ва вобаста набуда таъсир мерасонад. |
| Такрористеҳсолӣ | Фоида яке сарчашмаҳои асосии такроистеҳсоли васеъ ба ҳисоб меравад. |
| Ҳавасмандгардонӣ | Фоида манбаи ягонаи ташаккули фонди рушди иҷтимоӣ ва дигар фондҳо, пардохти даромад ба соҳибмулкон, ҷорисозии навовариҳои илмӣ техникӣ дар фаъолият мебошад. Фоида унсури асосии захираҳои молиявии корхона буда, принсипи худмабалғгузориро дар корхона таъмин мекунад. |
| Ташаккул додани буҷет | Фоида сарчашмаи асосии ташаккули даромадҳои буҷетӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаи мазкур бо фаъолияти молияи давлатӣ ва иҷрои вазифаи азнавтақсимкунӣ ва танзимкунанда алоқаманд аст, ки таҳияи |

[25] Хоналиев Н. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе: “Ирфон”, 2007. –С. 292.
[26] Блауг М. Экономическая мысль в ретроперспективе. М.: “Академия народного хозяйства” - 1994. – С. 687.

| | |
|---|---|
| | сиёсати андозии давлатро тақозо мекунад. |
| Иҷтимоӣ | Фоида манбаи маблағҳо барои амалисозии масъулияти иҷтимоӣ дар тиҷорат мебошад. |
| Баҳодиҳӣ | Фоида сатҳи истеҳсолотро дақиқ ва мушаххас инъикос намуда, таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагидориро баҳогузорӣ менамояд. |
| Тақсимотӣ | Фоида воситаи тақсими даромади соф миёни корхона ва буҷа мебошад. |

***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст: Аз рӯйи адабиёти истифодашуда.

Бояд қайд намуд, ки дилхоҳ корхона бидуни идоракунии самаранок ба ҳадафҳои худ ноил шуда наметавонад ва дар шароити рақобати шадиди иқтисодӣ талаботи ҷиддӣ ба сифат, саривақтӣ, пуррагӣ, эътимоднокии маълумотҳои иқтисодӣ ва таҳлили нишонҳидандаҳои молиявиро талаб менамояд.

Дар байни мақсаду вазифаҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар соҳаи идоракунии молиявӣ мунтазам баланд бардоштани арзиши моликияти корхона, яъне зиёд кардани арзиши он мавқеи махсус дошта, бо фоида алоқаи зич дорад. Дар баробари ин, дар ин ҷо ба сиёсат дар самти тақсимоти фоида нақши бузург дошта, афзалияти тараққиёти истеҳсолот нисбат ба додани дивиденд буда, нуқтаи истинод барои корхонаҳо нархгузории бозории коғазҳои қиматнок (саҳмияҳо) мебошад.

Тағйирпазирии равишҳо ба таҳияи қарорҳои инфиродии идоракунӣ ташаккули қарорҳои идоракуниро дар соҳаи идоракунии фоида тавре дар назар дорад, ки онҳо сенарияҳои алтернативии рушди рӯйдодҳои иқтисодиро ба назар гиранд. Ҳамин тариқ, ҳангоме, ки ягон омил ба сатҳи фоида таъсир мерасонад, қарорҳои идоракунӣ бояд ба тағйирот мутобиқ шаванд ва агар имконпазир бошад, таъсири манфии муҳити тағйирёфтаро барои фаъолияти корхона ба сатҳи фоидаи гирифташуда кам карда шавад.

Принсипҳои охирини аз ҷониби умум эътирофшуда хусусияти мураккаби ташаккули қарорҳои идоракунӣ - муносибати байни қарорҳои идоракуниро оид ба идоракунии фоида ва ҳадафи ниҳоии идоракунии фоида пешниҳод мекунад. Чунин ақида аз он бармеояд, ки на ҳамаи амалиётҳо дар корхона фоиданоканд, ғайр аз ин баъзе аз онҳо боиси кам шудани захираҳои молиявӣ гардида, боиси зарар низ мешаванд. Аммо, дар якҷоягӣ, натиҷаҳои ҳамаи амалиётҳо бояд ба фоида оварда расонанд ва ин асоси идоракунии самараноки натиҷаи мусбии молиявӣ мебошад.

Омӯзиши адабиётҳои самти мазкур дар солҳои охир ба мо имкон дод, ки дар баробари принсипи умумии идоракунӣ принсипҳои дигари идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳслоти шириро пешниҳод намоем:

1. Системаи идоракунии фоида. Принсипи мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи роҳҳои алтернативии молиявиро дар бар мегирад, ки ба вазъи мувозинати молиявии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар муддати кӯтоҳ ва тӯлонӣ таъсир мерасонанд.

2. Моҳияти илмии усулҳои баҳодиҳии даромаднокии корхона. Дар он банақшагирии фоида дар асоси таҳлили маълумоти ҳисоботӣ ва муайян кардани арзишҳои пешгӯии нишондиҳандаҳои молиявӣ дар назар дошта шудааст.

3. Баҳисобгирии мутаносибии оптималии сатҳи фоида ва сатҳи қобили таваккал. Принсипи мазкур аз интихоби амалиёти эҳтимолии хавфнок иборат аст, ки самаранокии бештари натиҷа (фоида) бо сатҳи ҳадди ақал ё қобили қабули хавфро ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ медиҳад.

Ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи асосии дар пеш гузошташуда ҳангоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ бояд тақсими амалиёти истеҳсолӣ ба унсурҳои таркибӣ ва омӯзиши ҳар яки онҳо, кор карда баромадани усулҳои стандартии иҷрои ҳар як амалиёт ва бо усулҳои кӯҳнаи муқарраршудаи кор

иваз намудани онҳо, интихоби коргарон барои ҳар як амалиёт бо назардошти қобилиятҳои зарурӣ ва барои беҳтар иҷро намудани амалиётҳо ба онҳо омӯзонидани усулҳои нави корбарӣ, муқаррар намудани музди дифференсиалӣ вобаста ба иҷрои меъёрҳои мукарраршуда, ҳамкории роҳбарон ва коргарон дар татбики ташкили нави меҳнат, баробар ва одилона тақсим кардани меҳнат ва масъулият дар байни коргарон дар амал татбиқ карда шавад.

Барои муайян намудани самтҳои идоракуниии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва такмилдиҳии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки аз таҷрибаи идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии давлатҳои хориҷӣ истифода намоем.

Ҳамин тавр гуфтан мумкин аст, ки дар қатори омилҳои истеҳсолот фоида низ яке аз омилҳои истеҳсолот ба ҳисоб рафта, аз “маҳорати соҳибкор” вобаста мебошад ва қисми фоидае, ки дар ихтиёри соҳибкор аст, аз натиҷаи фаъолияти ӯ, маҳорати ӯ ва тарзи роҳбарии ӯ ба даст меояд ва ӯро ҳавасманд месозад[27].

## 1.3. Таҷрибаи хориҷии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ.

Ҳолати рушди корхонаҳои саноатӣ ҳамчун омили калидии рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ, фаъолияти самараноки корхона, рақобатпазирӣ дар шароити бозор дар сатҳи зарурӣ ба он муайян карда мешавад, ки идоракунии хароҷотҳо ҳамчун яке аз роҳҳои имкони афзоиши натиҷаи фаъолият то чӣ андоза оқилона ба роҳ монда шудааст. Раванди мазкур на танҳо ба кам кардани хароҷот дахл дорад, балки идоракунии ҳамаи марҳилаҳои фаъолияти хоҷагидории молиявии корхонаро дар назар дорад ва хусусияти системавиро дар худ касб мекунад. Ғайр аз ин,

[27] Сей Ж.Б. Трактат политической экономии. М.: “Директ - Медиа”, 2007. - С.67.

маълумот оиди хароҷотҳо асос барои қабули доираи васеи қарорҳои идоракунӣ, ки ба интихоби номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда, сиёсати нархгузорӣ, тақсимоти захираҳои мавҷуда вобаста аст, ба ҳисоб меравад.

Барои ноил шудан ба фоидаи максималӣ зарур аст, ки ҳаҷми истеҳсолот зиёд карда шавад ва ё хароҷотҳо кам карда шаванд. Дар шароити рақобати шадид ва талаботи маҳдуд барои фоидаи бештар ба даст овардан интихоби варианти дуюм кам намудани хароҷотҳо бештар барои расидан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки роҳҳои баланд бардоштани фоидаи корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар маҷмӯъ вобаста ба омӯзиши омилҳои таъсиррасон, тарзи банақшагирӣ ва номгӯи маҳсулоти истеҳсолнамуда интихоб ва истифода бурда мешавад. Бинобар ин мо низ, дар навбати худ бо истифода аз адабиётҳои хориҷӣ дар маҷмӯъ таҷрибаи давлатҳои хоирҷиро барои баланд бардоштани фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мавриди омӯзиш қарор додем.

Дар кишварҳои хориҷӣ, захираи назарраси афзоиши фоида аз байн бурдани пардохтҳои истеҳсолӣ барои музди меҳнат аз ҳисоби пардохт барои бекористии рӯзона ва соатҳои бекористии дохилӣ, пардохтҳои иловагӣ барои кори изофагӣ, пардохтҳои иловагӣ ба коргарон бо сабаби дур шудан аз шароити муқаррарии кор ва ғайра, кам кардани талафот аз ҳисоби нуқсон, вайрон шудани масолеҳ ва маҳсулот, аз ҳисоби хароҷотҳои хизматрасонӣ ва идоракунӣ дар истеҳсолот рафъ сохтани хароҷотҳои ғайриистеҳсолӣ ва талафоти маблағ мебошад.

Одатан, маълумот дар бораи музди меҳнати бесамар кам гардида, зарари воқеии фоидаро инъикос намекунад. Дар аксари корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ норасогии арзишҳои молу масолеҳ вуҷуд дорад, аммо миқдори онҳо дар ҳисобот дида намешавад ва онҳо дар хароҷотҳои моддӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Бартараф кардани пардохтҳои истеҳсолӣ,

норасоӣ, зиён ва хисорот аз молу масолеҳи нуқсондор афзоиши фоида мебошад.

Гирифтани самараи баландтарин бо сарфи камтарини захираҳои молиявӣ, моддӣ, меҳнатӣ аз сиёсати идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатӣ вобаста аст, ки он ҷустуҷӯи роҳҳои кам кардани онҳоро дар бар мегирад. Барои таҳлили аниқ ва кам кардани хароҷоти истеҳсолоти маҳсулоти ширӣ низоми идоракунии хароҷот аз ҳама мувофиқ буда, имконияти аниқ ба нақша гирифтани хароҷот барои давраҳои ояндаро дода, самаранокии истеҳсолотро таъмин менамояд.

Фаъолияти самаранокии корхонаҳои дорои технологияҳои баланд ба истифодаи оқилонаи тамоми намуди захираҳо вобаста аст, ки ин зарурати гузаштани корхонаи саноатӣ ба низоми оптималии идоракунии хароҷотро ба миён меорад. Фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсолии маҳсулоти ширӣ дар ин шароит такмил додани усулу шаклҳои низоми идоракунии хароҷот ва сохтани структураҳои мутобиқшудаи идоракуниро талаб мекунад. Ин аст, ки муайян ва истифода бурдани омилҳои сарфаи захираҳо, кам кардани хароҷот вазифаи ҳар як корманди корхонаи саноатӣ мебошад.

Ҳамин тавр, бисёре аз муаллифон идоракунии хароҷотро ҳамчун яке аз самтҳои менеҷмент медонанд. Тасаввуроти мазкур оид ба идоракунии хароҷот ҳам аз нуқтаи назари таркиби вазифаҳо – амалиётҳои алоҳидаи идоракунӣ, аз ҷумла банақшагирӣ, назорат, таҳлил, баҳисобгирӣ ва дигар намудҳои фаъолият ва ҳам аз рӯи мавқеи мақсадҳо барои дастовардҳое, ки ин амалҳо вобаста аст, асос ёфтааст. Азбаски мақсадҳои идоракунӣ бо истифодаи роҳу воситаҳои гуногуне, ки ба объектҳои идоракунӣ имкони таъсиррасонӣ доранд, ба даст оварда мешаванд, он гоҳ идоракунии хароҷотро метавон ҳамчун яке аз самтҳои менеҷмент тавсиф намуд.

Идоракунии хароҷот ва самаранокӣ низоми равандҳои ба ҳам алоқаманд буда, ба андоза ва сохтори хароҷот ва натиҷаҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсири мақсаднок мерасонад, чунки

ҳарду ҳамчун як соҳаи функсионалии идоракунӣ ва ҳамчун як самти мустақил дар идоракунии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба ҳисоб мераванд.

Идоракунии хароҷот равандест, ки дорои параметрҳои муайян ва хусусиятҳои хос буда, асоси фаъолияти соҳибкорӣ мебошад ва ба таъмини самаранокии ҳадди аксар тавассути иҷрои вазифаҳои худ ва истифодаи воситаҳои махсуси идоракунии хароҷот нигаронида шудааст.

Функсияҳои идоракунии хароҷот, ба монанди банақшагирӣ, ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва танзим, баҳисобгирӣ, таҳлил, назорат, фаъолсозӣ ва ҳавасмандгардонӣ дар бисёр корхонаҳои саноатӣ ба ин ё он дараҷа амалӣ карда мешаванд, аммо уҳдадорӣ ва масъулият барои иҷрои онҳо иҷроиши дақиқ надоранд. Бинобар он, ки хусусиятҳои сохтори функсионалии ташкилӣ, баҳисобгирии хароҷот ва банақшагирӣ хаттӣ амалӣ карда мешавад, дар аксар ҳолат вазифаҳои боқимондаи идоракунии хароҷот ё умуман пешниҳод карда намешаванд ё қисман иҷро карда мешаванд. Ҳамин тавр, дар ҷойҳои ба амал омадани хароҷот назорати хароҷот гузаронда намешавад ва ба сабабҳои ба амал омадани хароҷот ба кадри кифоя диққат дода намешавад. Дар аксар мавридҳо хароҷоти бесамар дар натиҷаи дуруст ташкил накардани раванди истеҳсолот, ки боиси беҳуда сарф шудани ашёи хом, ғайрисамаранок иҷро намудани баъзе амалиёти технологӣ, талафот аз бекористии таҷҳизот ва фарсудашавии таҷҳизот, барои сари вакт нарасидани қисмҳои эҳтиётӣ ва таъмир нагардидани онҳо мегардад, ки дар натиҷа боиси сарфи маблағи зиёдатӣ ва хароҷоти иловагӣ мегардад, ба амал меояд. Оқибати пурра иҷро нагардидани функсияҳои идоракунии хароҷот дар он аст, ки дар корхонаҳои саноатӣ ба кадом сабабҳо ва дар куҷо ба вуҷуд омадани хароҷот эътибор намедиҳанд, омилҳоеро, ки ба маблағи хароҷот таъсир мерасонанд, муайян ва бартараф намекунанд, ба самаранокии истифодаи захираҳои корхона баҳои дуруст намедиҳанд.

Максад аз он иборат аст, ки усулҳои мавҷудаи идоракунии хароҷот ба сарфаю сариштакорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо, таҳлил ва самаранокии истифодаи онҳо асос ёфтаанд. Барои муқоисаи объективии хароҷоти корхонаҳои саноатӣ бояд усулҳо ва стандартҳои мавҷуда дар хориҷи кишвар истифодашаванда омӯхта шаванд.

Дар таҷрибаи давлатҳои Ғарб усулҳои гуногуни идоракунии хароҷотҳо дар низоми идоракунии хароҷотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба назар мерасад, ки барои оптимизатсияи хароҷотҳо истифода бурда мешаванд[28]. Самаранокии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатӣ аз интихоби усулҳо ва воситаҳои идоракунӣ ва истифодаи оптималии онҳо вобаста аст. Усулҳое, ки барои идоракунии муассир истифода мешаванд, як роҳи таъсиррасонӣ ба хароҷот барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳо мебошанд.

Ба системаҳои асосии методологии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатӣ дохил мешавад: “директ-костинг”, “стандарт-костинг”, “таргет-костинг”, усули ABC ва ғайра.

---

[28] Глазов М.М., Фарова И.П. Система «стандарт-костинг» как основа совершенствования учета и управления затратами. Общество.Среда.Развитие. №1’2015. - С. 11-15.
Свириденко В.А. Комплексная система управления затратами промышленного предприятия. Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки №4(199). 2014.- С. 59-65.
Сулоева С.Б., Гульцева О.Б. Традиционные и современные системы управления затратами: сущность и особенности. Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки №4(246). 2016. -С. 173-179.
Толмачева О.И. Целевое управление затратами промышленных предприятий на основе применения систем таргет-костинга и кайзен-костинга. Journal of Economy and Business, vol.12-2.
Ершова М.В., Жариков Р.В., Жариков Д.В. Модель снижения себестоимости продукции на промышленных предприятиях. Организатор производства. №2. 2016. - С.67-78.
Кирсанова Д.А., Жариков В.Д., Повышение конкурентнособособности продукции за счет снижения издержек на её производчтов и сбыт. Социально-экономические явления и процессы. Т.11, №4, 2016. - С. 28-33.
Морозова Н.С., Меркулова Е.Ю. Анализ себестоимости продукции. Социально-экономические явления и процессы. Т.11, №8. 2016. - С.66-71.
Прищенко А.Е., Низовкина Н.Г. Совершенствование системы учета затрат и калькулирования себестоимости. Мир экономики и управления. Том 18, №2. 2018. - С. 121-131.
Сысо Т.Н. Оптимизация управления затратами предприятия. Вестник Омского университета. Серия «Экономика». №4. 2011. - С. 135-143.
Савосина К.В. Анализ различных методов оптимизации затрат. International journal of Humanitarues and Natural Sciences, vol.10-2 (37), 2019. - С. 59-62.
Савосина В.К. Отдельные аспекты оптимизация производственных затрат фирмы. Journal of Economy and Business, vol. 10-2 (56). 2019. - С. 71-73.
Соломенникова А.Е., Прищенко А.В., Гурин В.В. Совершенствование нормативного метода учета и контроля затрат. Мир экономики и управления. Том 17, №2. 2017. - С. 121-129.

**Директ-костинг.** Хароҷотҳо ба хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбанда ҷудо карда шуда, хароҷотҳои иловагии доимӣ ба арзиши аслии маҳсулот дохил нашуда, бевосита аз ҳисоби фоида ва зарари дар ҳамон даврае, ки ба вуҷуд омадаанд, ҳисоб карда мешаванд. Бартарияти усул дар он мебошад, ки маълумоти зарурӣ аз баҳисбогирии молиявии мунтазам бе бунёди равандҳои иловагии баҳисобгирӣ ба даст оварда шуда, фоидаи дар давраи муайян ба дастомада аз хароҷотҳои доимии иловагие, ки ҳангоми тағйирёбии бақияи захираҳо вобаста намебошад, ба даст оварда мешавад. Дар ин ҳолат меҳнатталабии тақсимоти хароҷотҳои иловагӣ коҳиш меёбад ва муайян кардани саҳми ҳар як намуди маҳсулот дар ташаккули корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имконипазир мегардад. Истифодаи усули мазкур дар якҷоягӣ бо усули стандарт-костинг имкон медиҳад, ки барномаи истеҳсолӣ оптимизатсия кунонида шуда, нархи маҳсулоти нав оқилона муайян карда шавад, ҳамзамон зарур будан ва ё рад намудани фармоишҳои нав асоснок карда шавад. Усули мазкур имкон фароҳам меорад, ки интихоб намудан байни истеҳсолоти худӣ ё харидорӣ намудани маҳсулот ба роҳ монда шавад.

Камбудии усули мазкур дар он мебошад, ки аксари намуди хароҷотҳоро бешубҳа ба хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбанда ҷудо намудан номумкин аст. Дар ин ҷо ба хароҷотҳои доимӣ диққати кам дода мешавад ва таҳрифи натиҷаи молиявӣ бо сабаби кам нишон додан ё аз будаш зиёд нишон додани арзиши маҳсулоти қаблан истеҳсолшуда мебошад. Усули зикршуда тасаввуроти ғалати даромаднокии лоиҳаҳои мураккаби технологиро ба вуҷуд меорад, ки сармоягузориҳои зиёдро талаб мекунанд.

Усули навбатӣ **абзорпшн-костинг** ба ҳисоб рафта, дар ин усул ба арзиши аслии маҳсулот ҳамаи хароҷотҳо дохил мешаванд (аз ҷумла хароҷотҳои иловагӣ низ). Истифодаи усули тақсимоти хароҷотҳои иловагӣ имкон медиҳад, ки ҳаҷми хароҷотҳои иловагии як адад воҳиди маҳсулот ва арзиши аслии он дақиқтар муайян карда шавад. Бартарият дар он мебошад,

ки дар ин усул тақсимоти хароҷотҳо ба хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбанда вуҷуд надорад ва натиҷаи молиявии фаъолияти корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аниқтар муайян карда мешавад. Фарогирии даромад аз фурӯши маҳсулоти ҳар як намуд ё намуди фаъолияти на танҳо хароҷоти мустақими тағйирёбанда, балки хароҷоти доимии иловагиро низ инъикос менамояд. Дар усули мазкур имконияти зиёд кардани асоснокии интихоби фармоиши иловагӣ ё рад кардани он мавҷуд аст.

Камбудии усул дар он аст, ки хароҷотҳои иловагӣ ҳангоми тақсимот тарҷеӣ ва шартӣ дида мешавад ва арзиши аслӣ ба як адад воҳиди маҳсулот танҳо дар охири давра муайян карда мешавад. Усули мазкур хусусияти шартӣ доштани тақсимоти хароҷотҳои иловагиро дорад. Ба арзиши аслии маҳсулот шомил шудани хароҷотҳои ба истеҳсолот марбутнабуда, мураккаб сохтани тартиботи баҳисобгирӣ ва ҳисоббаробаркунӣ, таваҷҷуҳи нокифоя доштан ба хусусияти хароҷотҳои вобаста ба ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда камбудии асосии усул ба ҳисоб меравад.

**Стандарт-костинг** усули дигарест, ки дар он барои ҳар як намуди хароҷот (хароҷотҳои моддӣ, меҳнатӣ ва дигар хароҷотҳо) меъёрҳои оқилонаи истифодаи захираҳо (стандарт) барои як адад воҳиди маҳсулот муайян карда мешавад. Дар ин усул хароҷоти захираҳо аз рӯи меъёрҳо ва канорагирӣ аз меъёри истифодаи захираҳо дар алоҳидагӣ ҳисоб карда мешавад ва ҳангоми ҳисоб намудан аз рӯи усули мазкур низоми стандартӣ (санадҳои меъёрӣ) мавҷуд аст. Бартарияти усул дар он аст, ки ташаккули заминаи иттилоотии зарурӣ барои таҳлил ва назорати хароҷотҳо, возеҳӣ дар инъикоси аз нақша баромадан дар раванди ташаккули хароҷотҳоро дорад. Бартарияти дигар дар усули мазкур дар он мебошад, ки кори баҳисобгирии марбут ба калкулятсиякунониро кам мекунад ва менеҷеронро сари вақт бо иттилоот дар бораи хароҷотҳои пешбининамудаи истеҳсолот таъмин менамояд.

Камбудиҳои усули номбаршуда дар он дида мешавад, ки истифодаи усул барои хароҷотҳои такрории даврагӣ лозим буда, мувафақияти

истифодаи усул аз таркиб ва сифати заминаи меъёрӣ вобаста аст ва муқаррар кардани меъёрҳо барои намудҳои алоҳидаи хароҷот имконнопазир мебошад.

**Дар усули АВС** фаъолияти корхонаҳои саноатии маҳсулоти истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шакли равандҳо ё амалиёти корӣ баррасӣ карда мешавад, ҳаҷми хароҷоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар давраи зикршуда ё хароҷот барои намуди муайяни маҳсулот дар асоси хароҷот барои татбиқи маҷмӯи равандҳо ва амалиётҳои дахлдор муайян карда мешавад, ҳангоми истифодаи усул васеъшавии низоми баҳисобгирии муҳосибавии амалкунанда ва зарурияти омӯзиши иловагии кормандон ба миён меояд. Бартариятҳои асосии усули мазкур дар он мебошад, ки афзоиши назарраси асоноккардашуда нисбати хароҷоти иловагӣ ба маҳсулоти мушаххас, калкулятсиякунонии аниқтари арзиши аслӣ ва таъмини робитаи иттилооти дастрасшуда бо раванди ташаккули хароҷот ба миён меояд.

Камбудии усул дар он аст, ки тағйироти ҷиддии баҳисобгирии муҳосибӣ ва такмили низоми иттилоотиеро тақозо мекунад, ки боиси ба миён омадани хароҷоти идоракунӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мегардад.

**Усули таргет-костинг** дар асоси ҳадафи муқарраршудаи фурӯши маҳсулот ва ҳаҷми фоидаи интизорбуда, ки аз арзиши аслии мақсаднок муқаррар карда мешавад ва дар оянда бо кӯшиши тамоми воҳидҳои сохтории корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъмин карда мешавад, арзиши аслии ба ҳадафагузошатшударо дар давраи банақшагирии маҳсулот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъмин менамояд. Усули мазкур воситаи стратегии идоракунии хароҷотҳо буда, ҳамкории наздики уфуқӣ байни бахшҳои функсионалии корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро таъмин менамояд ва истифодабарии доимиро тақозо мекунад. Ҳамчунин ташкили назорати доимии сатҳи хароҷотҳо ва эътимоднокии пешгӯиҳои маркетингӣ ва мавқеи дурусти ширкат дар бозорро имкон медиҳад. Бартариятҳои усул дар он мебошад, ки тамоюли

маркетингии муайян кардани хароҷоти мақсадноки маҳсулоти навро фароҳам меорад, зарурияти назорати хароҷотҳо ҳатто дар марҳилаи таҳияи маҳсулотро ба миён меорад.

Камбудии усул дар он аст, ки барои паст кардани хароҷотҳои мақсаднок ё баҳадафгузошташуда вақти зиёд ё сармоягузории ҷиддӣ метавонад сарф шавад, инчунин имкониятҳои техникии корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ на ҳама вақт метавонад арзиши аслиро то сатҳи пешбинишуда паст намояд.

**Усули кайзен-костинг** дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба даст овардани миқдори муайяни хароҷотро дар бар нагирифта, балки коҳиши доимӣ, бетанаффус ва ҳамаҷонибаи хароҷтоҳоро дар бар мегирад. Усули номбаршуда арзиши аслии баҳадафгириташударо дар раванди истеҳсоли маҳсулот таъмин менамояд, асосан дар идоракунии амалии хароҷот ва назорат аз болои сатҳи онҳо дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ истифода мешаванд ва истифодабарии доимиро таъмин менамояд. Истифодаи усули мазкур дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ пайваста такмил додани равандҳои нисбатан хурди истеҳсолӣ, ки дар якҷоягӣ метавонанд натиҷаҳои назаррас диҳанд, имкон дода, ҳамаи кормандонро барои баланд бардоштани муттасили сифати фаъолият ва ташкили системаи зарурии ҳавасмандгардонӣ ҷалб намояд. Бартарияти усул дар он мебошад, кам кардани хароҷотҳо ва дар сатҳи муқарраршуда нигоҳ доштани онҳоро дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъмин менамояд.

Камбудии асосие, ки дар усул мавҷуд аст, ҳавасмандгардонии кормандон ва фарҳанги корпоративӣ, ки ҷалби кормандонро ба фаъолияти корхона дастгирӣ мекунад, зарур мебошад.

**CVP – таҳлил (таҳлили нуқтаи безарар)** ба муқоисаи се бузургӣ асос ёфтааст: хароҷотҳои корхона, даромад аз фурӯш ва фоидаи ба дастомада, ки таносуби (муқоисаи) он имкон медиҳад, ки даромад аз фурӯш муайян карда

шавад, ки бо бузургиҳои маълум хароҷоти доимӣ ба як адад воҳиди маҳсулот фаъолияти безарар ё натиҷаи молиявии банақашгирифташударо таъмин намуда, риояи низоми иҷозатдодашударо дорад, яъне тағйир наёфтани нархҳо, тақсимоти хароҷотҳо ба хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбанда. Набудани инҳирофи воқеии хароҷотҳои доимӣ нисбат ба хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбанда низ яке аз хусусиятҳои усули мазкур мебошад. Ҳангоми истифодаи усули мазкур дар таҳлили вазъи молиявии корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ барои ҳалли графикӣ шумораи намудҳои маҳсулот набояд аз 3-4 намуд кам бошад. Бартариятҳои усули мазкур ҳангоми истифода дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар он мебошад, ки он имкон меиҳад ҳаҷми фурӯше, ки безарарии истеҳсолот ё натиҷаи молиявии мехостаро ба даст орад, муайян карда шавад ва дар баробари ин хусусияти соддагӣ, возеҳӣ ва самаранокиро дар худ дорад.

Дар усули мазкур камбудиҳои зерин ба назар мерасанд, аз ҷумла тақсимоти хароҷотҳои корхона ба хароҷтҳои тағйиёбандае, ки асосан аз ҳаҷми фурӯш ва хароҷотҳои доимие, ки аз он вобастагӣ надоранд, ки дар амалия татбиқ намудан хеле душвор мебошад. Ҳама гуна тағйирот дар омилҳои ба модел дохилшуда (хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбанда, ҳаҷми фурӯш ва нарх) метавонад дар натиҷаи ниҳоӣ тағйироти ҷиддӣ диҳад. Ҳангоми аз се намуд зиёд будани маҳсулот ҳалли графикии модел дар асоси фарзия имконнопазир гардида, ҳосилнокии меҳнате, ки хароҷоти тағйирёбандаро мустақиман муайян мекунад, аз микёс вобаста набуда, аз рӯи вақт тағйир намеёбад ва тағйироти сохторӣ дар ҳолати сифатӣ, ки тағйиротро дар системаи корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро тавсиф мекунанд.

**Усули бенчмаркинги хароҷотҳо** муқоисаи вазъи идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулотиширии пешрафтаро барои қабули минбаъдаи қарор дар соҳаи идоракунии хароҷот дар бар мегирад ва тақозо менамояд, ки корхонаи

истинод (эталон) дуруст инихоб карда шавад. Барои истифодаи усули мазкур мавҷудияти маълумоти пурра ва боэътимод дар бораи натиҷаҳои истинод ва усулҳои ба даст овардани онҳо зарур мебошад. Бартарияти асосии усули мазкур барои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар он аст, ки он имкон медиҳад то арзёбии ҳамаҷонибаи идоракунии хароҷотро дар муқоиса бо корхонаи истинодӣ ба даст оварда шавад, ки ин як шарти ҷиддии тадриҷан такмил додани идоракунии хароҷот дар асоси таҷриба ва технологияи корхонаҳои дигари саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мебошад.

Камбудии усули мазкур дар он дида мешавад, ки интихоби нодурусти корхонаи истинод самаранокии усулро коҳиш медиҳад ва дар татбиқи таҷрибаи корхонаҳои дигари истеҳсоли маҳсулоти ширӣ хислати пайгирона ва мақсаднокро талаб мекунад.

**Усули кост-киллинг** ба кам кардани хароҷот дар муддати кӯтоҳтарин бидуни зарар ба фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва дурнамои рушди он нигаронида шудааст ва дар идоракунии бӯҳрон ва идоракунии рақобат истифода бурда мешавад. Бартарияти усул дар он аст, ки истифодаи он дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкони онро медиҳад, ки хароҷотҳои дар муҳити дохилӣ ва берунӣ бавуҷудомада зуд бартараф карда шавад.

Камбудиҳои усул дар он аст, ки дуруштии (қатъият) (аз ҷумла кам кардани хароҷти музди меҳнат ва ихтисори кормандонро дар бар мегирад) татбиқи системавиро талаб мекунад (истифодаи давра ба давра ба намудҳои алоҳидаи хароҷот ё воҳдиҳои сохтории алоҳидаи корхона натиҷаи назаррасро намегузаронад).

**Дар усули LCC- таҳлил** хароҷотҳо барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти мушаххас дар тамоми давраи зиндагии он муайян карда мешавад ва баъдан бо даромади дахлдор муқоиса карда мешавад. Усули мазкур дар идоракунии стратегии хароҷотҳо татбиқ карда шуда, мавҷудияти тавсифи

дақиқ ва муфассали маркетингии вазъи бозор ва мавқеъгирии маҳсулот ё хизматрасониҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро дорад. Хусусияти усул дар он мебошад, ки ҳангоми истифодаи он возеҳ муайян кардани марҳилаҳои давраи ҳаёти маҳсулот ба назар мерасанд. Бартариятҳои усул дар он мебошад, ки дар давраҳои дарозмуддат ба даст овардани хароҷот ва пӯшонидани онҳо бо даромади маҳсулоти дахлдор (мувофиқ), таъмини пешгӯии дақиқи ҳамаи хароҷотҳо ва мувофиқати даромадҳои бадастомада нисбати хароҷотҳо, нисбат ба истеҳсоли маҳсулот дар маҷмӯъ мувофиқ ва таъмини роҳнамоии стратегӣ дар сохтори хароҷот ва муқоисаи он бо сохтори даромад мебошад.

Камбудиҳои усул ҳангоми истифода дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар он аст, ки давра ба давра набудани натиҷаи молиявӣ, номуайянӣ дар ҳисоби хароҷотҳои иловагӣ: агар онҳо ба инобат гирифта нашаванд, эҳтимолан маълумоти истифодашуда бартарӣ хоҳад дошт ва барои ба даст овардани маълумоти иловагӣ ба таври васеъ хароҷоти зиёдро талаб мекунад.

**Усули VCC** занҷири арзиши истеъмолиро баррасӣ мекунад, аз ҷумла таҳлили хароҷотро, ки ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мустақиман таъсир намерасонад, пешбинӣ мекунад ва дар идоракунии стратегии хароҷот татбиқ карда мешавад. Хусусиятҳои мутобиқати мавқеъгирии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба хусусиятҳои фаъолияти корхона ва шароити мавҷудаи бозор, дониши мукаммал дар бораи шароити бозор, равандҳои дохилии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсуоти ширӣ, дарки пурраи фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бо корхона ҳамкорӣ мекунанд, дорад.

Бартарияти истифодаи усули мазкур дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар он дида мешавад, ки он ба истифодабарандагон имкон медиҳад, ки миқдори хароҷоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро дар партави эҷоди арзиши нав

муаррифӣ намоянд, имконпазирии равандҳоро, ки боиси ташаккули хароҷотҳо мегарданд, арзёбӣ кунанд ва хароҷоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро бо даромади пешбинишуда пурра пайвандад.

Ҳангоми истифода аз усули мазкур дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ чунин камбудиҳо аз ҷумлаи таъмини дастгирии дахлдори иттилоотӣ, оптимизатсияи доимии хароҷотҳоро дар доираи идоракунии амалии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва иштироки муттахасисони соҳибихтисосро талаб мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки омӯзиши ҳамаҷониба ва муфассали равишҳои мавҷуда оид ба идоракунии хароҷотҳои корхонаҳои саноатӣ, интихоби оптималии яке аз онҳо, бо назардошти ҳама паҳлӯҳои мусбат ва манфии истифода дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо мутобиқсозии минбаъда, бо назардошти тамоми хусусиятҳои ташкилот, боиси афзоиши самараи иқтисодии истеҳсолот мегардад.

Дар асоси омӯзиши бартариятҳо ва камбудиҳои усулҳои ҳисоб намудани хароҷотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки истифодаи усули АВС, бенҷмаркинги хароҷотҳо ва усули CVV-P таҳлил барои истифода дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мувофиқ мебошад. Истифодаи усули бенҷмаркинги хароҷотҳо дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкон медиҳад, ки корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширие, ки дар бозори истеъмолӣ маҳсулоташон ба рақобат тобовар намебошанд, таҷрибаи онҳо омӯхта шавад ва дар амал барои самаранок намудани фаъолияти истеҳсолӣ истифода бурда шавад.

Истифодаи усули CVP низ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкон медиҳад, ки нуқтаи безарари истеҳсолот пайдо гардида, фоида дар ин давра зиёд карда шавад. Истифодаи усули мазкур барои корхонаи истеҳсолкунандае, ки ассортименти маҳсулоташон зиёд мебошад, истифода бурдан мумкин аст.

Дар боби дуюм бо мақсади баландбардории фоида тибқи таҳлили маълумотҳои омории корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе вазъи фаъолияти онҳо муайян гардида, вобаста ба он усули ҳисоб намудани хароҷотҳои истеҳсолӣ интихоб гардида, ҷиҳати дар истифода қарор додани он пешниҳод карда мешавад.

Нуқтаи муҳимеро бояд ба инобат гирифт, ки дилхоҳ усуле, ки ҳангоми ҳисоб намудани хароҷотҳо истифода бурда мешавад, дар худ хусусияти хосро доро мебошад, ки ҳангоми интихоби он корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро зарур аст, ки тибқи стратегияи интихобнамуда ва тасдиқнамудаи худ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва ҳаҷми ҳароҷотҳои корхонаро ба инобат гирифта, интихоб намоянд.

Мавҷудияти намудҳои дахлдори ҳисоботи дохилии ҳаррӯза, ҳафтаина ва моҳона оид ба хароҷоти амалиётӣ имкон медиҳад, ки инҳирофҳо, сабабҳои онҳоро зуд муайян намуда, барои бартараф намудани онҳо сари вақт чораҳои ислоҳӣ андешида шавад[29].

Ба андешаи мо, дар системаи идоракунии хароҷот самараноктарин равиши функсионалӣ мебошад, зеро ин система имкон медиҳад, ки тамоми вазифаҳои идоракунӣ дар корхонаҳои саноатӣ иҷро карда шавад, яъне функсияҳо бояд тавассути унсурҳои раванди идоракунӣ: банақшагирӣ, пешгӯӣ, стандартизатсия, ташкил, нархгузорӣ, ҳавасмандкунӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил, танзим ва назорати хароҷот амалӣ карда шаванд.

Иҷрои ҳамаи вазифаҳои идоракунӣ барои ҳамаи элементҳо ин ҳамкории зерсистемаи идоракунӣ (субъекти идоракунӣ) ба зерсистемаи идорашаванда (объекти идоракунӣ) мебошад. Татбиқи функсияҳои идоракунии хароҷот ба таври пурра барои ҳамаи унсурҳо ба корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки системаи умумии идоракунии хароҷот дар корхона эҷод карда шавад.

---

[29] Волкова С.А. Система управления затратами высокотехнологичного предприятия / Экономинфо. 2017. №1-2 –www.cyderleninka.ru

Ҳадафҳои системаи идоракунии хароҷот аз ҳадафҳои корхона бармеоянд ва огоҳӣ аз маҳдудиятҳое мебошад, ки ба рафтори ҷорӣ ва оянда гузошта шудаанд ва ба таҳлили ниёзҳо, хоҳишҳо ва орзуҳои гузашта ва оянда асос ёфтааст.

Ҳадафи асосии системаи идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ин ноил шудан ба сарфаи захираҳо ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо мебошад, ки бояд хароҷотро кам кунад ва мутаносибан фоида ва даромаднокӣ афзоиш ёбад.

Фаъолияти системаи идоракунӣ ба баланд бардоштани самаранокии тамоми корхона нигаронида шудааст. Бинобар ин, натиҷаҳои амал ва нишондиҳандаҳои асосии самаранокии идоракунии хароҷоти корхона бо натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти корхона муайян карда мешаванд.

Идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ин сарфаи самараноки захираҳо ва ба ҳадди аксар расонидани фоидаи онҳо мебошад. Бинобар ин, хароҷот ё хароҷоти иқтисодӣ (чун категорияи асосии илми иқтисодӣ ва соҳибкорӣ) бояд аз мавқеи дастурҳои возеҳи методологӣ таҳлил карда шаванд, ки менеҷеронро ба роҳи кӯтоҳтарин ба сӯи ҳақиқат ҳавасманд намуда, ба амалӣ намудани оптимизатсияи онҳо мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, барои самаранок идора кардани хароҷот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ системаеро ташкил кардан лозим аст, ки маҷмӯи унсурҳо ва равандҳои идоракунии хароҷотро бо вазифаҳо ва муносибатҳои хоси онҳо дар бар гирад. Системаи идоракунии хароҷот бояд ба ноил шудан ба ҳарду ҳадафҳои дар назди корхона гузошташуда равона карда шавад. Аз ин рӯ, таъмини самаранокии системаи идоракунии хароҷот тавассути баланд бардоштани фаъолияти корхона тавассути татбиқи маҷмӯи тадбирҳо оид ба оптимизатсияи хароҷот ба даст оварда мешавад.

Дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар баробари кам кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ тавассути усулҳои гуногуни ҳисобкунӣ, муттаҳид

намудани корхонаҳои фаъолияташон бо ҳам алоқаманд дар сатҳи минтақа низ барои рақобатпазир гародонидани маҳсулоти истеҳсолӣ ва расидан ба ҳадафаҳи ниҳоӣ пазируфта шуда, маҳз кластеризатсия ба корхонаҳои саноатӣ имкон додааст, ки дар бозор мавқеи устуворро ишғол намоянд. Ташкил ва рушди кластерҳои саноатӣ дар минтақаҳои кишвар бо назардошти стратегияи рушди минтақаҳо ва тарҳи банақшагирии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд[30].

Ташкили кластерҳо дар давлатҳои хориҷии тараққикарда яке аз роҳҳои перспективии зиёд намудани самаранокии зеркомплексҳои маҳсулоти ширӣ ба ҳисоб меравад. Дар аксари давлаҳои ҷаҳон, аз ҷумлаи Фаронса, Ҷопон, Финляндия, ИМА ва Дания, ки сиёсати кластериро татбиқ намуданд, дар бозор мавқеи баландро соҳиб шуданд.

Кластерҳои иқтисодӣ гурӯҳи ташкилотҳои (ширкат, корпоратсия, университет, банк ва ғ.) ба ҳам алоқаманд дар як минтақа мебошанд, аз ҷумлаи таъминкунадаи мол, хизматрасониҳои махсуси ба ҳам алқаманд, зерсохторҳо, институтҳои илмӣ - тадқиқотӣ, мактабҳои олӣ ва дигар ташкилотҳое, ки фаъолияти ҳамдигарро дар ҳамшарикӣ пурра намуда, ҳамчун ширкати алоҳида ё дар маҷмӯъ чун кластер ба рақобат тобовар мегарданд.

Кластер бо хусусияти муттаҳидии худ дар як минтақа имкон медиҳад, ки моли истеҳсолшуда бо истифода аз таҷрибаи ширкатҳои шарики худ моли хушсифат ва дар ин баробар камхарҷро истеҳсол намуда, ба бозор барорад.

Кластерҳо дорои чунин хусусиятҳои фарқкунанда мебошанд: наздикии максималии географӣ, қаробати (родство) технологияҳо, пойгоҳи умумии захиравӣ, мавҷудияти ҷузъиёти инноватсионӣ.

---

[30] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат аз 23.12.2021, №1848. - www.presidetnt.tj
Консепсияи ташкил ва рушди комплексҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, аз 28.10.2020, №566.-www.presidetnt.tj

Мушахассан, сиёсати кластериро сиёсати саноатӣ низ меноманд, зеро барои пешбурди корхонаҳои саноатӣ ва дар маҷмӯъ ба соҳаи саноат равона карда шуда, фаъолияти корхонаҳои саноатиро, аз ҷумла корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро дастгирӣ менамояд.

Дар Нидерландия, ҷиҳати худтаъминкунии аҳолӣ ба истеҳсоли маҳсулоти озуқа бештар диққат дода, ҷорӣ намудани навовариҳо низ бештар дар самти хоҷагии қишлоқ дида мешавад. Аз ҷумла дар ин кишвар ширкатҳои истеҳсоли роботҳо барои ҷӯшидани чорво амал мекунад, ки бо таҷҳизотҳои инноватсионии худ фермаҳои чорвопарвариро таъмин намуда, дар дастрас намудани шир кӯмак мерасонанд. Истифодаи роботҳо дар ҷӯшидани мунтазами чорво маҳсулнокӣ ва лактатсияро зиёд менамояд.

Дар тайёр намудани силос низ голландиҳо дорои технологияҳои нав мебошанд, ки ин технологияҳо меҳнати дастиро иваз намуда, ба сифати ашёи хом ва арзиши аслии маҳсулот таъсири бевоситаи худро мерасонанд. Ҳамчунин дар таъсис додани оғилхонаҳо ва нигоҳубини чорвои ширдеҳ таҷрибаи бештар дошта, ба мутахассисони ба кор қабулмешуда аввал нигоҳубини дурусти чорво ва истифодаи технологияро меомӯзонанд. Дар баробари ҷалби сармоягузориҳо ба ин самт ба омӯзиш ва машварат фаро гирифтани кормандон нақши муҳим дорад.

Дар хусуси назорати сифати шири хом гуфтан мумкин аст, ки дар Нидерландия роҳи назорати душвор вале низоми самараноки назорати сифати шир мавҷуд аст. Ба парвариши чорво диққати махсус дода, пору аз оғилхонаҳо сари вақт бароварда мешавад, то ки ҳангоми об додани чорво ба пору ба об таъсири ғализи худро нагузорад ва амиакро дар об зиёд накунад. Инчунин дар он ҷо курсҳои омӯзишие мавҷуданд, ки фермеронро барои нигоҳубини чорво ва сари вақт муайян намудани мушкилотҳои мавҷуда омода мекунанд. Ин аст, ки солҳои охир голландиҳо маҳсулоти хушсифат дастрас менамоянд.

Ногуфта намонад, ки ба саноати коркарди шир ва маҳсулоти ширӣ сармоягузорӣ бештар ҷудо гардида, истеҳсолкунандагон ҳамеша дар ҷустуҷӯи саволи кадом маҳсулотро ба бозор баровардан мебошанд. Масалан, зардоби шир, ки солҳои пеш дар бозор талабот надошт ва ҳамчун маҳсулоти нолозим аз фурӯш бароварда шуда буд, айни ҳол бо сабаби муайян намудани он, ки он ҳамчун яке аз маҳсулоти фоидабахш барои кӯдакон ва варзишгарон мебошад, бо нархи гарон дар бозор ба фурӯш бароварда шудааст, ҳатто аз шир ҳам дида гаронтар аст. Зардоби шир маҳсулоти инноватсионӣ ба ҳисоб меравад ва сармоягузорӣ ба он нисбати дигар маҳсулотҳои ширӣ бештар ба назар мерасад.

Дар Голландия шумораи зиёди кооперативҳо амал намуда, стратегияи Ҳукумати он аз муттаҳид кардани сектори хусусӣ, фермарҳои чорвопарварӣ ва институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ иборат мебошад ва маҳз ҳамкории зичи ин се ниҳод соҳаро ба рушд ноил сохтааст[31].

Давра ба давра бо васеъ гардидани доираи истеҳсолот ва рушди соҳаи саноат намудҳои мушаххаси идоракунӣ, аз ҷумла идоракунии хавфҳо, идоракунии молиявӣ, сармоягузорӣ ва инноватсионӣ, идоракунии зиддибӯҳронӣ ва корпоративӣ ва ғайра беш аз пеш инкишоф меёбанд, ки ин таҳияи шаклҳо, усулҳо ва технологияҳои мушаххаси идоракуниро дар бар мегирад.

Тағйироти идоракунӣ бо эҳтиёҷоти рушди объекти он ба амал меояд, ки омилҳои он гуногунанд: фоида, захираҳо, маҳсулнокӣ, иқтидори истеҳсолӣ, миқёс ва сохтори фаъолият, сифати маҳсулот, обрӯ ва ғайра. Тағйироти вазифаҳо, мафҳумҳо, ҳадафҳо, стратегияҳо, сохтори ташкилӣ, технологияи иттилоотӣ ва таҷҳизоти техникӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон, механизмҳои ҳавасмандкунӣ ва ғ. омилҳои рушди идоракунии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мебошанд.

[31] Захираи электронӣ: https://dairynews.today/interview/intervyu-s-meuvesom-brauverom-meeuwes-brouwer-sove.html

Ҳамин тавр, ҳадафҳои идоракунии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ табдил додани баҳисобгирии самаранокӣ аз ҳисоби кам кардани хароҷот, зиёд намудани хосилнокии меҳнат ва паст намудани арзиши аслӣ  мебошад. Вобаста ба ин, дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъмин намудани идоракунии аниқу фаврии фаъолияти кормандон, меъёрҳо ва графикҳое, ки барои аниқ чен кардани ҳамаи камбудиҳои корхона ва кам кардани талафи онҳо имконият медиханд, ба эътидол овардани шароит, таъмин намудани чунин маҷмӯи вақт, кӯшиш ва хароҷот, ки дар он натиҷаҳои беҳтарин ба даст оварда мешаванд, ба эътидол овардани амалиётҳо, ки муқаррар кардани вақт ва пайдарпайии ҳар як амалиётро дар бар мегирад, дастурҳои стандартии хаттӣ, ки кафолат медиҳанд, ки ҳама қоидаҳои иҷрои кор возеҳ баён карда шаванд ва мукофоти самарабахш, ки ба ҳавасманд гардондани меҳнати хар як корманд нигаронида шудааст.

# БОБИ II. ҲОЛАТИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ БАЛАНДБАРДОРИИ ФОИДАИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ШИРӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ.

## 2.1. Таҳлили ҳолати идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, пурзӯр намудани ҳавасмандгардонии меҳнатии кормандон, таъмини имкони воридшавии сармоя ба бахшҳои самарабахши иқтисодиёт, ташкили механизми худтанзимкунии рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт дар асоси фаъолияти бозори фондӣ, аз ҷумла механизмҳои ҳамоҳангсозии рушди корхонаҳо бо талабот ва шароити муҳити берунии иқтисодӣ ва пур кардани қисми даромади буҷети давлатӣ, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ” корхонаҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ хусусӣ гардонида шуданд.

Дар низоми моликияти хусусӣ тамоми натиҷаҳои мусбату манфии фаъолияте, ки соҳибулк ба амал мебарорад, ба дӯши он меафтад. Бинобар ин, субъекти хоҷагидор манфиатдор аст, ки ҳангоми қабули қарорҳо ҳарчӣ пурра ба назар гирифта шаванд, яъне он муҳимтарин ангезаи иқтисодиест, ки самарабахшии қарорҳоро (бо маънои бартарӣ доштани оқибатҳои мусбат нисбат ба оқибатҳои манфӣ) таъмин намуда, бо ҳамин ба некуаҳволии мардум мусоидат мекунад. Ба ҳамин монанд, соҳибмулк бо тақсим кардани ваколатҳои худ нисбат ба ҳама гуна захираҳо дар тақсимоти самараноки он саҳм мегузорад.

“Масъалаи дигаргунсозиҳо ҳамон вақт ба миён меояд, агар самаранокии ширкатҳо паст шавад, муҳити берунӣ тағйир ёбад, технология дигаргун шавад ё ки рақобат тезу тунд гардад”[32].

[32] Низомова Т.Д. Таҷдиди сохторӣ ва хусусигардонии корхонаҳои саноатӣ. Қисми 1. Маводи таълимӣ, - Душанбе: 2007. – С. 92.

Ин раванд соҳибкоронро водор намуд, ки ҳангоми идоракунии вазъи молиявии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ қабл аз ҳама мушкилотҳои дар корхона мавҷударо муайян намоянд, ки он дар навбати худ ду марҳиларо дар бар мегирад.

Марҳилаи аввали муайян кардани мушкилот ин эътирофи нишонаҳои нокомиҳо ё имкониятҳо буда, нишонаҳои он фоидаи кам, фурӯш, ҳосилнокии меҳнат, сифати маҳсулот; хароҷоти баланди истеҳсол ва муомилот ва ихтилофхои сершумор дар корхона, ҷойивазкунии кадрҳо, паст будани ҳавасмандӣ ва фаъолияти самараноки кадрҳо мебошад.

Марҳилаи дуюми ташхиси мушкилот муайян кардани сабабҳои мушкилот буда, метавонад ба омилҳои таъсир ба ташкилот, таъхирнопазирии масъала ва маҳдудияти вақт, дастгирии масъала аз берун ба манфиати ҳалли он ва давраи давомнокии масъала асос ёбад.

Ба натиҷаҳои баланди фаъолият ноил шудани корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ идоракунии ҷараёни ташаккулёбӣ ва истифодабарии фоидаро дар назар дорад. Идоракунӣ таҳлили фоида, банақшагирии он ва ҷустуҷӯи имкониятҳои зиёдкунии фоидаро дар назар дорад.

Масъалаи муҳими идоракунии ҷараёни ташаккулёбии фоида банақшагирии фоида ва дигар натиҷаҳои молиявии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо назардошти хулосаҳои таҳлили иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили иқтисодӣ марҳилаи муҳими кор мебошад, ки барои банақшагирӣ ваояндабинии захираҳои молиявии корхонаҳо, самаранок истифодабарии онҳо шароит фароҳам меоварад. Натиҷаҳои таҳлил барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар сатҳи роҳбарияти корхона ҳамчун асос хизмат менамояд.

Мақсади асосии таҳлил ва банақшагирии фоида бешинасозии даромадҳо мебошад, ки талаботҳои корхонаро ба маблағҳои молиявӣ барои инкишофи худ қонеъ мегардонад.

Корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ҳавасманданд, ки мунтазам фоидаи худро на танҳо аз ҳисоби пасткунии арзиши аслии маҳсулот, балки ҳам аз ҳисоби зиёд кардани миқдори маҳсулоти истеҳсолшавандаи ширӣ, васеъкунӣ ва навкунии номгӯи маҳсулот, баландбардории сифати маҳсулот баланд намояд. Фоида назар ба арзиши аслӣ ҳамаи тарафҳои фаъолияти истеҳсолӣ – хоҷагидориро пурратар инъикос мекунад.

Фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ нишондиҳандаи асосии сермаҳсулгардонии фаъолияти истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад ва дар ҳаҷми он таъсири ҳамаи омилҳои истеҳсолӣ – хоҷагидорӣ, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии кори тамоми коллективи корхона инъикос меёбад.

Вазифаҳои асосии таҳлили фоида аз баҳодиҳии динамикаи нишондиҳандаҳои фоида, омӯзиши унсурҳои таркибии ташаккулёбии фоидаи балансӣ, ошкоркунӣ ва ченкунии таъсири омилҳои ба фоида таъсиррасон, ошкоркунии захираҳои баландбардории даромад, кор карда баромадани чорабиниҳо оиди истифодабарии ин захираҳо иборат аст.

Мақсади асосии таҳлили иқтисодии фоида – ин маҳдудкунии таъсири омилҳои берунӣ ва манфӣ, муайянкунии ҳаҷми умумии фоида, ки дар натиҷаи амалкунии омилҳо ба даст оварда шудааст, муайянкунии омилҳое, ки кӯшишҳои меҳнатии кормандони корхона ва самаранокии истифодабарии захираҳои истеҳсолиро инъикос мекунад, мебошад.

Таҳлили динамикаи даромади балансӣ, суръати афзоиши он дар муқоиса бо динамикаи бузургӣ ва афзоиши даромади соф бениҳоят аҳамияти калон дорад. Натиҷаҳои таҳлили даромад метавонад оиди пастшавии суръати афзоиши даромади соф нисбат ба даромади балансӣ шаҳодат диҳад ва баръакс. Маълумоти муфидро метавон аз таҳлили динамикаи ҳиссаи даромади соф дар даромади балансӣ ба даст овард. Агар ҳиссаи даромади соф зиёд шавад, он гоҳ ин дар бораи бузургии оптималии андозҳои

пардохтшаванда, ҳавасмандии корхонаро аз натиҷаҳои кор ва самаранокии хоҷагидорӣ инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, афзалияти таҳлили фоида аз истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар он аст, ки натиҷаҳои таҳлил бо нишондиҳандаи хароҷот ба як сомонӣ маҳсулоти ширӣ пайваст мешаванд. Ин ҳолат низ бениҳоят муҳим аст, ки таҳлили даромад аз истеҳсоли маҳсулоти шириро аз рӯи зерсохторҳои (подразделенияҳои) хоҷагидории алоҳида ҳисоб кардан мумкин аст.

Даромад аз фурӯши маҳсулот – ин фарқи байни пулии бадастомада аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти тайёр ва арзиши аслии он фаҳмида мешавад. Аз ин ҷо бар меояд, ки ба вуҷуд омадани он ба даромади умумии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти худаш бо нархҳое, ки дар асоси талабот ва пешниҳодот ба вуҷуд омадааст, вобастагӣ дорад.

Даромад аз фурӯши маҳсулот, кору хизматҳо дар сохтори даромади балансии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ вазни қиёсиро ишғол мекунад. Бузургии он дар зери таъсири се омилҳои асосӣ ташаккул меёбад: арзиши аслии маҳсулот, ҳаҷми фурӯш ва дараҷаи нархҳои амалкунанда ба махсулоти фурӯхташаванда. Омили муҳим дар байни онҳо арзиши аслӣ мебошад. Миқдоран арзиши аслӣ дар сохтори нархҳо вазни қиёсиро ишғол мекунад, бинобар ин таъсири пасткунии арзиши аслӣ ба афзоиши даромад бараъло ҳис карда мешавад.

Даромад аз фурӯши маҳсулоти ширӣ натиҷаи ҳам фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳам ҷараёни гардиш мебошад. Суръати гузаштани маҳсулот ба воситаи ҷараёни гардиш – омили муҳими зиёдкунии даромад, ки аз фурӯши маҳсулоти ширӣ ба даст оварда шудааст, ба ҳисоб меравад. Даромади ҳақиқӣ, ки аз фурӯши махсулоти ширӣ ба даст оварда мешавад, дар зери таъсири омилҳои зиёд аз даромади нақшавӣ тафовут дорад.

Зимни баҳодиҳии иҷроиши нақшаи даромади балансӣ фоизи иҷроиши нақшаи солона ва тафовут аз нақша нисбат ба давраи гузашта муайян карда мешавад. Пас аз баҳодиҳии умумӣ иҷроиши нақшаро аз рӯи унсурҳои

таркибдиҳандаи он, инчунин сохтори даромади балансӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дида мебароянд.

Ҳангоми асосноккунии маълумотҳо оиди таҳлили фоида бояд даромадеро муайян намоем, ки дар зери таъсири омилҳои берунӣ, ки аз фаъолияти корхона вобаста нестанд, ба даст оварда шудааст (тағйирёбии нархҳои яклухт ба маҳсулот, тарифҳо ба хадамот, арзонкунии фурӯши номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда, микдор ва маоши тарифӣ, бо сабаби тафовутҳо дар нақша муқарраркунии иловапулиҳои ҳавасмандӣ барои истеҳсоли маҳсулоти сифаташ беҳтаркардашуда, ки дар нақша пешбинӣ карда шудааст).

Таҳлили боз ҳам амиқи дараҷаи фоида аз рӯи сеххои алоҳида имконият медиҳад, ки захираҳои зиёдкунии даромади корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ошкор карда шавад.

Натиҷаи таҳлил нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои нақшавӣ аз рӯи даромади балансӣ, аз фурӯши маҳсулоти ширӣ, дигар фурӯш аз нақша зиёд иҷро карда шудаанд. Нишондиҳандаи арзишии тамоми фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории корхона даромади балансӣ мебошад. Дар бузургии даромади балансӣ натиҷаҳои ниҳоии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, ки аз фаъолияти асосӣ ва ғайриасосӣ ба даст оварда шудааст, инъикос меёбанд. Фаъолияти асосии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бевосита ба коркард ва фурӯши маҳсулот алоқаманд аст, фаъолияти ғайриасосии корхона бошад, бо иҷрокунии амалиётҳои хоҷагӣ аз рӯи қисмати «Фурӯшҳои дигар», муносибатҳои мутақобила бо дигар ташкилотҳо ва корхонаҳо алоқаманд аст.

Барои таҳлили ҳолати воқеии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, ҳаҷми фурӯш ва фоидаи бадастовардашудаи корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе - “Комбинати шири шаҳри Душанбе”, ҶСП “Саодат” ва ҶДММ “Палуд”-ро интихоб намуда, тибқи ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ, таҳлили кори худро барои 7 сол анҷом додем.

**Ҷадвали 2.1.2. Ҳисобот оиди фоида ва зарар дар корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширии ҶДММ “Фабрикаи шири Саодат” дар солҳои 2015-2021***

| *Номгӯи нишондиҳандаҳо* | *СОЛҲО* | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | *2021* |
| **Ҳаҷми истеҳсол (реализатсия бо сомонӣ)** | 6484600 | 6590840 | 7284041 | 7415520 | 7721730 | 8307780 | 8818130 |
| **Арзиши аслӣ** | 5237118 | 5468030 | 6162832 | 6445194 | 7000131 | 7341659 | 7682165 |
| **Фоида (зарар)** | 1247482 | 1122810 | 1121209 | 970326 | 721599 | 966121 | 1135965 |
| **Фоиданокӣ** | 19% | 17% | 2% | 13% | 9% | 12% | 12% |

***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст аз рӯйи: Нишондиҳандаҳои оморӣ аз тавозуни тасдиқшудаи ҶДММ “Фабрикаи шири Саодат”.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ширии ҶДММ “Саодат” дар соли 2021 нисбати соли 2015 дар ҳаҷми 2 333 530 сомонӣ зиёд шуда, фоиданокӣ аз фурӯши маҳсулоти ширӣ дар давраи охири таҳлил 12%-ро ташкил медиҳад. Новобаста аз он, ки ҶДММ “Саодат” истеъмолкунандагонро бо 31 намуди маҳсулоти ширӣ таъмин менамояд, дар яхдонҳои мағозаҳои истеъмолӣ ассортимети гуногуни ширии дигар истеҳсолкунандагон пайдо гардидаанд, ки истеъмолкунандагон аллакай ба интихоби он рӯ меоранд. Маҳсулоти дуғи тоҷикӣ ва кефирҳои бо мевагӣ истеҳсолшаванда мавсимӣ буда, талаботи онҳо дар фасли гармо зиёд мешавад ва фоида аз фурӯши ин маҳсулотҳо низ хусусияти мавсимӣ дорад. Мувофиқи таҳлилҳои маркетингии корхона маҳсулоти рақобатпазир ва сердаромади ин корхона новобаста аз мавсими сол қаймоқ ва сметана ба ҳисоб меравад. Дар ҷойи дуюм Сирок ва Творогҳои ширин барои истеъмоли кӯдакон меистанд, ки дар бозори маҳсулоти ширии ватанӣ ҳоло рақиб надоранд. Бинобар ин, вобаста ба сохтори талаботи мизоҷон ба маҳсулоти ширӣ барои зиёд кардани ҳаҷми фоида, Сметана 20% (200 гр) , Қаймок 30% (200 гр), Сирокҳо 5% (100 гр) Творогҳои ширин бо мевагӣ 10% (200 гр) нисбат ба дигар маҳсулотҳои он бештар истеҳсол карда шуда, ба мағозаҳои дар ҷойҳои сераҳолӣ ҷойгирбуда дастрас карда шаванд.

Номгӯи маҳсулоти ширии ҶДММ “Саодат” аз рӯи ҳамҷ ва фоизи равғаннокии он

| № | Номгӯи махсулот | № | Номгӯи махсулот |
|---|---|---|---|
| 1 | Шир 2,5% (0,9л) | 17 | Ряженка 2,5% (500 гр) |
| 2 | Кефири оилавӣ - бо мевагӣ 2,5% (0,9л) | 18 | Твороги беравған (250 гр) |
| 3 | Кефир 2,5% (450 гр) | 19 | Твороги беравған (300 гр) |
| 4 | Кефир 0,5% (450 гр) | 20 | Творог 5% (350гр) |
| 5 | Кефир 0,5% (500 гр) | 21 | Чакка (300 гр) |
| 6 | Кефири мевагӣ 2,5 (500гр) | 22 | Чакка (200 гр) |
| 7 | Дуғи тоҷикӣ (0,5л ва 1 л) | 23 | Йогурти ошомиданӣ 2,5% (250 гр) |
| 8 | Далерак 2,5% (350 гр) | 24 | Твороги ширин бо зардолу 10% (200 гр) |
| 9 | Шир бо шоколад 2,5 (350 гр) | 25 | Твороги ширин бо ванилин 10% (200 гр) |
| 10 | Ғизои варзишӣ 2,5% (500 гр) | 26 | Твороги ширин бо коти сиёҳ 10% (200 гр) |
| 11 | Кефир бо шафтолу 2,5% (450 гр) | 27 | Твороги ширин бо гандумбирён 10% (200 гр) |
| 12 | Био Кефир 2,0% (500 гр) | 28 | Твороги ширин бо тути фарангӣ 10% (200 гр) |
| 13 | Сметана 15% (350 гр ва 200гр) | 29 | Твороги ширини мевагӣ 10% (200гр) |
| 14 | Сметана 20% (200 гр) | 30 | Сирок бо гандумбирён 5% (100 гр) |
| 15 | Қаймок 30% (200 гр) | 31 | Сироки мевагӣ 5% (100 гр) |
| 16 | Ҷурғот 2% (400гр) | | |

Бояд тазаккур дод, ки корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мисли ҳар як низоми мураккаб сохтори худро дошта, сохтори низом - ташкили алоқа ва робитаи байни зернизомҳо ва унсурҳои низом, инчунин таркиби воқеии ин зернизомҳо ва унсурҳо мебошад, ки ҳар кадоми онҳо, чун қоида, вазифаи мушаххас доранд. Таъсири мутақобилаи унсурҳои низом дар зери таъсири робитаҳои байни онҳо ба амал меояд ва ба муносибатҳои мавҷуда ва ҳолати кунунии низом вобаста буда, тавсифи қонуниятҳои динамикаи низом, яъне таъсири тамоми низом ба тағйирёбии ҳаҷми фоидаи корхонаҳои саноатӣ муҳим аст.

Сохтори ташкилии корхона аз панҷ воҳиди тиҷоратии ҶДММ “Саодат”, ҶШК “Шири Саодат”, як воҳиди сохторӣ доир ба хоҷагии қишлоқ ва як воҳид доир ба сохтмон, инчунин як адад тиҷоратиро дар бар мегирад. Саркорхона ё идоракунандаи холдинг дар маркази ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе ҷойгир шудааст, ба коркарди шир ва истеҳсоли ассортименти маҳсулоти ширӣ машғул аст.

Стратегияи истеҳсолии корхонаи мазкур ба истеҳсоли маҳсулоти хусусияти табиидошта бо риояи меъёрҳои технологӣ равона гардидааст. Иқтидори истеҳсолии корхона пас аз ворид намудани дастгоҳҳои дорои дегҳо ва электростансияҳои автономӣ, ба андозаи 228 тонна шир дар як баст афзудааст.

Мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ба рафти фаъолият мусоидат намуда, (масофаи 100 км. то ш.Душанбе) ба реализатсияи маҳсулот афзалият медиҳад.

Рақобат дар бозори ширӣ корхонаро водор месозад, ки стратегияи маркетинги сиёсати нархгузорӣ ба ташаккули тамғаи молӣ ва талаботи истеъмолии худро мунтазам мукаммал созад. Чораҳои дар ин самт андешидашуда имкон медиҳад, ки моли истеҳсолшуда дар бозор ҳамеша дорои талаботи худ бошад.

Новобаста аз он, ки корхона хоҷагиҳои истеҳсоли маҳсулоти ширии худро доро мебошад, ҳанӯз ҳам ҳангоми зиёд шудани талаботи мавсимии маҳсулоти ширӣ аз ашёи хоми худ танҳо 40% иқтидори истеҳсолии худро таъмин менамояд ва дар ин мавсим аз хоҷагиҳои деҳқонии дигари НТҶ ширро харидорӣ менамояд.

Ҳолати молиявии ҶДММ “Палуд” дар муддати 7 соли барои таҳлил интихобшуда дар ҷадвали зерин оварда шудааст:

**Ҷадвали 2.1.3. Ҳисобот оиди фоида ва зарар дар корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширии ҶДММ “Палуд” дар солҳои 2015-2021***

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | СОЛҲО | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | **2021** |
| **Ҳаҷми истеҳсол (реализатсия бо сомонӣ)** | 161 400 | 277 330 | 541 372 | 558 023 | 200 490 | 176 925 | 164342 |
| **Арзиши аслӣ** | 135 500 | 257 022 | 513 221 | 529 007 | 669 673 | 267 812 | 265415 |
| **Фоида (зарар)** | 25 886 | 20 308 | 28 151 | 29 016 | -469183 | -90 887 | -101073 |
| **Фоиданокӣ** | 16% | 7% | 5% | 5% | -234% | -51% | -61% |

***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст аз рӯйи: Нишондиҳандаҳои оморӣ аз тавозуни тасдиқшудаи ҶДММ “Палуд”.

Тайи се соли охир корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии ҶДММ “Палуд” фаъолияти худро бар зарар идома дода, -101 073 сомонӣ бар

зарар харочот кардааст ва нишондиҳандаи фоиданокӣ аз фурӯш -61%-ро ташкил додааст. Бояд қайд намуд, ки ҶДММ "Палуд" соли 2008 дар шарикӣ бо соҳибкорони Ҷумҳурии исломии Эрон таъсис ёфтааст. Дар соли 2019 бо сабаби ба вуҷуд омадани сӯхтор дар корхонаи мазкур таҷҳизотҳои истеҳсолӣ аз кор боз монданд ва бинобар ҳамин ҳам истеҳсоли номгӯи маҳсулот кам гардид. Агар дар солҳои 2014 – 2019 номгӯи маҳсулоти истеҳсолшуда 16 ададро ташкил медод, дар соли 2021 бо сабаби аз кор боз мондани таҷҳизотҳои истеҳсолӣ номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда ба 6 адад расид ва сабаби асосии бар зарар фаъолият намудани корхона низ дар он мебошад. Барои мисол панирҳое, ки дар солҳои қаблӣ истеҳсол мешуданд, ҳатман барои муддати тӯлонӣ нигоҳ доштани сифати худ бояд дар зери асбоби махсус монда мешуд, ки он низ ҳангоми сӯхтор осеб дида, баъди таъмир корношоям гардидааст. Айни ҳол маҳсулоти истеҳсолшаванда ва серталабот дар байни истеъмолкунандагон махсулотҳои ширии паниri занбуруғӣ 200 г., чурғот 4% - 450 г., дуғ - 1 л, 0,5 л., сметана 20% -200, 300 г., чакка 200 г., кефир 2,5% - 500 г. мебошад. Маҳсулотҳои ширии номубрда бо технологияи истеҳсолашон дар бозор нисбат ба маҳсулотҳои ширии истеҳсолкунандагони дигар бартарият дошта, тамъи он аз ҷониби истеъмолкунандагон пазируфта шудааст, аммо гарон будани нархи ин маҳсулотҳо имкони интихобро аз байн мебарад. Бинобар ин ҳам, сохтори фурӯши маҳсулотҳои ширии "ҶДММ Палуд" дар байни махсулотҳои ширии ватанӣ камтар ба назар мерасад.

Номгӯи маҳсулоти ширии ҶДММ "Палуд" аз рӯи ҳаҷм ва фоизи равғаннокии он

| № | Номгӯи маҳсулоти қаблан истеҳсолшаванда | № | Номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда |
|---|---|---|---|
| 1 | Бринзаи сафед 200 г. | 11 | Панири равғанӣ 200 г. |
| 2 | Панири занбуруғӣ 200 г. | 12 | Чурғот 4% - 450 г. |
| 3 | Панир бо чормағз 200 г. | 13 | Кефир 2,5% - 500 г. |
| 4 | Панир бо кабудӣ 200 г. | 14 | Дуғ - 1 л, 0,5 л |
| 5 | Кефири мевагӣ - бо шафтолу 350 г. | 15 | Сметана 20% -200, 300 г. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **6** | Кефири мевагӣ - бо қулфинай 350 г. | **16** | Чакка 200 г. |
| **7** | Чакка бо анзур 200 г. | | |
| **8** | Панири голландӣ бо брусника | | |
| **9** | Панири голландӣ дар зарфи сарбаста | | |
| **10** | Панири бофташуда 500 г. | | |

Сабаби дигари бар фоида кор накардани корхонаи истеҳсоли зикршуда гарон будани нархи борҷома (асосан фольга) мебошад. Дар соли 2020 бо сабаби ҷаҳонро фаро гирифтани бемории сироятии Ковид 19 равобити савдои ҷумҳуриҳои шарики савдо муваққатан баста гардид, ки ба кам гардидани ҳаҷми фоидаи корхонаи зикршуда бетаъсир намонд.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми коркарди маҳсулоти нави ширӣ, ҷараёни технологии нави истеҳсол, борҷомакунӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, тамғагузорӣ ва фурӯш, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бояд талаботи бехатарии маҳсулотро ба асос гиранд, дар бораи бехатарӣ ҳангоми истеҳсол ва муомилоти онҳо иттилоот диҳанд, барномаҳои назорати истеҳсолиро барои бехатарӣ ва методикаи санҷиши онҳо таҳия кунанд, инчунин мӯҳлати истеъмоли ин навъи маҳсулоти шириро муқаррар намоянд.

Маҳсулоти ширӣ бояд дар шароити аз ҷиҳати гигиенӣ тоза коркард шаванд, дар таркиби худ моддаҳои зараровар надошта бошанд (ё дар меъёри барои организми инсон безарар дошта бошанд), бояд тарзе коғазпеч ва борҷомакунӣ шуда бошанд, ки бехатарии он ҳангоми нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва фурӯш таъмин карда шаванд.

“Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки коғазпечкунӣ ва борҷомакунии маҳсулоти хӯрокворирo амалӣ мегардонанд, ӯҳдадоранд талаботи ҳуҷҷатҳои меъёриро барои коғазпечкунӣ ва борҷомакунии маҳсулоти хӯрокворӣ, тамғагузории онҳо, инчунин маводи истифодабариро барои борҷомакунӣ ва тамғагузории маҳсулоти хӯрокворӣ риоя намоянд”[33].

[33] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ аз 08.06.2022, 1882. - www.president.tj

Сababи дигаре, ки коҳиш ёфтани фоидаро аён месозад, истифодаи шири равғаннокиаш паст нисбат ба солҳои қаблӣ мебошад. Қайд менамоем, ки аз ашёи хом, яъне шири равғаннокиаш баланд маҳсулотҳои хушсифат ва иловагӣ истеҳсол мегардад. Корхонаи мазкур дар тобеияти худ фермаҳои чорвопарварӣ надошта, ашёи хомро аз аҳолии атрофи шаҳр хариддорӣ менамояд ва бо гарон будани ашёи хом ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар корхона нисбати солҳои қаблӣ кам гардидааст. Илова бар ин, бо сабаби осеб дидани таҷҳизотҳо дар истеҳсолот меҳнати дастӣ истифода мешавад, ки дар ин ҳолат хароҷоти музди меҳнат зиёд гардидааст. Бо мақсади кам кардани хароҷоти музди меҳнат шумораи кормандон нисбати солҳои қаблӣ кам гардид, ки ин ҳам боиси кам гардидани ҳаҷми истеҳсол ё фурӯш ва кам гардидани ҳаҷми фоида гардидааст.

Дар шароити корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ хароҷотҳои бавоситае, ки ба арзиши маҳсулот таъсири худро мегузорад, ҳиссаи онҳо метавонад ба 50 фоизи арзиши умумии корхона расад. Дар навбати худ, дурустии ба арзиши аслии маҳсулот мансуб донистани хароҷоти бавосита аз усули тақсимкунии онҳо вобаста аст.

Дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ чун қоида миқдори ками асосҳои бавосита тақсим кардани хароҷотро (масалан, мутаносибан ба масолеҳи асосӣ, мутаносибан ба музди меҳнати коргарони асосии истеҳсолот ва ғайра) истифода мебаранд. Дар баробари ин дар байни асосҳои интихобшудаи тақсимкунӣ, сабабҳо ва бузургии хароҷоти бавоситаи корхона алоқае нест.

Азбаски ҳиссаи хароҷоти ғайримустақим дар арзиши аслӣ бузург аст, арзиши он нодуруст ҳисоб карда мешавад, зеро як қисми маҳсулоти ширӣ метавонад аз арзиши аслии он камтар арзиш дошта бошад, ки ин боиси талафот ва як қисми зиёдтар аст, ки рақобатпазирии маҳсулотро аз ҳисоби арзиши аслии он паст ва нархҳои беасосро баланд мекунад.

Маълумоти носаҳеҳ дар бораи арзиши хароҷоти истеҳсолӣ мушкилоти таъминоти сусти иттилоотии раванди идоракуниро ба вуҷуд меорад, ки қабули қарорҳои оқилона ва самараноки идоракуниро дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ғайриимкон месозад.

Идоракунии маҷмӯии хароҷот, ки иштирок ва ҳамкории мутобиқшудаи ҳамаи воҳидҳои сохтории корхонаи саноатии истеҳоли маҳсулоти шириро дарбар мегирад, мунтазам ошкор намудани захираҳои кам кардани хароҷотро таъмин мекунад. Ба ҳамин тариқ, ҷорӣ намудани усули низоми идоракунии хароҷот ба кам шудани арзиши аслии маҳсулоти ширӣ, беҳтар шудани натиҷаҳои молиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии тамоми корхонаҳои саноатӣ ёрӣ мерасонад.

Ҳамин тавр, истифодаи усули маҷмӯӣ (ABC) дар идоракунии хароҷот имкони зиёд гардидани фоидаи софи корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро тақрибан дар ҳаҷми 10-15%, афзоиши нишондиҳандаҳои асосии фоиданокиро ба 2-4% медиҳад.

Ин усул ба чунин тахмин асос ёфтааст, ки аксарияти намудҳои фаъолият ба ҳачми воқеии истеҳсолот бевосита алоқаманд нестанд ва мувофиқан хароҷоти иҷрои онҳо ба он вобаста нест. Асосан ба ин корҳо танзими таҷҳизот, назорати амалиёти технологӣ ва ғайра дохил мешаванд. Усули ABC ба он асос ёфтааст, ки барои ҳар як намуди фаъолият омили хароҷот мавҷуд аст, ки комилан дақиқ ва хоси ин намуди фаъолият аст ва тағйирот ба ҳаҷми захираҳои истифодашаванда барои анҷом додани намуди мувофиқи фаъолият таъсир мерасонад.

Дар ин маврид, усули ABC ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкон медиҳад, ки робитаи сабабу оқибатро байни омилҳои хароҷот (асоси тақсимот) ва хароҷоти ғайримустақим пайгирӣ намоянд. Усули баҳисобгирии хароҷот барои амалиёт ба фаҳмиши моҳияти хароҷоти ғайримустақими корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳслуоти ширӣ асос ёфтааст, ки имкон медиҳад, ки хароҷоти муайян ба навъҳои маҳсулоти ширӣ

мувофиқи принсипи сабабият алоқаманд карда мешавад. Хусусияти асосии ин усул дар он аст, ки вай имконияти истифодаи асосҳои гуногуни тақсимотро ҳангоми баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиш таъмин менамояд, ки ин имкон медихад хароҷоти бавоситаи корхона ба арзиши маҳсулоти тайёр дурусттар тақсим карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси сабабҳои муайяншудаи хароҷот, корхонаи саноатӣ имкон пайдо мекунад, ки хароҷотро бо роҳи дақиқтар тақсим кардани масъулият дар соҳаи идоракунии хароҷот, инчунин ошкор кардани сабабгорон дар сурати беасос зиёд шудани хароҷот назорат кунад. Меъёрҳои тақсимоти хароҷоти ғайримустақими корхонаро ҳисоб карда, арзиши миқдории омилҳои тақсимотро аз рӯи навъҳои маҳсулот дониста, мо метавонем маблағи хароҷоти ғайримустақимеро, ки мувофиқи асосҳои тавсияшуда тақсим карда мешаванд, бо роҳи зарб кардани омили хароҷот ба маҳсулоти мувофиқ мансуб донем ва арзиши аслии маҳсулотро вобаста ба навъҳои он ба таври дақиқ ҳисоб намоем.

Корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширии ҶДММ “Палуд” ба бӯҳрон аз ҳисоби идоракунии нодурусти корхонаҳои саноатӣ бӯҳрон гирифтор шудааст ва “.....ин намуди бӯҳрон дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз роҳбарияти корхона диққати махсусро талаб менамояд, зеро ҳал накардани мушкилии мазкур боиси пеш омадани як қатор мушкилиҳои дигар мегардад”[34].

Вазъи моливӣ ва натиҷаи ниҳоии фаъолияти корхонаи саноатии истеҳсолии ҶСП “Комбинати шири шаҳри Душанбе” чунин арзёбӣ мегардад:

[34] Балдин К.В., Передеряев И.И., Рукосуев А.В. Антикризисное управление: макро и микроуровень. М.: “Дашков и К”, 2012. – С. 268.

**Ҷадвали 2.1.4. Ҳисобот оиди фоида ва зарар дар корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширии ҶСП "Комбинати ширӣ шаҳри Душанбе" дар солҳои 2015-2021***

| *Номгӯи нишондиҳандаҳо* | *СОЛҲО* | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| *Ҳаҷми истеҳсол (реализатсия бо сомонӣ)* | 14631850 | 15415305 | 16076931 | 16353735 | 18389106 | 18411378 | 18535876 |
| *Арзиши аслӣ* | 13996658 | 15179192 | 15817207 | 15805673 | 17806693 | 18014472 | 18141369 |
| *Фоида (зарар)* | 635 192 | 236 113 | 259 724 | 548 062 | 582 413 | 396 906 | 394 507 |
| *Фоиданокӣ* | 4% | 2% | 2% | 3% | 3% | 2% | 2% |

***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст аз рӯйи: Нишондиҳандаҳои оморӣ аз тавозуни тасдиқшудаи ҶСП "Комбинати ширӣ шаҳри Душанбе".

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.1.4.-ро мавриди таҳлил қарор дода, қайд менамоем, ки гарчанде ҳаҷми фоидаи Комбинати ширӣ шаҳри Душанбе шурӯъ аз солҳои 2016 то 2019 рӯ ба афзоиш ниҳода бошад ҳам, аммо дар солҳои 2020 – 2021 камтар гардидааст. Новобаста аз рушди интенсивӣ дар соли 2020 бо сабаби дар мағозаҳо пайдо шудани маҳсулотҳои ширии рақиб аз ширкатҳои шаҳри Хуҷанд, ба вуқӯъ омадани пандемия ва баста будани сарҳадҳо, гаронии ашёи хом ва хӯроки чорво, хароҷоти қувваи барқ, ки дар соли 2020 ҳаҷми квт.-и он гарон гардид, ҳаҷми фоидаи корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширии "Комбинати ширӣ шаҳри Душанбе" коҳиш ёфта, фоиданокӣ аз фурӯши маҳсулот боз 2% кам гардидааст.

Номгӯи маҳсулоти ширии "Комбинати ширӣ шаҳри Душанбе" аз рӯи ҳаҷм ва равғаннокии он

| № | Номгӯи маҳсулот | № | Номгӯи маҳсулот |
|---|---|---|---|
| **1** | Сметана 20% - 200г (истакон) | 14 | Творогӣ беравған 200г (қуттии пластикӣ) |
| **2** | Сметана 20% (бо кг) | 15 | Творог 5% - 300г (дар истакон) |
| **3** | Кефир 0,5% - 500г (истакон) | 16 | Чакка 200г (қуттии пластикӣ) |
| **4** | Кефир 0,5% 450 г ( дар бакл) | 17 | Равғани маскаи "Крестянское" 200 г |
| **5** | Кефир 1% - 500 г (дар бакл) | 18 | Дуғоби газдор 1 л. (дар бакл.) |
| **6** | Кефири мевагӣ 2,0% 400 г (истакон) | 19 | Дуғоби газдор 0,5 л. (дар бакл.) |
| **7** | Кефири мевагӣ 2,5% 500г (дар истакон) | 20 | Дуғи тоҷикӣ 1 л. (дар бакл.) |
| **8** | Ряженка 2,5% - 500г (дар истакон) | 21 | Дуғи тоҷикӣ 0,5 л. (дар бакл.) |
| **9** | Ҷурғот 2% - 500 г (дар | 22 | Ҷурғоти хонагӣ 750 г |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | истакон) | | |
| **10** | Қаймоқ 200г (дар истакон) | 23 | Ҷурғоти хонагӣ 4,0% - 400 г (дар истакон) |
| **11** | Қаймоқ 30% (бо кг) | 24 | Творог 3% - 250 г. парҳезӣ |
| **12** | Шир 2,5% 1 л. (дар бакл) | 25 | Шир 2,5% (бо л/кг) |
| **13** | Твороги беравған 250 г | | |

Муовфиқи таҳлилҳои маркетингии шаҳри Душанбе номгӯи маҳсулотҳои ширии Комбинати шири шаҳри Душанбе дар бозори истеъмолии шаҳри Душанбе серталабот ва ба фурӯшраванда буда, вобаста ба мавсим сохтори фурӯши он тағйир меёбад.

Ҳамин тавр, таҳлили гузаронидашуда дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе як қатор сабабҳоеро муайян намуд, ки барои пешрафти соҳа таъсири манфии худро гузоштааст:

- талаботи истеъмолкунандагон, ки ба завқу рағбати истеъмолкунанда вобаста мебошад;
- надоштани базаи илмӣ техникӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ;
- надоштани кормандони соҳибтахассус, аз ҷумла менеҷерони баландихтисос;
- мавҷуд набудани сармоягузориҳо дар самти мазкур;
- номукаммалии техника ва технологияҳои замонавӣ;
- дар сатҳи паст қарор доштани омӯзиши бозор аз ҷониби субъекти хоҷагидор.

Корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро ҷиҳати ноил шудан ба фоидаи максималӣ дар мавриди аввал на коркарди роҳу усулҳои махсуси ба самт вобаста, балки таҳлили вазъи бозор, доираи фаъолияти рақибон, завқу рағбати истеъмолкунанадгон ва дигар омилҳо зарур аст.

Таҳлил ва муайян намудани натиҷаи молиявии корхона, инчунин муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба фоида асоси роҳҳои баландбардории фоидаи корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба ҳисоб меравад.

## 2.2. Омилҳои таъсиркунанда ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ.

Дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ раванди ташаккули фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар рафти самарабахш қарор дошта, ин раванд ҳавасмандии умумиро дар назар дорад. Он манфиатҳои соҳибони корхонаҳо ва коргарони оддӣ, давлат бонкҳои тиҷоратӣ, институтҳои сармоягузорӣ, инчунин таъминкунандагон ва қарздиҳандагонро бо ҳам муттаҳид мекунад.

Ба гуфтаи Г.В. Савицкая, «тақсимоти фоида бевосита ҳадафи асосии сиёсати идоракунии фоида – баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии соҳибони корхонаро амалӣ менамояд»[35]. Сиёсати мутавозин имкон медиҳад, ки сохтори пардохти дивидендҳо ба соҳибони корхона оптимизатсия карда, фоида дар давраҳои минбаъда афзоиш ёбад.

Тавре, ки дар адабиёти иқтисодӣ қайд карда шудааст, ҳадафи асосии тақсими фоида дарёфти таносуби оптималӣ байни қисми истеъмолшуда ва капитализатсияшудаи фоида мебошад. Ин таносуб бояд пеш аз ҳама ба талаботе, ки дар стратегияи дарозмуддати тараққиёти корхона муайян карда шудаанд, мувофик бошад.

Аз ин рӯ, раванди тақсимкунӣ бояд ба як қатор равандҳо асос ёбад, масалан: «пайвастани сиёсати тақсимот бо сиёсати умумии идоракунии фоидаи корхона; афзалияти ба назар гирифтани манфиат ва тафаккури соҳибони корхона; устувории сиёсати тақсимоти фоида; пешгӯии сиёсати тақсимоти фоида; арзёбии самаранокии сиёсати таҳияшудаи тақсимоти фоида».

Сиёсати самараноки тақсим ва истифодаи фоида ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкон медиҳад, ки такрористеҳсоли васеъро маблағгузорӣ кунанд ва фаъолияти худро тавассути таъсиси шабакаҳои филиалҳо ё диверсификатсияи маҳсулотро васеъ намоянд. Ин

[35] Савицкая Г.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятия: Учебник. - М.: “ИНФРА – М”, 2009. – С.74.

аз ҳисоби истифодаи манбаҳои арзонтари маблағгузорӣ — захираҳои молиявии худӣ, ки асосан аз ҳисоби фоида ба вуҷуд оварда мешавад, ба даст оварда мешавад. Дар ин ҳолат, корхона метавонад хароҷоти вобаста ба ҷалби маблағҳои қарзиро ба таври назаррас коҳиш диҳад.

Бояд гуфт, ки раванди идоракунии тақсим, истифодабарӣ ва раванди ба даст овардани фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ метавонад тавассути ба таври мунтазам баррасии омилҳои гуногуне, ки ба тақсимоти фоида таъсир мерасонанд, инчунин ба ҳадди ақал расонидани таъсири манфии онҳо ба ин раванд сурат гирад.

Ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки мушаххас муайян намудан ва дуруст истифода намудани онҳо метавонад самаранокии фаъолияти корхонаҳоро таъмин намояд. Гуногунии омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон зарурати гурӯҳбандӣ кардани онҳоро ба миён меорад, ки ҳамзамон барои муайян кардани самтҳои асосии ҷустуҷӯи захираҳои баландбардории самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ муҳим мебошанд. Бо назардошти он, ки корхона ҳам субъект ва ҳам объекти муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, тақсимоти онҳо ба берунӣ ва дохилӣ муҳим мебошад.

Ивашковский С.Н.[36] омилҳои ба ҳаҷми фоида таъсррасонро ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намуда, чунин тасниф намудааст:

1) Дар соҳаи истеҳсолот: ҳаҷм, сифати маҳсулот, ассортимент, сатҳи нархҳои шартномавӣ.

2) Дар соҳаи муомилот: ташкили корҳои оперативӣ оид ба фурӯши маҳсулот, риояи шартҳои шартнома, ҳамкорӣ бо истеъмолкунандагон ва ғайра.

3) Омилҳое, ки аз фаъолияти корхона вобастагӣ надоранд: қатъ шудани таъминоти моддию техникӣ, сари вақт расонидани воситаҳои нақлиёт барои интиқоли маҳсулоти тайёр ва ғайра.

[36] Ивашковский С.Н. Экономика для менеджеров: микро и макроуровень – М.: «Дело», 2019. – С. 59. - www.pressi nerson.

Таснифи омилҳои С.Н. Ивашковский, ки дар боло баррасӣ шуд, ба фикри мо, дараҷаи омилҳои фоидаро пурра нишон намедиҳад. Ба ҳамин маъно консепсияи И.А. Бланк[37] ҷолиби диққат мебошад, ки имкон медиҳад гурӯҳбандии омилҳои фоидаро ба таври системавӣ тавассути расми зерин пешниҳод намоем.

Ҳамзамон, омилҳое, ки ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсир мерасонанд, мувофиқи меъёрҳои гуногун гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Ҳамин тавр, омилҳои беруна ва дохилиро фарқ мекунанд. Омилҳои дохилӣ - омилҳое, ки аз фаъолияти худи корхона вобастаанд ва тарафҳои фаъолияти коллективи кормандонро тавсиф медиҳанд. Омилҳои беруна – омилҳое, ки аз фаъолияти корхона вобаста нестанд, аммо онҳо метавонанд ба фоида таъсири назаррас расонанд. Дар ҷараёни таҳлил, таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои фаъолият аз таъсири беруна "озод карда шаванд", ки барои арзёбии объективии дастовардҳои коллектив муҳим мебошад.

**Расми 2.2.4. Таснифоти омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон***




***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст: Аз рӯйи адабиёти иситифодашуда.

[37] Бланк И.А. Управелие прибылью – М.: «Омега», 2010. С.63.

Омилҳои дохилиро ба истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ҷудо намуда, омилҳои истеҳсолӣ мавҷудият ва истифодабарии воситаҳо ва олотҳои меҳнат, захираҳои меҳнатию молиявиро тавсиф дода дар навбати худ ба экстенсивию интенсивӣ ҷудо мешаванд.

Омилҳои экстенсивӣ ба ҷараёни гирифтани фоида ба воситаи тағйиротҳои миқдорӣ таъсир мерасонанд: ҳаҷми воситаҳо ва олотҳои меҳнат, захираҳои молиявӣ, вақти кори дастгоҳ, шумораи коргарон, фонди вақти корӣ ва омилҳои интенсивӣ ба воситаи тағйиротҳои «сифатӣ» ба ҷараёни гирифтани фоида таъсир мерасонанд: баландбардории ҳосилнокии дастгоҳ ва сифати он, истифодабарии намудҳои пешқадами масолеҳҳо ва такмилдиҳии технологияи коркарди онҳо, тезонидани суръати гардиши воситаҳои гардон, баландбардории ихтисос ва ҳосилнокии меҳнати кормандон, кам кардани меҳнатғунҷоиш ва масолеҳғунҷоишии маҳсулот, такмилдиҳии ташкили меҳнат ва истифодаи самараноктари захираҳои истеҳсолӣ. Ба омилҳои ғайриистеҳсолӣ метавон дохил кард: фаъолияти таъминотӣ - тиҷоратӣ, ҳифзи муҳити зист ва шароитҳои иҷтимоии меҳнат, шароити иқлим ва ғ.

Самаранокии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии давлат маҳз ба омилҳои интенсивӣ афзалият медиҳад. Аммо роҳи экстенсивии рушд афзалиятҳои ба худ хос дорад ва дар марҳилаҳои муайяну шароитҳои муайян ҳамчун мақсади ташаккулёбии фоидаи корхона ва ҳамчун рушди умумии иқтисодиёт бештар самаранок мебошад. Ин аз як қатор шароитҳо вобаста аст: характери истеҳсолот, характер ва ҳаҷми ашё ва масолеҳҳо, мавҷудияти қувваи корӣ, мавҷудияти захираҳои молиявӣ ва ғайраҳо.

Ба ақидаи мо, омилҳои истеҳсолот - воситаҳои меҳнат, олотҳои меҳнат ва захираҳои меҳнат на танҳо омили ташаккулёбии фоидаи корхона, балки ба ҳайси муайянкунандаи захираҳои афзоиши он хизмат мекунад. Истифодаи самараноки онҳо ба афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар ифодаи аслӣ, баландбардории сифати маҳсулот мусоидат мекунад.

Дар натиҷа, ҳаҷми захираҳои барои истеҳсоли як воҳиди маҳсулот истифодашуда кам мешавад, ки дар пастшавии масолеҳғунҷоиш, фондғунҷоиш, меҳнатталабӣ, арзиши аслии маҳсулоти мушаххас инъикос меёбад ва баръакс истифодаи ғайрисамараноки захираҳо ба зиёд шудани ҳаҷми онҳо ба як воҳиди маҳсулот оварда мерасонад. Чунин ҳолат шиддатнокии рушд ва самаранокии фаъолияти хоҷагидории корхонаро коҳиш медиҳад.

Умуман ҳангоми амалигардонии фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ҳамаи ин омилҳо дар алоқамандии якдигар қарор доранд. Аз ин сабаб омӯзиш ва таҳлили онҳо ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имконият медиҳад, ки роҳҳо ва захираҳои афзунсозии фоидаро сари вақт дарёфт намуда, даромади баландро соҳиб гарданд, дар бозор рақобаттобовар бошанд ва фаъолияти дурусту самараноки худро бо истифода аз даромад ба роҳ монда тавонанд.

С. А. Мироседи[38] ва Ю. С. Веремеева[39] ба омилҳои беруна, шароити иҷтимоию иқтисодӣ, шароити бозор, сатҳи нархҳои захираҳои истеҳсолӣ, шароити нақлиёт, сатҳи рушди муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва муҳити зистро мансуб медонанд. Омилҳои дохилиро муаллифон ба омилҳои асосӣ (ҳаҷми фурӯш, арзиши истеҳсолот, сохтори маҳсулот, нарх ва рақобатпазирии маҳсулот, коҳиши амортизатсия) ва омилҳои ғайриасосӣ (вайронкунии нархҳо, вайронкунии шароити меҳнат, паст шудани сифат, вайронкуниҳои ташкилӣ, ки боиси ҷарима ва муҷозоти иқтисодӣ мешаванд) тақсим мекунанд.

О.В. Демчук ва С.Г. Арефьева[40] ба қатори омилҳои берунӣ омилҳои вазъи бозорӣ (дараҷаи рақобатпазирии маҳсулот, тағйиёбии

[38] Мироседи С.А., Реструктуризация – путь к повышению эффективности деятельности промышленного предприятия . «Научно – практический электронный журнал Аллеи науки». №3 (19) 2018. – www. alley – science.ru.
[39] Мироседи С.А., Веремеева Ю.С. Факторы и резервы увеличения прибыли предприятия. Международный научный журнал «Символ науки», 2000. - №5. www. cyberleninka.ru.
[40] Демчук О.В., Арефьева С.Г. Прибыль и рентабельность предприятия: сущность, показатели и пути повышения. // Проблемы экономики и менеджмента. №8 (48) – 2015. С.6-9.

нархҳо, дараҷаи беқурбшавӣ) ва маъмурӣ-ҳуқуқӣ (сиёсати давлат дар соҳаи андозбандӣ, субсидияи давлатӣ), ба қатори омилҳои дохилӣ- моддӣ-техникӣ (истифодаи экстенсивӣ ва интенисивии захираҳои истеҳсолӣ), ташкилӣ-идоракунӣ (сатҳи ташкили истеҳсолот ва меҳнат), иқтисодӣ (низоми иқтисодии ҳавасмандкунӣ дар корхона), иҷтимоӣ (шароитҳои меҳнат)-ро ҷудо мекунанд.

Мо ба он ақидаем, ки дараҷаи таъсири омилҳои номбаркардашуда на танҳо аз таносуби онҳо, балки ҳам аз марҳилаҳои сикли ҳаётии корхона, аз ваколат ва касбияти менеҷерони корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ вобаста аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки таъсири баъзе омилҳоро микдоран баҳо додан ғайриимкон мебошад, масалан, нуфӯзу эътибори корхона (имкониятҳои имконпазир, пардохтпазирӣ, сифати маҳсулот, сатҳи хизматрасонӣ ва ғ.).

Ҳамин тариқ, омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасонро таҳлил намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар онҳо захираҳои зиёдкунии фоида ниҳон шудаанд, ки асосиашон инҳо ба ҳисоб мераванд:

- таъмини афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар асоси баландбардории самаранокии истеҳсолот;
- ҳавасмандкунии фурӯши маҳсулот;
- тағйирдиҳии сохтори маҳсулоти истеҳсолшаванда ва фурӯхташаванда аз ҳисоби зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти бештар даромаднок;
- камкунии хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот;
- муқарраркунии вобастагии нарх аз сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, рақобатпазирии он, талабот ва таклифоти монанд;
- зиёдкунии фоида аз дигар самтҳои фаъолияти корхона.

Ҳамаи омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасонро баррасӣ намуда, онҳоро дар намуди расми зерин тасвир мекунем (расми 2.2.5.).

**Расми 2.2.5. Таснифоти омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон***




***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст.

Ба фикри мо, омилҳои ба ҳаҷми фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон, бояд предмети таҳлили ҳаматарафаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бошанд, зеро аз чунин таҳлил самаранокии фаъолияти корхонаҳо вобаста аст. Бо вуҷуди нақши ҳар як омилро ба инобат гирифтан зарур аст, то ки самаранокии фаъолияти корхона ва фоиданокии он таъмин карда шавад. Ҳар як корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бояд механизми худии ташаккулёбӣ ва афзоиши фоидаро кор карда бароял.

Умуман, ба фикри мо, истифодаи омилҳои афзоиши фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бояд аз рӯи принсипҳои зерин амалӣ гардонида шавад:

1) Дараҷаи баланди касбияти кадрҳои идоракунӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ, ки ба сари вақт ошкоркунии муаммоҳо ва ташкили самараноки фаъолияти корхона мусоидат мекунад;

2) Таъмини манфиатҳои корхона, фоиданокӣ ва устувории молиявии он дар оянда;

3) Коркарди барномаи баландбардории самаранокии фаъолияти корхона, ки ҳамаи самтҳои фаъолияти корхонаро дар бар мегирад;

4) Дастгирии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз ҷониби давлат.

Дар қатори омилҳои дохилии ба фоидаи корхонаҳои саноатии маҳсулоти ширӣ таъсиррасон, бо вуҷуди тамоюли мусбати рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳое ба назар мерасанд, ки ба рушди истеҳсолот монеа эҷод мекунанд, аз ҷумла, норасоии захираҳои молиявӣ ва сармоявӣ, сатҳи нокифояи омодагии касбии кадрҳои ихтисосманд, ҳамкории сусти давлат ва бахши хусусӣ, номукаммалии маҷмӯи карздиихиву молиявии корхонаҳои саноатӣ ва сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат.

Дастрасии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба воситаҳои молиявӣ маҳдуд буда, дар натиҷаи он дар ҷумҳурӣ ҳолатҳои сатҳи пасти рушди корхонаҳои саноатӣ, истифодаи техника ва таҷҳизоти истеҳсолии кӯҳнашуда, сатҳи пасти истеҳсолоти технологӣ ва сифати паст ва рақобатнопазирии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ба мушоҳида мерасанд.

Муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти ширӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ нуқтаи муҳим буда, дар сурати дурустии он имкони ташаккули натиҷаи молиявии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, яъне максимизатсияи фоида дар назар аст.

Арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ чунин функсияҳои муҳимро ичро мекунад:

- назорат ва ҳисоби ҳамаи хароҷотҳо барои реализатсия ва фурӯши маҳсулоти ширӣ;
- пойгоҳ барои пайдо шудани нархи яклухт барои маҳсулоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва баҳисбогирии даромаднокӣ ва фоида;
- асосноккунии иқтисодии истифдодаи оқилонаи сармоягузориҳои мавҷуда барои азнавтаҷҳизонадини техникӣ, азнавсозӣ ва рушди корхонаҳои мавҷуда;
- тартиби беҳтар намудани ҳаҷми корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ;
- асосноккунии иқтисодӣ ва қабули дилхоҳ қарорҳои роҳбарӣ ва дигар.

Дар баробари иваз шудани сохтори истеҳсолӣ суммаи хароҷот барои маҳсулот низ метавонад тағйир ёбад. Сатҳи хароҷотҳои тағйирёбанда барои як воҳиди маҳсулоти омодашуда, ҳаҷм ва сатҳи хароҷотҳои доимӣ низ нишондиҳандаҳои худро тағйир медиҳанд.

Нишондиҳандаҳои сохторӣ ҷудо намудани таъсири ҳамаи бандҳоро ба натиҷаи мутлақ ва нисбии сарфа ё сарфаи барзиёди хароҷот имкон медиҳад. Барои он, ки меҳнатталабӣ, масолеҳҳунҷоиш, энергияталабии маҳсулот ва хусусияти тағйирёбии онҳо, ҳамчунин таъсири худи арзиши маҳсулот баҳогузорӣ карда шавад, сохтори хароҷот таҳлил карда мешавад. Таъсири бандҳои алоҳидаи хароҷот ба арзиши аслии як сомонии маҳсулоти истеҳсолшуда вобаста ба сатҳи хароҷот аз рӯи ҳар як элемент ва банди хароҷотҳо баррасӣ шуда, асоси тамоилҳои он баҳогузорӣ карда мешавад.

Сатҳи хароҷот нисбат ба ҳаҷми маҳсулоти бозоргир дар ҳар як банди хароҷотӣ ҳисоб карда мешавад. Сари вақт мутаассир шудан ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои арзиши аслӣ аз аҳамияти меъёрӣ, қабул кардани қарорҳои дурусти идоракунӣ дар бораи барҳам додани онҳо омӯзиши динамика ва иҷрои нақшаро дар сатҳ ва сохтори хароҷот имкон медиҳад. Сатҳи хароҷот ба як сомонии маҳсулоти омодашуда нишондиҳандаи ҳаматрафае мебошад, ки алоқаи байни арзиши аслӣ ва фоидиаро инъикос менамояд. Ҳамчунин сатҳи даромаднокӣ, фоиданокӣ ва арзиши аслиро нишон медиҳад.

Сохтори хароҷотҳои ба арзиши аслии маҳсулоти ширӣ таъсиррасон дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар расми зерин оварда шудааст.

**Расми 2.2.6. Арзиши аслии маҳсулот ва хароҷотҳои он***




***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст.

Ба тағйирёбии сатҳи хароҷотҳо ба як сомонии маҳсулоти истеҳсолшуда омилҳое, ки бо он алоқаи мустақим доранд, таъсир мерасонанд. Сатҳи хароҷот ба маҳсулоти алоҳида, хароҷотҳои мустақими меҳнат, бандҳои маҷмӯи арзиши аслӣ сохтори он мебошад. Ҳамчунин тағйирёбии нархҳо ба ашёи хом, тарофаҳо ба энергия ва интиқоли дохилии ашёи хом дар сохторҳо, хароҷотҳои нақлиётӣ-омоданамоӣ, нархи

маҳсулот, сифати маҳсулоти тартиби амалкунандаро вайроннамуда ва ивази конъюктураи бозор мебошад.

Самаранокии идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар баланд шудани обрӯю эътибор ва садоқати кормандон нисбат ба кор буда, ҳосилнокии меҳнат на танҳо ба шароити меҳнат, ҳавасмандгардонии моддӣ ва амалиёти маъмурият, балки ба муҳити иҷтимоиву равонии байни коргарон низ вобаста аст ва маҳз менеҷер метавонад муҳитеро ташкил намояд, ки ба ҳадафҳои худ тавассути қонеъ кардани ниёзҳои кормандони худ ноил гардад.

Таҳлили вазъи молиявии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе муайян намуд, ки новобаста аз таъсири омилҳои дохиливу берунӣ фаъолияти худро идома дода, аҳолии шаҳр ва ноҳияи гирду атрофи онро бо маҳсулоти ширӣ таъмин менамоянд. Фаъолияти минбаъдаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ боиси таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ширии ватанӣ, таъмини аҳолии қории қувваи корӣ бо ҷойи кор, зиёд гардидани ҳаҷми маблағи андоз ва дар маҷмӯъ боиси рушди иқтисоди миллӣ мегардад.

Ҳангоми таҳлили вазъи молиявии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва фоидаи он нишондиҳандаҳои таваррумро дар ҷумҳурӣ ба инобат гирфта, онро аз рӯйи ҷадвали зерин шарҳ медиҳем.

**Ҷадвали 2.2.5. Сатҳи таваррум ва намояи нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| **Таваррум** | 5,1 | 6,1 | 6,7 | 5,4 | 8,0 | 9,4 | 8,0 |
| **Маҳсулоти хӯроквори** | 3,8 | 6,4 | 7,7 | 4,9 | 11,4 | 13,5 | 7,5 |
| **Шир ва маҳсулоти ширӣ** | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 6,4 | 4,3 | 8,9 |

***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст аз рӯйи: Нишондиҳандаи омории БМТ: бахши шарҳи таваррум[41].

[41] Нишондиҳандаи омории БМТ: бахши шарҳи таваррум. – www.nbt.tj

Сатҳи таваррум дар соли 2021 нисбат ба соли 2014 дар ҳаҷми 2,9 банди фоизӣ баланд шуда, таъсири баландшавӣ аз ҳисоби маҳсулоти хӯрокворӣ 3,8 фоизӣ ва аз ҷумла аз ҳисоби шир ва маҳсулоти ширӣ 1,6 банди фоизӣ ба назар мерасад.

Хусусияти ташаккули бозори минтақавии шир ва маҳсулоти ширӣ бештар аз шароити минтақавии табиии иқтисодии истеҳсолот, инфрасохтори мавҷудаи бозор ва ҳиссаи соҳаҳое, ки бо истеҳсол ва фурӯши шир ва маҳсулоти ширӣ алоқаманд аст, вобаста мебошад.

Фаъолияти бомуваффақияти бозори шир ва маҳсулоти ширӣ бештар аз ҷониби истеъмолкунанда муайян карда шуда, аз қобилияти пардохтпазирии он вобаста аст.

Барои фаъолияти бомуваффақи бозори шир ва маҳсулоти ширӣ робитаи иқтисодии субъектони асосии бозор: корхонаҳои истеҳсоли шир, коркард ва фурӯши он нақши худро мебозад.

Нақши омилҳои макроиқтисодӣ дар чунин шароит ба андозае бузург аст, ки ҳатто метавонад дар рушди минтақавии бозори шир ва маҳсулоти ширӣ таъсири манфии худро расонад.

Ба омилҳои ба рушди минтақавии бозори шир ва маҳсулоти ширӣ таъсиррасон дохил мешавад:

1. **Таносуби нархҳои байнисоҳавӣ**. Дар ин ҷо захираҳои сӯзишворӣ ва ҳаққи қувваи барқ дохил мешавад, ки нархи пасти онҳо ба арзиши аслии маҳслуот таъсири мусбӣ раоснида, бо паст гардидани онҳо нархи маҳсулоти ширӣ паст гардида, боиси фоиданокии соҳа мегардад. Бо таъсири нархҳои ҷаҳонӣ ба сӯзишворӣ ва таъсири нархи қувваи барқ дар ҷумҳурӣ арзиши шир ва маҳсулотҳои ширӣ низ боло рафта, корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба зарар гирифтор намуд, баланд бардоштани нархи фурӯши маҳсулот бо сабаби қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ маҳдуд карда шуд.

**2. Қобилияти харидории аҳолӣ ва динамикаи даромади воқей.** Бо паст гардидани музди меҳнат ва зиёд шудани ҳаҷми таваррум қобилияти харидории аҳолӣ босуръат паст гардида, ба фурӯши маҳсулоти ширӣ таъсир расонид.

**3. Танзими давлатии истеҳсолоти агросаноатӣ, аз ҷумла бозори шир ва маҳсулоти ширӣ.** Яке аз омилҳои муҳимтарине, ки ба танзими давлатӣ дохил мешавад, ҷудо намудани сармоягузориҳо ва қарзҳои имтиёзнок барои истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти ширӣ мебошад. Тибқи таҳлил, сармоягузорӣ ба самти мазкур дида намешавад ва фоизи қарзҳо бошанд, бо сабаби баланд буданашон маҳдуд гардидаанд, чунки ба фоиданокии истеҳсолот таъсири худро мерасонад.

**4. Идораи иҷтимоиву иқтисодии давлатӣ бо роҳи коркард ва амалисозии барномаҳои гуногун, нақшаҳо ва дурнамоҳо.** Аз рӯи ақидаи А.Ф.Серков[42], зиндашавии истеҳсолоти агросаноатӣ бо роҳи низоми амиқи пайвастшавии танзими давлатӣ ба даст меояд. Бо мақсади рақобатпазирии шир ва маҳсулоти ширӣ низоми нархҳои давлатиро бо дотатсияи истеҳсолоти шир ва маҳсулоти ширӣ ва таъмини даромаднокии корхонаҳои истеҳсоли шир ва маҳсулотҳои ширӣ ворид намудан лозим аст.

Барои мисоли банди “Таносуби нархҳои байнисоҳавӣ” таҳлили сохтори хароҷотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро гузаронида маълум намудем, ки қисмати зиёди хароҷот ба хароҷоти ҳаққи қувваи барқ рост омада, маҳз он бевосита ба арзиши аслии маҳсулоти ширӣ таъсири худро расонидааст. Ивазшавии тарофаҳои пардохти ҳаққи қувваи барқ барои истифодабарандагони соҳаи саноат мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарифҳои нерӯи барқ ва гармӣ” дар ҷавдали зерин тавсиф ёфтааст:

[42] Экономические механизмы развития интеграционных процессов в условиях аграрного рынка Беларуси и России / соавт.: А.И. Амосов и др.; Всерос.НИИ экономики сел. Хоз-ва и др. М.: “Вектор – ТиС”, 2010. – С. 167.

**Ҷадвали 2.2.6.**Тарифҳои нерӯи барқ ва гармӣ*

| № | Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон | Барои истифодабарандагони корхонаҳои саноатӣ ва ғайрисанотӣ, дирам ба 1 кВт соат |
|---|---|---|
| **1** | 3 июни соли 2014, №376 | 30,60 |
| **2** | 1 октябри соли 2016, №417 | 35,65 |
| **3** | 28 апрели соли 2017, №222 | - |
| **4** | 29 августи соли 2017, №412 | 40,99 |
| **5** | 21 июни соли 2018, №339 | - |
| **6** | 25 сентябри соли 2018, №473 | 47,13 |
| **7** | 22 июни соли 2019, №329 | 55,14 |

***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст аз рӯйи: Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тарифҳои нерӯи барқ ва гармӣ[43].

Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарифҳои нерӯи барқ ва гармӣ” аз 3 июни соли 2014 таҳти №376 ҳаққи пардохти қувваи барқ барои истифодабарандагони корхонаҳои саноатӣ ва ғайрисаноатӣ ба 1кВт соат **30,60**-ро ташкил дода, тарифҳо то ин муддат 6 маротиба иваз гардидааст. Айни ҳол тарифҳои пардохти қувваи барқ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019 таҳти №329 барои истифодабарандагони саноатӣ ва ғайрисаноатӣ **55,14** дирам ба 1кВт соат ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 2014- **24,54** дирам ба 1кВт соат ё **0,8** маротиба зиёд гардидааст.

Тақрибан қисми бештари ҳаҷми қувваи барқ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешавад, аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ масраф карда шуда, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе масрафи қувваи барқ 19%-ро ташкил медиҳад. Истеҳсол ва истифодаи қувваи барқ дар истеҳсолот ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолиро зиёд намуда, боиси рушди иқтисоди миллӣ мегардад, аммо гарон гардидани нархи қувваи барқ ба иқтисодиёт

[43] Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тарифҳои нерӯи барқ ва гармӣ. – www.barqi tojik.tj

хисороти зиёд оварда, сатҳи зиндагии аҳолӣ ва хароҷоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро зиёд менамояд.

Имрӯзҳо барои ҳалли мушкилотҳои мавҷудаи истеҳсолот, ки ба масраф ва истифодаи қувваи барқ бо сабаби гаронии он дар кишвар вобаста аст, мутахассисон бо истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ бунёди нерӯгоҳҳои хурди обиро дар минтақаҳо пешниҳод намуда, зарурати ба системаи ягонаи муттамарказ пайваст намудани онро дарҷ менамоянд. Нерӯгоҳҳои барқии хурд мустақилияти комилро аз таъминоти мутамаркази барқ, аз қатъ шудани таъминоти мутамаркази нерӯи барқ (ё набудани он) корхонаҳои саноатии дорои сикли технологии муттасил, аз ҷумла корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, ки истеҳсол ва нигоҳубини он дар муқоиса бо дигар маҳсулотҳо нозуктар аст, таъмин мекунад[44].

Бояд тазаккур дод, ки ҳалли масъалаҳои алоқаманд ба гаронии қувваи барқ, ки боиси рушди иқтисодиёт мегардад, дар бунёди нерӯгоҳҳои хурди обӣ масъалаи аввалиндарҷа мебошад. Раванди ислоҳот дар самти электорэнергия боиси афзоиш ва рушди соҳибкории хурду миёна гардида, дар баланд гардидани фоидаи корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ нақши асосиро мебозад. Агар дар тарофакунонии қувваи барқ ва зиёдшавии пардохтҳо бо истифодаи нерӯгоҳҳои барқии обии хурд роҳҳои ҳалли он ёфта шавад, пас самти мазкур рӯ ба рушд меорад.

Дар корхонаҳои саноатии истеҳсолии маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе сатҳи баланди фарсудашавии фондҳои асосӣ, таҷрибаи дароз кардани мӯҳлати хизмати таҷҳизот, ки ақимонии ояндаро дар самаранокии истеҳсолот мегузорад, бо сабаби интизоми пасти кормандон дар истеҳсолот, идоракунии нодоуруст ва кухна шудани муҳлати фондҳои асосӣ сатҳи баланди садамаи таҷҳизотҳо ба назар мерасад. Маврид ба зикр аст, ки

[44] Джураева Д.Х. Дисс. канд.э.н. Развитие рынка услуг по обеспечению электроэнергией населения: состояние и перспективы (на материалах города Душанбе) Душанбе: 2021.

таҳҷҳизотҳои барқии дар истеҳсоли маҳсулоти ширӣ истифодамешуда сарфаи қувваи барқашон зиёд мебошад.

### 2.3. Баҳои ҳолати муосири идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ.

Омӯзиши натиҷаҳои молиявии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба он имконияти баҳогузории ҳолати воқеии фаъолияти корхонаҳои мазкурро медиҳад. Паст кардани арзиши аслии маҳсулот, диверсификатсияи маҳсулот, банақшагирии молиявӣ, кам кардани хароҷотҳо, таъсиси бозорҳои нав зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, ба иҷора додан ва ё фурӯши моликияти дар истифода қарорнадошта, ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои нав дар истеҳсолот ва реструктуризатсия сарчашмаҳои асосии афзоиши фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мебошанд.

Аз рӯйи маълумоти "Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2025"[45] сатҳи истифодаи иқтидори истеҳсолӣ дар соли 2018 аз рӯи маҳсулоти ширӣ 16,7 фоиз, иқтидори солона 150,0 ҳазор тонна, ҳаҷми истеҳсол дар соли 2018 25.0 фоизро ташкил медиҳад ва танҳо 40 фоизи қисми фаъоли фондҳои корхонаҳои саноати ширии шаҳри Душанбе ба талаботи технолоии муосир ҷавобгӯ буда, 20 фоизи он ниёз ба реконструксия ва модернизатсия ва 40 фоиз ба ивази пурра эҳтиёҷ доранд. Дар соли 2018 талабот ба маҳсулоти ширӣ (аз ҳисоби шир) 1045,0 ҳазор тоннаро ташкил дода, 1,6% аз ҳисоби истеҳсоли корхонаҳо, 0,8% аз ҳисоби воридот ва 97,6% аз ҳисоби секторҳои хусусӣ таъмин карда шудаанд.

Иқтидори истеҳсолии корхонаҳои ба коркарди шир машғулбуда ба ҳолати 1 январи соли 2019 - 150 ҳазор тоннаро дар як сол ташкил медиҳад. Ба ҳисоби миёна таъминоти солонаи соҳа ба ашёи хом 25.0 ҳазор тонна ё

[45] Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2025. - www. adlia.tj

46.5 фоизи ҳаҷми шири хоҷагиҳои деҳқонии ҷумҳурӣ истеҳсолшавандаро дар бар мегирад. Сифати шир на он қадар баланд аст, чунки зиёда аз 80 фоизи хоҷагиҳои чорводорӣ бо таҷҳизотҳои ширро хунукнигоҳдоранда таъмин намебошанд.

Мақсади асосии таҳқиқи мо, дар баробари вусъат бахшидани шуғли пурмаҳсул бо саноатикунонии кишвар, дарёфти роҳҳои таъмини амнияти озуқаворӣ бо ғизои хушсифат буда, вобаста ба ин тасмим гирифтем, ки таҳлили таносуби истеҳсоли маҳсулоти шириро дар шаҳри Душанбе бо пешниҳоди ҷадвали зерин муайян намоем.

**Ҷадвали 2.3.7. Таносуби истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе ба сари аҳолӣ***

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| Аҳолии шаҳри Душанбе, млн. нафар | 0,79 | 0,80 | 0,82 | 0,83 | 0,85 | 0,86 | 1,19 |
| Истеҳсоли маҳсулоти шири холис ба ҳисоби шир, тонна дар ш.Душанбе | 6,5 | 6,6 | 6,3 | 6,4 | 6,3 | 6,7 | 6,5 |
| Меъёри истеъмоли маҳсулоти ширӣ ба як нафар, кг | 58,0 | 58,0 | 58,0 | 58,0 | 36,9 | 36,9 | 36,9 |
| Таносуби истеъмол ва истеҳсол | -6,45 | -6,55 | -6,25 | -6,35 | -6,27 | -6,67 | -6,46 |

***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст аз рӯйи: Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [46].

Мувофиқи “Барномаҳои таъмини амнияти озуқаворoccur Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 -2023” меъёри истеъмоли маҳсулоти ширӣ ба як нафар дар як сол 36,9 кг-ро ташкил дода, аҳолии шаҳри Душанбе дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 ба зиёда аз 400 ҳ. афзоиш ёфтааст. Аммо дар ин марҳила ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бетағйир (6.5 ҳазор тон.) боқӣ

[46] Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. – 2022. - www.stat.tj

монда, таносуби истеъмол ва истеҳсол (–6,46 ҳаз.тон.) нокифоя ба назар мерасад[47].

Омилҳои дохилии ба роҳҳои баланд бардоштани фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро ба инобат гирифта, дар асоси маълумотҳои расмии се корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар ш.Душанбе таҳлилҳои иқтисодӣ-риёзиро бо истфодаи воситаҳои коррелятсионӣ ва регрессионӣ анҷом медиҳем.

Бо ин мақсад нишондиҳандаҳои иқтисодии ҶДММ “Палуд”-ро дар ҷадвали 2.3.8. дорем.

**Ҷадвали 2.3.8.** Нишондиҳандаҳои асосии ҶДММ “Палуд”*

| Солҳо | Фоида (зарар) | Шумораи кормандон | Даромад аз фурӯш (сомонӣ) | Фонди музди меҳнат (сомонӣ) | Арзиши аслӣ (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 25900 | 9 | 161400 | 61735 | 135500 |
| 2016 | 20308 | 17 | 277330 | 98423 | 257022 |
| 2017 | 28151 | 16 | 541372 | 137840 | 513221 |
| 2018 | 29016 | 19 | 558023 | 161280 | 529007 |
| 2019 | -469183 | 13 | 200490 | 126342 | 669673 |
| 2020 | -90887 | 9 | 176925 | 87475 | 267812 |
| 2021 | -101073 | 7 | 164342 | 79360 | 265415 |

***Манбаъ:** муаллиф тартиб додааст: аз рӯйи маълумотҳои тасдиқшудаи ҶДММ “Палуд”

Барои гузаронидани таҳлилҳои иқтисодии нишондиҳандаҳои иқтисодии ҶДММ “Палуд” аз матритсаи коэффисисентҳои коррелятсия истифода мебарем. Коэффисиенти коррелятсия зичии алоқамандии байни нишондиҳандаҳои иқтисодиро ифода мекунад. Агар ин коэффисиент ба бузургии мутлақи 1 наздик бошад, нишондиҳандаҳои мавриди назар зич алоқаманд мебошанд. Дар ҳолати ба сифр наздик будани ин коэффисисент нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба ҳам алқаманд нестанд.

Бинобар ин, бо истифода аз технологияи иттилоотии муосир матритсаи коэффисисентҳои коррелятсиро дар ҷадвали 2.3.4. ҳосил намудем:

[47] Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2025, аз 31.07.2019, №373. - www. president.tj

**Ҷадвали 2.3.9.** Матритсаи коэффисисентҳои коррелсияи ҷуфт барои нишондиҳандаҳои асосии ҶДММ "Палуд"*

| | *Фоида (зарар)* | *Шумораи кормандон* | *Даромад аз фурӯш (сомонӣ)* | *Фонди музди меҳнат (сомонӣ)* |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи кормандон | 0,14386 | | | |
| Даромад аз фурӯш (сомонӣ) | 0,33568 | ***0,83476*** | | |
| Фонди меҳнати миёна (сомонӣ) | -0,15034 | 0,83959 | 0,86589 | |
| Арзиши аслӣ (сомонӣ) | -0,58164 | 0,59548 | 0,57100 | ***0,87877*** |

***Манбаъ:** муаллиф тартиб додааст.

Аз матритсаи рақамҳои ҷадвали 2.3.4. дида мешавад, ки аксарияти коэффисентҳои коррелятсия ба сифр наздик мебошанд, мувофиқан ин нишондиҳандаҳо ба таҳқиқот ҷалб карда намешаванд. Вобаста ба ин алоқамандии $Y_1$-даромад аз фурӯшро аз $X_1$-шумораи кормандон ва алоқамандии $Y_2$- арзиши аслии маҳсулоти корхонаро вобаста аз $X_2$- фонди музди меҳнатро дар моделҳои регрессионӣ таҳқиқ мекунем.

Дар натиҷаи ҳисобкуниҳои компютерӣ диаграммаи зерини алоқамандии нишондиҳандаҳо ҳосил карда шуданд:

**Расми 2.3.7. Диаграммаи алоқамандии $Y_1$- даромад аз фурӯш, $X_1$-шумораи кормандон***




***Манбаъ:** муаллиф тартиб додааст.

Чӣ тавре, ки аз расми 1 дида мешавад дар майдони коррелятсионӣ хатти каҷи алоқамандии $Y_1$-даромад за фурӯш аз $X_1$-шумораи кормандон дар ҶДММ "Палуд" тасвир шудааст.

Модели регрессияи дараҷавӣ чунин аст:

$$Y_1 = 12050x_1^{1,2273} \quad (1)$$

Модели (1) дорои тавсифҳои хуби оморӣ аст. Масалан, яке аз нишондиҳандаҳои сифати хуби модел ин коэффисисенти детерминатсия аст, ки барои модели мо ба $R^2 = 0,74$ баробар аст. Ин маънои онро дорад, ки 74%- тағйирёбии қимати $Y_1$ аз тағйирёбии миёнаи $x_1$ вобаста аст. Яъне сифати хуби моделро нишон медиҳад.

Адади дар назди $x_1$ (7,0378) доимӣ буда, шарҳи иқтисодӣ надорад. Адади дар дараҷаи $x_1$ (1,23) – коэффисисенти чандирӣ аст. Ин коэффисисент нишон медиҳад, ки ҳангоми ба 1 фоиз афзудани шумораи кормандон нишондиҳандаи $Y_1$-даромад за фурӯш ба 1,23% меафзояд. Яъне дар ҶДММ “Палуд” даромад аз фурӯш нисбат ба шумораи кормандон чандир аст.

Аз модели мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ҶДММ “Палуд” саҳми қувваи корӣ дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот назаррас аст. Бинобар ин, ҶДММ “Палуд”-ро барои автоматикунонии ҷойи кор ва аз ин ҳисоб баланд бардоштани маҳсулнокии истеҳсолот чораандешӣ намояд.

Айнан ҳамин тавр, алоқамандии $Y_2$-арзиши аслии маҳсулоти корхонаро вобаста аз $X_2$-фонди музди меҳнат мебинем. Яъне мо гипотеза пешниҳод менамоем, ки арзиши аслии маҳсулоти ҶДММ “Палуд” аз фонди музди меҳнат вобаста аст. Алгоритми болоро такрор карда модели ғайрихаттиро дар расми зерин ба даст меорем:

**Расми 2.3.8. Диаграммаи алоқамандии $Y_2$- арзиши аслии маҳсулоти корхонаро вобаста аз $X_2$-фонди музди меҳнат***




***Манбаъ:** муаллиф тартиб додааст.

Чӣ тавре, ки аз расми 2 дида мешавад, дар майдони коррелятсионӣ хатти каҷи алоқамандии $Y_2$-арзиши аслии маҳсулоти корхона вобаста аз $X_2$- фонди музди меҳнат дар ҶДММ "Палуд" тасвир шудааст.

Модели регрессияи дараҷавӣ чунин аст:

$$Y_2 = 0,0024x_2^{1,6214} \qquad (2)$$

$$R^2 = 0,8691$$

Модели (2) дорои тавсифҳои хуби оморӣ аст. Масалан, яке аз нишондиҳандаҳои сифати хуби модел ин коэффисиенти детерминатсия аст, ки ба $R^2$ = 0,869 баробар аст. Ин маънои онро дорад, ки 86,9%-тағйирёбии қимати $Y_2$ аз тағйирёбии миёнаи $x_2$ вобаста аст. Яъне сифати хуби моделро нишон медиҳад.

Адади дар назди $x_1$ (0,0024) доимӣ буда, шарҳи иқтисодӣ надорад. Адади дар дараҷаи $x_1$ (1,62) – коэффисиенти чандирӣ аст. Ин коэффисиент нишон медиҳад, ки ҳангоми ба 1 фоиз афзудани фонди музди меҳнат нишондиҳандаи $Y_2$-арзиши аслии маҳсулоти корхона ба 1,62% меафзояд. Яъне дар ҶДММ "Палуд" арзиши аслии маҳсулот нисбат ба музди меҳнат чандир аст.

Аз модел хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ҶДММ "Палуд" саҳми фонди музди меҳнат дар арзиши аслии маҳсулоти корхона назаррас аст. Бинобар ин, модели (2) мантиқан модели (1)-ро пурра мекунад ва ин бори дигар собит мекунад, ки фонди музди меҳнат ба арзиши аслии

маҳсулот таъсири мустақим дорад. Аз ин лиҳоз, барои паст кардани арзиши аслии маҳсулот ва барои дастрас шудани маҳсулоти ширӣ барои тамоми қишрҳои истеъмолкунандагон фонди музди меҳнатро аз ҳисоби ҷорӣ кардани технологияи истеҳсоли маҳсулот паст кардан лозим аст. Бо истифода аз модели (2) дурнамои арзиши аслии маҳсулоти ЧДММ “Палуд”-ро муайян мекунем:

**Расми 2.3.9. Дурнамои арзиши аслии маҳсулот дар** ЧДММ “Палуд”*

| Солҳо | Арзиши аслӣ |
|---|---|
| 2015 | 135500 |
| 2016 | 257022 |
| 2017 | 513221 |
| 2018 | 529007 |
| 2019 | 669673 |
| 2020 | 267812 |
| 2021 | 265415 |
| Дурнамо | |
| 2023 | 528476 |
| 2024 | 561324 |
| 2025 | 594171 |
| 2026 | 627019 |
| 2027 | 659867 |
| 2028 | 692715 |
| 2029 | 725563 |
| 2030 | 758410 |




***Манбаъ:** муаллиф тартиб додааст.

Дурнамои дар расми боло ҳосилшуда аз рӯи маълумотҳои ибтидоӣ ба даст омадааст ва хусусияти эҳтимолӣ дорад. Агар омилҳои ба арзиши аслӣ таъсиррасон бетағйир бошанд, интизор шудан мумкин аст, ки дар соли 2030 ин нишондиҳанда ба 758,410 ҳазор сомонӣ расиданаш мумкин аст.

**Барои муайян кардани алоқамандии арзиши аслӣ аз омилҳои дигари иқтисодӣ барои ЧДММ “Саодат” низ аз чунин равиш истифода мебарем.** Дар ибтидо матритсаи коэффисисентҳои коррелятсияро аз маълумотҳои омории корхона муайн мекунем:

**Ҷадвали 2.3.11.** Матритсаи коэффисисентҳои коррелсияи ҷуфт барои нишондиҳандаҳои асосии ЧДММ “Саодат”*

| Солҳо | Фоида (зарар) | Шумораи кормандон | Даромад аз фурӯш (сомонӣ) | Фонди музди меҳнат | Арзиши аслӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|

| | | | | (сом.) | |
|---|---|---|---|---|---|
| **2015** | 1 247 482 | 110 | 6 484 600 | 1 228 365 | 5 237 118 |
| **2016** | 1 122 810 | 112 | 6 590 840 | 1 521 700 | 5 468 030 |
| **2017** | 1 121 209 | 113 | 7 284 041 | 1 716 000 | 6 162 832 |
| **2018** | 970 326 | 131 | 7 415 520 | 1 943 728 | 6 445 194 |
| **2019** | 721 599 | 134 | 7 721 730 | 2 076 294 | 7 000 131 |
| **2020** | 966 121 | 138 | 8 307 780 | 2 072 372 | 7 341 659 |
| **2021** | 1 135 965 | 136 | 8 818 130 | 2 071 960 | 7 682 165 |

***Манбаъ**: Муаллиф тартиб додааст: Аз рӯйи маълумотҳои тасдиқшудаи ҶДММ “Саодат”

Ҳамчунин барои ин корхона низ ҷадвали матритсаи коэффитсентҳои коррелятсияро ҳосил мекунем:

**Ҷадвали 2.3.12.** Матритсаи коэффисисентҳои коррелсияи ҷуфт барои нишондиҳандаҳои асосии ҶДММ “Саодат”*

| | *Фоида (зарар)* | *Шумораи кормандон* | *Даромад аз фурӯш (сомонӣ)* | *Фонди музди меҳнат (сомонӣ)* |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи кормандон | -0,6450 | | | |
| Даромад аз фурӯш (сомонӣ) | -0,3433 | 0,8760 | | |
| Фонди музди (сомонӣ) | -0,7049 | 0,9271 | 0,8753 | |
| Арзиши аслӣ (сомонӣ) | -0,5021 | ***0,9265*** | 0,9846 | ***0,9371*** |

***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст.

Чӣ тавре, ки аз матритсаи коэффисисентҳои коррелсияи ҷуфт дида мешавад, арзиши аслии маҳсулоти ҶДММ “Саодат” аз омилҳои иқтисодии шумораи кормандон (нафар), даромад аз фурӯш ва фонди музди меҳнат зич алоқаманд аст. Мо метавонем модели регрессияи маҷмӯӣ мураттаб кунем, ки дар он алоқамании онҳоро ифода намояд, аммо бинобар сабаби байни ҳамдигар дар алоқамандии зич қарор доштани омилҳои новобаста мушкилии мултиколлинеарӣ ба вуҷуд меояд.

Аз ин лиҳоз, дуто модели регрессияи соддаро тартиб дода, рафтори омилҳоро баҳо медиҳем:

1) Модели регрессияи Y-арзиши аслӣ вобаста аз $X_1$- музди меҳнати миёна:

**Расми 2.3.9. Диаграммаи алоқамандии Y- арзиши аслии маҳсулоти ҶДММ “Саодат” вобаста аз $X_1$-фонди музди меҳнат***




***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст.

Чӣ тавре, ки аз расми 3 дида мешавад, дар майдони коррелятсионӣ хатти каҷи алоқамандии Y-арзиши аслии маҳсулоти корхона вобаста аз $X_1$-фонди музди меҳнат дар ҶДММ “Саодат” тасвир шудааст.

$$Y = 1750125{,}42+2{,}6196x_1 \qquad (3)$$

$$R^2 = 0{,}8781$$

Модели (3) дорои тавсифҳои хуби оморӣ аст, чунки яке аз нишондиҳандаҳои сифати хуби модел - коэффисисенти детерминатсия ба $R^2$=0,7149 баробар аст. Ин маънои онро дорад, ки 87,81% - тағйирёбии қимати Y аз тағйирёбии миёнаи $x_1$ вобаста аст. Яъне сифати хуби моделро нишон медиҳад.

Адади аъзои озоди модел 1750125,42 доимӣ буда, шарҳи иқтисодӣ надорад. Адади дар назди $x_1$ (2,62) – коэффисисенти регрессия буда нишон медиҳад, ки ҳангоми ба 1 сомонӣ афзудани фонди музди меҳанат Y-арзиши аслии маҳсулот дар ҶДММ “Саодат” ба 2,62 сомонӣ афзоиш меёбад.

2) Модели регрессияи арзиши аслӣ вобаста аз $X_2$- шумораи кормандон (нафар) дар ҶДММ “Саодат”:

**Расми 2.3.10. Диаграммаи алоқамандии Y- арзиши аслии маҳсулоти корхонаро вобаста аз X2-шумораи кормандони ҶДММ “Саодат”*.**




***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст.

Чӣ тавре, ки аз расми 4 дида мешавад дар майдони коррелятсионӣ хатти каҷи алоқамандии Y-арзиши аслии маҳсулоти корхонаро вобаста аз X2- шумораи кормандони ҶДММ “Саодат” тасвир шудааст.

Модели регрессияи дараҷавӣ чунин аст:

$$Y = 10911x_2^{1,3223} \qquad (4)$$
$$R^2 = 0,8604$$

Модели (4) дорои тавсифҳои хуби оморӣ аст, ки коэффисисенти детерминатсия ба $R^2 = 0,8604$ баробар аст. Ин маънои онро дорад, ки 86,04%- тағйирёбии қимати Y аз тағйирёбии миёнаи $x_2$ вобаста аст, яъне сифати хуби моделро нишон медиҳад.

Адади дар назди $x_2$ (10911) доимӣ буда, шарҳи иқтисодӣ надорад. Адади дар дараҷаи $x_2$ (1,32) – коэффисисенти чандирӣ аст. Ин коэффисиент нишон медиҳад, ки ҳангоми ба 1 фоиз афзудани шумораи кормандони ҶДММ “Саодат” Y-арзиши аслии маҳсулоти корхона ба 1,32% меафзояд. Яъне дар ҶДММ “Саодат” арзиши аслии маҳсулот нисбат шумораи кормандони он чандир аст.

Аз моделҳои (3) ва (4) хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ҶДММ “Саодат” саҳми музди меҳнати миёна ва шумораи кормандон дар арзиши аслии маҳсулоти корхона назаррас аст. Бинобар ин модели (3) мантиқан модели (4)-ро пурра мекунад ва ин бори дигар собит мекунад, ки фонди музди меҳнат ба арзиши аслии маҳсулот таъсири мустақим дорад.

Аз ин лиҳоз, барои паст кардани арзиши аслии маҳсулот ва барои дастрас шудани он барои тамоми қишрҳои истеъмолкунандагон фонди музди меҳнат ва шумораи кормандонро аз ҳисоби ҷорӣ кардани технологияи истеҳсоли маҳсулот паст кардан лозим аст.

Бо истифода аз модели (3) ва ё (4) дурнамои арзиши аслии маҳсулоти ҶДММ "Саодат"-ро муайян мекунем:

**Расми 2.3.11. Дурнамои арзиши аслии маҳсулот дар** ҶДММ "Саодат"*.

| Солҳо | Арзиши аслӣ (сом) |
|---|---|
| 2015 | 5 237 118 |
| 2016 | 5 468 030 |
| 2017 | 6 162 832 |
| 2018 | 6 445 194 |
| 2019 | 7 000 131 |
| 2020 | 7 341 659 |
| 2021 | 7 682 165 |
| 2022 | 8 179 547 |
| **Дурнамо** | |
| **2024** | 9 030 954 |
| **2025** | 9 456 657 |
| **2026** | 9 882 361 |
| **2027** | 10 308 064 |
| **2028** | 10 733 768 |
| **2029** | 11 159 471 |
| **2030** | 11 585 175 |




***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст.

Дурнамои дар расми боло ҳосилшуда аз рӯи маълумотҳои ибтидоӣ ба даст омадааст ва эҳтимолияти зиёдтари воқеӣ шуданро дорад. Чунки аз расм дида мешавад, ки хатти дурнамо хати трендро идома дода истодааст. Ба ҳар ҳол ҳангоми бетағйир будани омилҳои ба арзиши аслӣ дар ҶДММ "Саодат" таъсиррасон, интизор шудан мумкин аст, ки дар соли 2030 ин нишондиҳанда ба 11 585 175 сомонӣ расиданаш мумкин аст.

Барои муайян кардани алоқамандии арзиши аслӣ аз омилҳои дигари иқтисодӣ барои "Комбинати шири ш. Душанбе" низ аз чунин равиш истифода мебарем.

**Ҷадвали 2.3.13.** **Нишондиҳандаҳои асосии ҶСП “Комбинати шири ш. Душанбе”***

| Солҳо | Фоида (зарар) | Шумораи кормандон | Даромад аз фурӯш (сомонӣ) | Фонди музди меҳнат (сомонӣ) | Арзиши аслӣ (сом) |
|---|---|---|---|---|---|
| **2015** | 635 192 | 320 | 14 631 850 | 3 479 162 | 13 996 658 |
| **2016** | 236 113 | 332 | 15 415 305 | 3 920 368 | 15 179 192 |
| **2017** | 259 724 | 341 | 16 076 931 | 4 209 342 | 15 817 207 |
| **2018** | 548 062 | 358 | 16 353 735 | 4 805 753 | 15 805 673 |
| **2019** | 582 413 | 375 | 18 389 106 | 5 140 339 | 17 806 693 |
| **2020** | 396 906 | 380 | 18 411 378 | 222 980 | 18 014 472 |
| **2021** | 394 507 | 378 | 18 535 876 | 223 450 | 18 141 369 |

***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст, аз рӯйи маълумотҳои омории тасдиқшудаи ҶСП “Комбинати шири ш.Душанбе”

Дар ибтидо матритсаи коэффисисентҳои коррелятсияро муайян мекунем:

**Ҷадвали 2.3.14. Матритсаи коэффисисентҳои коррелятсияи ҷуфт барои нишондиҳандаҳои асосии ҶСП “Комбинати шири ш. Душанбе”***

| | *Фоида (зарар)* | *Шумораи кормандон* | *Даромад аз фурӯш (сомонӣ)* | *Фонди музди меҳнат (сомонӣ)* |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи кормандон | 0,0626 | | | |
| Даромад аз фурӯш (сомонӣ) | 0,0132 | 0,9804 | | |
| Фонди музди меҳнат (сомонӣ) | 0,2246 | -0,4656 | -0,4978 | |
| Арзиши аслӣ (сом) | -0,0843 | ***0,9709*** | ***0,9952*** | -0,5180 |

***Манбаъ:** муаллиф тартиб додааст.

Чӣ тавре, ки аз матритсаи коэффсиентҳои ҷуфт дида мешавад, арзиши аслии маҳсулоти ҶСП “Комбинати шири ш. Душанбе” ба мисли корхонаҳои пештар таҳлилшуда аз омилҳои иқтисодии шумораи кормандон (нафар) ва фоида за фурӯш зич алоқаманд аст. Мо метавонем модели регрессияи маҷмӯӣ мураттаб кунем, ки дар он алоқамании Y-ро аз ин омилҳо ифода намояд, аммо бинобар сабаби байни ҳамдигар дар алоқамандии зич қарор доштани ин омилҳо мушкилии мултиколлинеарӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин лиҳоз дуто модели регрессияи содда тартиб дода, рафтори омилҳоро баҳо медиҳем:

Модели регрессияи арзиши аслӣ вобаста аз $x_1$- шумораи кормандон дар расми зерин нишон дода шудааст.

**Расми 2.3.12. Диаграммаи алоқамандии Y- арзиши аслии маҳсулоти ҶСП “Комбинати шири ш. Душанбе” вобаста аз $X_1$- шумораи кормандон***




***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст.

Чӣ тавре, ки аз расми 3 дида мешавад, дар майдони коррелятсионӣ хатти каҷи алоқамандии Y-арзиши аслии маҳсулоти корхона вобаста аз $X_1$- шумораи кормандон дар ҶСП “Комбинати шири ш. Душанбе” тасвир шудааст.

$$Y = 4357{,}5x_1^{1{,}4019} \qquad (5)$$

$$R^2 = 0{,}9425$$

Модели (5) дорои тавсифҳои хуби оморӣ аст, чунки яке аз нишондиҳандаҳои сифати хуби модел - коэффисисенти детерминатсия ба $R^2$=0,9425 баробар аст. Ин маънои онро дорад, ки 94,25% - тағйирёбии қимати Y аз тағйирёбии миёнаи $x_1$ вобаста аст. Яъне сифати хуби моделро нишон медиҳад.

Адади аъзои озоди модел 4357,5 доимӣ буда, шарҳи иқтисодӣ надорад. Адади дар дараҷаи $x_1$ (1,4019) – коэффисисенти чандирӣ буда нишон медиҳад, ки ҳангоми ба 1 фоиз афзудани шумораи кормандон Y-арзиши аслии маҳсулот дар ҶСП “Комбинати шири ш.Душанбе” 1,4% меафзояд. Ҳамин тавр хулоса кардан мумкин аст, ки Y-арзиши аслии

маҳсулот дар ҶСП "Комбинати шири ш.Душанбе" нисбат ба шумораи кормандон чандир аст.

Модели регрессияи Y-арзиши аслӣ вобаста аз $X_2$- фоида за фурӯш дар ҶСП "Комбинати шири ш.Душанбе":

**Расми 2.3.13. Диаграммаи алоқамандии Y- арзиши аслии маҳсулоти корхонаро вобаста аз $X_2$- фоида за фурӯш дар ҶСП "Комбинати шири ш.Душанбе" ***




***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст.

Чӣ тавре, ки аз расми 6 дида мешавад, дар майдони коррелятсионӣ хатти каҷи алоқамандии Y-арзиши аслии маҳсулоти корхонаро вобаста аз $X_2$- фоида за фурӯш дар Комбинати шири ш. Душанбе тасвир шудааст.

Модели регрессияи дараҷавӣ чунин аст:

$$Y = 0,5875x_2^{1,0304} \qquad (6)$$
$$R^2 = 0,9894$$

Модели (6) дорои тавсифҳои хуби оморӣ аст, ки коэффисисенти детерминатсия ба $R^2 = 0,9894$ баробар аст. Ин маънои онро дорад, ки 99%-тағйирёбии қимати Y аз тағйирёбии миёнаи $x_2$ вобаста аст. Яъне сифати хуби моделро нишон медиҳад.

Адади дар назди $x_2$ (0,5875) доимӣ буда, шарҳи иқтисодӣ надорад. Адади дар дараҷаи $x_1$ (1,03) – коэффисисенти чандирӣ аст. Ин коэффисиент нишон медиҳад, ки ҳангоми ба 1 фоиз афзудани фоида за фурӯш дар Комбинати шири ш. Душанбе Y-арзиши аслии маҳсулоти корхона ҳам ба 1% меафзояд. Яъне дар Комбинати шири ш. Душанбе арзиши аслии маҳсулот нисбат ба фоида аз фурӯши он чандир аст.

Аз моделҳои (5) ва (6) хулоса баровардан мумкин аст, ки дар Комбинати шири ш. Душанбе саҳми фоида аз фурӯш ва шумораи кормандонро дар арзиши аслии маҳсулоти корхона назаррас аст. Бинобар ин модели (5) мантиқан модели (6)-ро пурра мекунад ва ин бори дигар собит мекунад, ки фоида аз фурӯш ва шумораи кормандон ба арзиши аслии маҳсулот таъсири мустақим дорад. Аз ин лиҳоз барои паст кардани арзиши

аслии маҳсулот ва барои дастрас шудани он барои тамоми қишрҳои истеъмолкунандагон фоида аз фурӯшро зиёд карда, шумораи кормандонро аз ҳисоби ҷорӣ кардани технологияи истеҳсоли маҳсулот кам кардан лозим аст.

Ҳамаи моделҳои 1-6 тавсифҳои хуб доранд ва тавсия дода мешаванд, ки дар таҳлилҳо ваояндабинии корхонаҳои мавриди назар истифода шаванд. Бо истифода аз модели (5) ва ё (6) дурнамои арзиши аслии маҳсулоти Комбинати шири ш. Душанберо муайян мекунем:

**Расми 2.3.14. Дурнамои арзиши аслии маҳсулот дар ҶСП "Комбинати шири ш.Душанбе" ***

| Солҳо | Арзиши аслӣ (сом) |
|---|---|
| 2015 | 13 996 658 |
| 2016 | 15 179 192 |
| 2017 | 15 817 207 |
| 2018 | 15 805 673 |
| 2019 | 17 806 693 |
| 2020 | 18 014 472 |
| 2021 | 18 141 369 |
| 2022 | 19 265 063 |
| Дурнамо | |
| 2024 | 20 700 362 |
| 2025 | 21 418 011 |
| 2026 | 22 135 660 |
| 2027 | 22 853 310 |
| 2028 | 23 570 959 |
| 2029 | 24 288 608 |
| 2030 | 25 006 257 |




*Манбаъ: Муаллиф тартиб додааст.

Дурнамои дар расми боло ҳосилшуда аз рӯи маълумотҳои ибтидоӣ ба даст омадааст ва эҳтимолияти зиёдтари амалшавиро дорад. Чунки аз расм дида мешавад, ки хати дурнамо идомаи хатти воқеӣ аст. Ба ҳар ҳол ҳангоми бетағйир будани омилҳои ба арзиши аслӣ дар Комбинати шири ш. Душанбе, интизор шудан мумкин аст, ки дар соли 2030 ин нишондиҳанда ба 25 006 257 сомонӣ расиданаш мумкин аст.

Ахиран қайд менамоем, ки самтҳои асосии таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ширӣ муқаррар намудани номгӯйи маҳсулоти ширӣ ва таъмин намудани истеҳсоли он, таъмини мувозинати содироту воридоти маҳсулоти ширӣ ва мониторинги мунтазами вазъи бозори маҳсулоти ширӣ мебошад.

# БОБИ III. ПЕРСПЕКТИВАИ ИДОРАКУНИИ БАЛАНДБАРДОРИИ ФОИДАИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ШИРӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ.

## 3.1. Самтҳои асосии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ.

Рушди соҳаи саноати хӯрокворӣ аз ҷумла маҳсулоти ширӣ бевосита аз ашёи хом вобаста буда, самаранокӣ ва ташаккули ин соҳа аз таъмин сифатӣ ва микдории ашёи хом вобаста аст. Паст шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ин соҳа аз кам дастрас гардидани ашёи хом ва баланд гардидани нарх ба маҳсулотҳои кишоварзӣ вобаста аст. Ҷойгиркунии дилхоҳ корхонаи саноатӣ наметавонад аз ҷойгиркунии захираҳои ашёи хом, сӯзишворӣ – энергетикӣ, захираҳои меҳнатӣ ва аз бозори фурӯш (истеъмолӣ) дур бошад.

Корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ асоси бунёд ва ташаккули бозори шир ва маҳсулоти ширӣ ба шумор рафта, бозори ин намуди маҳсулот дар минтақаҳо бо хусусиятҳои миқдориву сифатӣ аз якдигар фарқ мекунанд, аз ҷумла, сарчашмаи воридоти ашёи хом, аз рӯи гурӯҳи истеъмолкунандагон, ҳаҷми тақозо ва арза ба намуди маҳсулот, сифати маҳсулот ва ассортимент, нархи фурӯш ва дигар хусусиятҳо, ки ба ҳар минтақа хос мебошад.

Истеъмоли шир ва маҳсулоти шириро ҳамчун омили асосии афзоиши талабот ба инобат гирифта, рафтори истеъмолкунандагон бо муайян намудани сабабҳои онҳо омӯхта мешаванд. Ин амал имкон медиҳад, ки идоракунии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ такмил дода шуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот муайян карда шавад.

Қатъ накардани марҳилаҳои истеҳсоли маҳсулот, кашонидани маҳсулот аз як ҷой ба ҷои дигар, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти ширӣ боиси рушди он дар бозор мегардад. Баҳри самаранок гардонидани фаъолият механизми алоқаи байни фурӯшандагони шир ва

истеҳсолкунандагони маҳсулоти ширӣ зарур аст, то ки ҳам истеҳсолкунандаи шир ва ҳам истеҳсолкунандаи маҳсулоти ширӣ фоида ба даст биёрад. Вобаста ба зарурати муттаҳидии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо комплексҳои агросаноатӣ ба миён омада, бо ташкили кафолати фурӯши маҳсулот аз ҷониби ҳамаи истеҳсолкунандагони сохти ташкилӣ-ҳуқуқӣ, таъмини иқтидори мустаҳками истеҳсолоти маҳсулоти ширӣ бо захираҳои ашёи хом, бунёди захираҳои худии фурӯш барои бозори минтақавии шир ва маҳсулотҳои ширӣ, ташаккули талаботи истеъмолкунандагон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ боиси роҳи ҳалли масъала гардад.

Структурае, ки ҳамаи звеноҳои комплексро аз истеҳсолот то фурӯш фаро мегирад, метавонад самаранок бошад, чунки ҳангоми ба норасогӣ ва камбудӣ роҳ додан дар давраи истеҳсолот метавонад онро дар якҷоягӣ пӯшонад ва механизми ҳарактдиҳандаи шир ва маҳсулоти ширӣ аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда, кам кардани хароҷот ва ба даст овардани фоидаи бардавом, баланд бардоштани рақобатнокии минтақа дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ мебошад[48].

Зеркомплексҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ маҷмӯи корхонаҳоеро дар худ таҷассум менамояд, ки шир-ашёи хом ва корхонаҳое, ки онро коркард менамоянд ва аз он номгӯи маҳсулотҳои ширӣ истеҳсол менамоянд. Парвариши чорвои ширдеҳ зеркомплекси асосӣ ба ҳисоб рафта, паст шудани ҳаҷми истеҳсоли шир боиси паст шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мегардад.

“Кластерҳои агросаноатӣ ҳамчун низоми иҷтимоии иқтисодӣ қодиранд, ки фаъолиятро дар силсилаи истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашудаи на танҳо истеҳсолкунандагони калон, балки корхонаҳои хурду миёна оид ба истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ

[48] Столярова Ю.В. Развитие рынка молока и молочной продукции в условиях импортозамещения. Региональная экономика: теория и практика./ Региональная экономика: теория и практика, 2017, т.15, вып.4, - С. 717 – 728. - www. cyberleninka. ru

ҳамоҳанг созанд. Фароҳам овардани шароити рушди онҳо дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрам мебошад ва дар бахши агросаноатӣ соҳибкории хурду миёна ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷойгоҳи муайянро ишғол менамоянд”[49].

Дар асоси таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла таҷрибаи Ҷумҳурии Қирғизистон таъсиси кластерҳоро ҳамчун самти афзалиятноки идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе дар расми зерин пешниҳод менамоем:

**Расми 3.1.15. Нақшаи фуксионалии кластери саноати шир***




***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст: аз рӯйи таҷрибаи Ҷумҳурии Қирғизистон вобаста ба кластеризатсияи саноати шир.

**Кластерҳо** – маҷмӯи корхонаҳои ба ҳам муттаҳид ва соҳибкорони хусусӣ, таъминкунандагони мол ва хизматраосниҳо, ширкатҳои сохти фаъолияташон омехтае, ки умумияти ҷуғрофӣ дошта, дар арзиши изофа аз ҳам вобастагӣ дошта, муносибатҳои пайваста тибқи шартномаи ҳамкорӣ доранд ва дар маҷмӯъ якҷоя барои таъмини самаранокии истеҳсоли худӣ ва умумӣ кӯшиш мекунанд.

[49] Консепсияи ташкил ва рушди комплексҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, аз 28.10.2020, №566. - www.president.tj

Дар навабати худ кластерҳо ба **уфуқӣ,** ки аз корхонаҳо ва истеҳсолоти ба ҳам муттаҳид иборат мебошанд, **амудӣ,** ки корхонаҳо ва истеҳсолоти аз ҷиҳати фаъолият ба ҳам наздик ва технологияи якхеларо истифодабаранда ва ғ. мебошад ва к**ластерҳои инноватсионӣ,** ки ба коркард ва истеҳсоли маҳсулоти технологияи сатҳи баланд ва инноватсионӣ иборат аст, тасниф мешаванд. Ҳамчун қоида кластерҳо ба ҳаҷми зиёди истеҳсол ва фурӯш дар бозор нигардонида шудаанд.

Аъзоёни кластерҳоро метавон ба аслӣ (профильный) – корхонаҳое, ки мустақиман ба истеҳсоли маҳсулоти асосии кластер машғуланд ва ғайриаслӣ (непрофильный) - корхонаҳое, ки чунин алоқаи мустақимро надоранд, ҷудо намуд. Масалан, ташкилотҳои молиявӣ, ширкатҳои нақлиётӣ ва ғ.

Аъзоёни кластер – ин истеҳсолкунандагони шир (звенои истеҳсоли ашёи хом), ҷамъоварандаи шир (звенои дастраскунандаи шир), корхонаи коркарди шири ҷамъоваришуда ва маҳсулоти тайёрро ба фурӯшбароранда (звенои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ – корхонаи истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ) мебошанд. Инчунин, ба аъзоёни он ташкилотҳои молиявии кластерҳоро бо қарз таъминкунанда низ дохил мешаванд.

Ба кластер ширкатҳои гуногуне, ки таъминкунандаи мол ва хизматрасонӣ барои таъмини истеҳсоли маҳсулоти асосии кластер мебошанд, дохил мешаванд. Онҳоро шартан метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд. Масалан, таҳвилгарони мол ва хизматрасонӣ, ки аз онҳо бетанаффус ва фаъолияти мустаҳкамии фаъолияти истеҳсолии аъзоёни кластерҳо иборатанд, метавонанд ва гурӯҳи алоҳида ҷудо шаванд. Ҳамучунин ширкатҳое ҳастанд, ки кластерҳо аз онҳо на он қадар вобастагӣ доранд, аммо фаъолияти онҳо барои кластерҳо муҳим мебошад. Масалан, ширкатҳои нақлиётӣ, лабораторияҳо ва ғ.

Дар шароити муносибатҳои пуливу молӣ бозори шир ва маҳсулоти ширӣ, ҳаракати маҳсулот миёни истеъмолкунанда ва истеҳсолкунанда ҳамчун занҷира сурат мегирад ва вобаста ба талабот нархи фурӯши маҳсулот ташаккул меёбад.

Дар шароити муосир, натанҳо маҳсулоти хушсифати ширӣ истеҳсол намудан, балки роҳи дурусти онро ба фурӯш бароварданро тавонистан лозим аст ва ҳаҷми фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ низ ба ин вобаста буда, рушди минбаъда ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии корхонаҳои саноатии истеҳосли маҳсулоти ширӣ ба он вобаста мебошад.

Дар бозори фурӯши маҳсулоти ширӣ ҳаҷми талабот ба ҳаҷми фурӯши маҳсулот коэффитсенти чап дошта, нархи баланди маҳсулот боиси кам гардидани талабот мегардад. Дар ин баробар молистеҳсолкунанда аз фурӯши маҳсулот зарар мебинад. Аз он, ки ӯ талаботи бозорро дида маҳсулот истеҳсол намояд, дар истеҳсоли воҳиди ками маҳсулот хароҷоти бештар менамояд, ки ба нархи маҳсулот таъсир мерасонад. Агар дар ин маврид тариқи дотатсия танзими давлатии нархҳо ба роҳ монда шавад, он гоҳ истеҳсолкунандагони маҳсулоти ватанӣ монополисти ягона дар бозори дохилӣ мегарданд.

1.Танзим ва назорати давлатӣ дар ҳамаи этапҳо: истеҳсолот, тақсимот, нархгузорӣ ва фурӯш ба истеъмолкунандаи ниҳоии маҳсулоти ниёзи аввали аҳолӣ ба воситаи таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии махсуси дар ин самт таҳияшуда ворид намудани номгӯи ин маҳсулот ба он.

Механизми боздоштани болоравии нархҳо ба молҳои ба аҳолӣ муҳим дар таҷриба бо ёрии танзими ҳаҷми таклифоти ин маҳсулот дар бозор амалӣ мегардад. Масалан, дар ҳолати болоравии дилхоҳ маҳсулоте, ки фурӯши он аз ҷониби спекуляторҳои мол нигоҳ дошта мешавад, давлат онро ба воситаи таъмини бозор аз маҳсулоти худӣ ва паст кардани сатҳи боҷҳои гумрукӣ бо муайян намудани миқдор дар вақти муайян то паст

шудани нархҳо таъмин менамояд ва бозорро аз ҳисоби маҳсулотҳои содиротӣ метавонад таъмин намояд.

Ҳамин тавр, давлат асосан аз рӯи схемаи "мониторинги афзоиши нархҳои ҳаётан муҳим - огоҳонӣ оид ба маҳдуд кардани нигоҳдории мол ба мӯҳлати муайян – таъмини маҳдудиятҳо" метавонад назоратро ба роҳ монад. Танзими мазкур асосан ба нархи ашёи хом, маҳсулот аз рӯи вазн, рехташаванда ва дар саноат борҷоманашуд тааллуқ дошта, дар хусуси маҳсулотҳои борҷомашуда механизм нархи максималии чаканаи собитшуда истифода шуда, ҳатман дар борҷомаи он ҳангоми истеҳсол бо маркировкари MRP (англ. Maximum Retail Price) собит шавад, ки чунин нархгузорӣ соҳибкоронро аз напардохтани андоз метавонад боз дорад.

Модели амалкунадаи танзими давлатии нархҳо дар давлатҳои тараққикарда на танҳо истеъмолкунандагонро бо маҳсулоти дастрас таъмин менамояд, балки ҷамъоварии маблағҳо ва фоидаро ба истеҳсолкунандагон (на ба миёнаравон) таъмин менамояд. Маҳз истеҳсолкунандагон хароҷоти аз ҳама гаронро бо сармоягузорӣ ба истеҳсолот ба ухда доранд ва маҳз онҳо муътадилияти рушди секторҳои реалии осебпазирро таъмин менамоянд.

Ба ақидаи мо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи унсурҳои алоҳидаи низоми мазкур барои ба танзим даровардани нархҳо дар бозори мол бо тақозои номуайяни нарх, ба монанди шир ва маҳсулотҳои ширӣ истифода намудан мумкин аст.

"Омили асосии гирифтани пеши роҳи баландшавии нарх бояд на чорабиниҳои амрдиҳӣ, балки муборизаи рақобатноки молистеҳсолкунандагон дар асоси аз моли арзону хушсифат пуркунии бозор шавад. Давлат ба гурӯҳи молҳои муҳими ҳам таъиноти истеъмолӣ ва ҳам таъминоти истеҳсолдошта нархҳои устувор ва ҳудудии танзимкунанда мегузорад, ки онҳо нисбат ба нархҳои гузоштаи давлат ва нархҳои озоди бозорӣ рақобат ба вуҷуд биёяд. Ин рақобат ба пастшавии умуман нарх дар

бозор оварда мерасонад ва дар навбати худ қобилияти харидории аъзоёни ҷамъият зиёд мегардад”[50].

Қайд менамоем, ки маркетинг дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ назар ба дигар соҳаҳо дорои хусусияти хос мебошад. Шир ва маҳсулоти ширӣ бо қобилияти пасти интиқол (малотранспортабельность) ва мӯҳлати нигоҳдориаш кам ва дар баробари ин ҳамчун молҳои ниёзи аввала ва истеъмоли ҳатмӣ буданаш дорои талаботи доимӣ бозори фурӯшро кафолат медиҳад.

Дар шароити муосир корхонаҳои саноатии пешсаф тиҷоратро тавассути технологияҳои нав ба роҳ монда, бо ин восита мехоҳанд мавқеи худро дар бозор нигоҳ дошта, ҳудуди ҷуғрофии фурӯшро васеъ созанд ва маҳз барои амалӣ гардидани ин мақсад ташкили стратегияи маркетингӣ шароит фароҳам меорад.

Таҳияи сиёсати маркетинг ва ташаккули стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ мувофиқи ҳадафҳои саноатии давлат сурат мегирад. Дар натиҷа, арзёбии маркетингии захираҳои мавҷудаи як корхонаи саноатӣ ва банақшагирии онҳо дар робита ба бозори саноатӣ ба вуҷуд меояд, ки минбаъд барои экосистамаи маркетинг асос мегардад. Экосистемаи маркетингии як корхонаи саноатӣ идоракунии равандҳои ҳамгироӣ, идоракунии чандир, такмили сохтори ташкилӣ, идоракунии муносибатҳои муштариён ва идоракунии инноватсияро пешбинӣ мекунад. Барои фаъолияти самараноки экосистемаи маркетинг, корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бояд воситаҳои маркетингиро барои ҳар як сегменти бозор истифода барад, пешниҳодҳои фардӣ таҳия кунанд ва нархгузории инфиродӣ татбиқ кунанд[51].

Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии ширии ватанӣ бо истифодаи оқилонаи захираҳои ашёи хом ба даст оварда мешавад. Самтҳои

---

[50] Рауфӣ А. Бозор. – Душанбе: “Дониш” 2000. – С.56.
[51] Robert F. Lusch and Frederick E. Webster Jr., «Elevating Marketing Is Dead! Long Live Marketing!», Journal of Academy Marketing Science 41 (January 2013), pp.389–99.

асосии истифодаи ашёи хом дар саноати ширӣ мукаммалгардонии сохторҳои истеҳсолот мебошад. Ҳангоми коркарди ассортименти асосии маҳсулоти ширӣ қисмҳои таркибии шир бо андозаи гуногун истифода мешаванд. Ҳангоми истеҳсоли шир, кефир ва ҷурғот, сметана, сирок ва врожокҳо таркиби пурраи шир истифода мешавад. Ҳангоми истеҳсоли панир, фалла ба ҳисоби миёна 50% қисми хушкӣ аз шир, 92% равған ва 75% сафеда ва ҳангоми истеҳсоли равғани маска 26% хушкии шир, 98% равған зиёда аз 1% сафеда истифода мешавад ва моеъе, ки аз шир дар охир боқӣ мемонад, барои истеҳсоли дуғ истифода мешавад. Аз таркиби шир бештар равған ҷабида гирифта шуда, дар истеҳсоли ҳамин гуна намуди маҳсулот бештар равғани он истифода мегардад, истифодаи сафеда бошад аз намуди маҳсулоти истеҳсолшуда вобаста мебошад[52].

Барои баланд бардоштани устуворӣ (иқтисодӣ, молиявӣ, технологӣ ва ғайра) корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бояд инфрасохтор, фондҳои асосиро мунтазам нав кунанд, технологияҳои навро ҷорӣ кунанд. Дар ин ҳолат, афзалият бояд ба истифодаи таҷрибаҳои идоракунӣ, ки ҳам дар сатҳи корхона дар маҷмӯъ (маҳсулоти рақамӣ, моделҳои бизнеси рақамӣ, идоракунии занҷири арзиши рақамӣ) ва ҳам дар сатҳи маҳаллии менеҷмент ҳангоми қабули қарор - огоҳии бемаҳдуд ва идоракунии корхона дар реҷаи вақти воқеӣ зоҳир карда шавад[53].

Дар чунин шароит қабули қарори стратегӣ оид ба таҳаввулоти илмию техникии худ яке аз муҳимтарин равандҳои идоракунӣ мебошад, ки самаранокии он муваффақкияти тамоми корхонаро муайян мекунад. Чунин қарор хулосаи дидаю дониста дар бораи зарурати андешидани амалҳо (ё худдорӣ кардан аз онҳо) вобаста ба ноил шудан ба ҳадафҳои корхона ва бартараф кардани мушкилоте, ки дар он қарор дорад, дар бар мегирад.

---

[52] Твердохлеб, Г.В. Технология молока и молчных продуктов / Г.В. Твердохлеб, З.Х. Диланян, Л.В.Чекулаева, Г.Г. Шиллер. М.: Агропромиздат, 1991. – С - 463.

[53] Ананьин В.И., Зимин К.В., Лугачев М.И., Гимранов Р.Д., Скрипкин К.Г. Цифровое предприятие: трансформация в новую реальность // Бизнес-информатика. — 2018. — № 2 (44). — С. 45–54. http://doi.org/10.17323/1998–0663.2018.2.45.54

Гузаронидани таҳлили унсур ба унсур ва баҳодиҳии воситаҳои системаи идоракунии бизнес-равандҳо, ки барои ба ҳолати мақсаднок расонидани объекти идоракунӣ, ки таҳти таъсири муҳити беруна тағйир меёбад, яке аз марҳилаҳои муҳимтарини рушди лоиҳаи инноватсионӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ мебошад[54].

Хусусияти идоракунии равандҳо ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкон медиҳад, ки равандҳои ба истилоҳ бизнесро ташкил намоянд ва ба ғайр аз он, ки иҷрокунандагон ба соҳаҳои гуногуни функсионалӣ (масалан, дастгирии техникӣ ва фурӯш) имкони истифода ва мубодилаи маҳсулотро доранд, он ҳамчунин имкон медиҳад, ки захираҳои иттилоотӣ байни воҳидҳои сохторӣ аз нав тақсим карда шуда, самаранокии корхона ба таври назаррас афзоиш ёбад[55].

Ҳамин тариқ, дар ҳамфикрӣ бо муаллифон метавонем бо итминон иброз намоем, ки ташкили дурусти бизнес-равандҳо дар таъсис ва фаъолияти системаҳои идоракунии инноватсия дар баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ нақши ҳалкунанда бозида, аз ҷамъоварии маълумот дар бораи объекти идоракунӣ, моделсозӣ (консептуалӣ, моделсозӣ, иқтисодӣ ва математикӣ), таҳияи бизнес-раванди дугонаи рақамӣ, тархрезии системаи идоракунӣ, таҳияи стандартҳои корпоративӣ (қоидаҳо, қоидаҳо ва ғ.), ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ иборат аст[56].

Рушди мустаҳками иқтисоди миллӣ бо рушди секторҳои ташаккулдиҳандаи буҷет, аз ҷумла ба соҳаи саноат вобастагии зич дошта, лизинг дар он ҳамчун омили рушди истеҳсолот бо роҳи таҷдиди фондҳои

---

[54]Несговорова В.С. Построение систем управления процессно-ориентированных организаций //Российское предпринимательство. — 2016. — № 10. — С. 1289–1298. http://doi.org/10.18334/rp.17.10.35282

[55] Чаадаев В.К. Организационное обеспечение реинжиниринга бизнес-процессов на основе проектного управления // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки. — 2007. — № 4. — С. 144–150.

[56] Hess T., Matt C., Benlian A., Wiesböck F. Options for Formulating a Digital Transformation Strategy // MIS Quarterly Executive. — 2016. — Vol. 15. — No. 2. — P. 103–119.]. Натиҷаи чунин амалҳои сохторӣ ноил шудан ба ҳадафҳои стратегияи табдили рақамии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мебошад [Пинчук В.Н., Журавлев Д.М. Предприятие. Технологии и экономика цифровой трансформации. — Новосибирск: Академиздат, 2020. — С. 216.

асосии истеҳсолӣ, мукаммалгардонии технологияҳо, рушди фаъолияти инноватсионӣ ва ғ. ба ҳисоб меравад. "Истифодаи механизми лизинг дар сектори саноат самтҳои гуногуни иқтисодиётро ба ҳам муттаҳид сохта, ба таъсир ва рудши мутақобила мусоидат намуда, ҳамзамон нуқтаи калидии афзоиш ба ҳисоб рафта, ба рушди инфрасохторҳои иҷтимоӣ– иқтисодӣ таъсири мусбӣ мерасонад ва ҳамчун шакли хоси фаъолияти инвеститсионӣ ба ҷалби сармоягузорӣ ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти широ шароити мусоид фароҳам меорад"[57].

Лизинг ба ба корхонаҳои саноатии истеҳсолоти маҳсулоти ширӣ ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии маблағгузории асосӣ ба фондҳои асосӣ хизмат мекунад, ки ин дар навбати худ боиси зиёд шудани фурӯши техникаи нав, таҷдиди фондҳои асосии истеҳсолӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва фондҳои асосӣ, инчунин зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазир мегардад.

Истифодаи лизинг самараи иқтисодӣ (миқдорӣ) ва иҷтимоӣ (сифатӣ) медиҳад, ки он дар нигоҳдорӣ ва азнавсозии шумораи зиёди ҷойҳои кории ҳоло кӯҳнашуда ва аз ҷиҳати техникӣ суст муҷаҳҳазшуда, инчунин таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳбуди вазъи иҷтимоии аҳолӣ ифода меёбад. Аз ин рӯ, ин ба паст шудани шиддати иҷтимоӣ ва афзоиши мунтазами даромади пулии воқеӣ мусоидат мекунад.

Дар асоси омӯзиши нуқтаҳои олимон яке аз роҳҳои дигари умедбахши тағйир додани равандҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба роҳ мондани фаъолияти инжиниринг ва реинжиниринг мебошад. Инжиниринг ҳамчун иҷрои қарордод бо фармоишгар хидматҳои муҳандисӣ ва машваратӣ оид ба омодасозӣ, дастгирии раванди истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот, нигоҳдории сохтмон ва

[57] Джавадова О.М. Роль лизинга в развитии Российской экономики// Современные наукоемкие технологии. – 2007. – № 1. – С. 35-37; URL: https://top-technologies.ru/ru/article/view?id=23993
Абольянина Т.А. Международный лизинг как способ привлечения иностранных инвестиций // Международный студенческий научный вестник. 2015.–№4-3.; URL: https://eduherald.ru/ru/article/view?id=13135

истифодабарии иншооти саноатӣ, инфрасохторӣ ва дигар объектҳо маънидод карда мешавад[58].

Реинжиниринг баръакси инжиниринг он низомҳои қаблан сохташуда, самаранокии онҳоро меомӯзад ва сипас ин маълумот ҳамчун асос барои такмил додани низомҳои мавҷуда ё эҷоди лоиҳаҳои нав хизмат мекунад. Дар халли мушкилиҳои корхонаҳои саноатӣ реинженеринг, ки роҳи ҷиддитарини расидан ба мақсадҳо мебошад, ҷои махсусро ишғол мекунад. Дар рафти реинженеринг аз нав дида баромадани куллии сохтор ва фаъолияти корхонаҳои саноатӣ сурат мегирад[59]. Дар робита ба ин, истифодаи реинженеринг дар шароити бӯҳронӣ барои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, вақте ки тағйироти куллӣ дар равандҳои тиҷоратии корхона заруранд, аҳамияти калон пайдо мекунад.

“Реинжиниринг имкон медиҳад, ки сифати кори ширкат дар ҳама марҳилаҳои фаъолияташ таъмин гардад, аз он ҷумла дар таъминот, корҳои илмӣ – тадқиқотӣ, сиёсати кадрӣ, нақшагирии истеҳсолот, ҷараёни тавлидоти маҳсулот, ҳисоботдиҳӣ, идоракунӣ, бозоршиносӣ, хизматрасонӣ ба мизоҷон ва ғ” [60].

Айни замон як қатор олимон бар он ақидаанд, ки бо вуҷуди он ки речаи панҷуми технологӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳукмфармост, иқтисоди ҷаҳон дар остонаи давраи нав қарор дорад[61]. Тағйироти босуръате, ки бо рақамикунонии истеҳсолот ва равандҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст, аз он шаҳодат медиҳад, ки речаи нави шашуми технологӣ ба марҳилаи рушд

---

[58] Беркович В. М. Цыганков И. С. Инжиниринг и реинжиниринг бизнес-процессов в современных условиях Проблемы современной экономики, N 1 (77), 2021. - http: www.m-economy.ru

[59] Беркович В. М. Цыганков И. С. Инжиниринг и реинжиниринг бизнес-процессов в современных условиях Проблемы современной экономики, N 1 (77), 2021. - http: www.m-economy.ru

[60] Низомова Т.Д. Таҷдиди сохторӣ ва хусусигардонии корхонаҳои саноатӣ. Қисми 1. Маводи таълимӣ, Душанбе: ДДМТ, 2007. – С. 92.

[61] Толкачев С.А., Тепляков А.Ю. Кто главный? Как соединить технологические уклады и промышленные революции. Электронный ресурс. – URL: https://kapital-rus.ru/articles/article/kak_soedinit_tehnologicheskie_uklady_i_promyshlennye_revolucii/(дата обращения:20.04.2021) Акаев А.А., Коротаев А.В. О начале фазы подъма шестой кондрастьевской волны и проблемах глобального устойчивого роста // Век глобализации: исследование современных глобальных прцессов. – 2019.- Т.29, №1. С.3- 17.

ворид мешавад, ки меҳвари он технологияҳои рақамӣ, нано-технологияҳо ва биоинженерӣ мебошад.

Як қатор тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки технологияҳои нав вазифаи истеҳсолиро тағйир дода, меҳнатталабиро камтар мекунанд. Иваз метавонад дар баробари як функсияи маҷмӯии истеҳсолӣ бо чандирии ивазкунӣ аз як зиёд бошад[62] ё дар доираи васеъшавии вазифаҳое, ки ҳоло метавонанд фоидаовар автоматӣ шаванд[63]. Технологияҳои муосири рақамӣ, ки ба маълумоти калон ва таҳлили пешгӯӣ асос ёфтаанд, ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкон медиҳанд, ки талабот ва пешниҳод дар бозор дар тӯли чанд сония таҳлил карда шаванд ва фавран роҳҳои беҳтарини истифодаи захираҳои мавҷуда ва қабули қарорҳо ба роҳбарияти корхона пешниҳод карда шаванд[64].

Дар шароити рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ тамоюли мунтазами болоравии фарсудашавии фондҳои асосии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мушоҳида мешавад ва роботизатсия, воқеияти виртуалӣ ва васеъшуда, зеҳни сунъӣ ва як қатор технологияҳои дигар ба раванди прогрессивии иваз кардани меҳнати одам дар истеҳсолот боис шуда метавонад. Яке аз омилҳои асосии навсозӣ ва такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар шароити муосир метавонад табдили рақамии корхонаҳои саноатии истеҳсолоти маҳсулоти ширӣ бошад, ки сифати истеҳсолотро беҳтар намуда, кормандонро аз корҳои муқаррарӣ озод намуда, ба онҳо имкон медиҳад ба истеҳсолоти муҳимтар ва мураккабтар машғул шаванд[65].

---

[62] Karabarbounis, L., and B. Neiman. The Global Decline of the Labor Share. The Quarterly Journal of Economics, 129(1), 61–103, 2013., Eden, M., and P. Gaggl. On the Welfare Implications of Automation. Review of Economic Dynamics, 29, 15–43, 2018., Hubmer, J. The Race Between Preferences and Technology. Unpublished manuscript, University of Pennsylvania, 2020.

[63] Acemoglu, D., and P. Restrepo. The Race between Man and Machine: Implications of Technology for Growth, Factor Shares, and Employment. American Economic Review, 108(6), 1488–1542. 2018.

[64] Calof, J., Meissner, D. and Vishnevskiy, K., «Corporate foresight for strategic innovation management: the case of a Russian service company», Foresight, 2020 Vol. 22 No. 1, pp. 14–36.

[65] Пороховский А.А. Человек и робот: технологизация versus гуманизация нооономики // Генезис нооономики: НТП, диффузия собственности, социализация общества, солидаризм. Том 1.: Сборник пленарных докладов Объединенного международного конгресса СПЭК-ПНО-2020 / Под общ. ред. С.Д. Бодрунова. — Т.1. — ИНИР Москва, 2021. — С.210–224.

Барои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим аст, ки низоми кунунии кӯҳнашудаи иқтисодии “аналогӣ” ба низоми муосири “рақамӣ” барқарор карда шавад, яъне табдили рақамии иқтисодиётро амалӣ созад. Дар акси хол афзоиши шиддати ичтимоию иқтисодӣ, афзудани таъсири бухронҳои ҷаҳонӣ имконпазир аст, ки ба вазъи сиёсии кишвар таъсир расонида, дар навбати худ фарқи технологиро аз давлатхои пешрафта зиёд намояд.

Мавзӯи мазкур хеле васеъ ва актуалӣ буда, ҷиҳати иҷроиши Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи он зарур аст ва ҳамчун самти алоҳида дар давраҳои ояндаи корҳои илмӣ аз ҷониби муаллиф мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Вобаста ба бартарияҳои он ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба таври мухтассар чунин нуқатҳоро қайд менамоем:

1. **Оптимизатсияи равандҳои истеҳсоливу тиҷоратӣ.** Корхонаҳои саноатии истеҳсолии маҳсулоти ширӣ уҳдабаро мешаванд ва ба истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ ва моддии мавҷуда шурӯъ мекунанд, зеро технологияҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки баъзе равандҳои дохилӣ автоматикунонида шаванд ва марҳилаҳои мобайнии равандҳои мураккаби истеҳсоливу тиҷоратӣ бартараф карда шаванд.

2. **Васеъ гардидани манбаи даромад.** Бо пайдоиши технологияҳои нав, корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дастрасӣ ба бозорҳои қаблан басташударо мекушояд, ки баъдан боиси тавсеаи пойгоҳи муштариён ва афзоиши фоидаи корхонаҳо мегардад.

Имрӯз, рақамикунонии истеҳсолот на аз он сабаб сурат мегирад, ки корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ инро мехоҳад, балки аз он сабаб бояд ба амал ояд, ки дар бозор рақобатпазир мондан лозим аст. Маҳз бозор барои истифода ва татбиқи технологияҳои рақамӣ такон медиҳад ва он корхонаҳое, ки ба ин раванд мутобиқ шуда наметавонанд, берун аз бозор мешаванд ё тамоман вуҷуд надоранд. Корхонаҳое, ки самти

рушдро қабул мекунанд ва барои мутобиқ шудан омодаанд, дар ниҳоят муваффақ хоҳанд шуд. Ба шарофати рақамикунонии истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, равандҳои дохилӣ беҳтар хоҳанд шуд. Таҳлили маълумоти калон, ҳамкории мошинҳо ва автоматизатсия ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкон медиҳад, ки ҳама равандҳои бизнесро аз вазифаҳои муқаррарии корӣ то стратегияи рушди корхона дар маҷмӯъ зуд, мутавозин ва дақиқ такмил диҳанд.

Ҳамин тавр, мувофиқи “Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025” рушди соҳаи коркарди шир дар ҷумҳурӣ аз самтҳои зерин иборат мебошад:

- бунёди корхонаҳои коркарди шир дар ҳамаи шаҳрҳову ноҳияҳои мамлакат;
- таҷдид ва тармими таҷҳизотҳои техникии корхонаҳои фаъолиятдошта;
- ташкили истеҳсоли маҳсулоти ширии мӯҳлати нигоҳдориаш зиёд;
- васеъ намудани захираҳои ашёи хоми корхонаҳо аз ҳисоби бунёди марказҳои нави қабули шир ва коркарди аввалияи он;
- зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз қабили творог, простокваша, кефир, йогурт ва маҳсулотҳои табобатӣ – профилактикӣ бо нигоҳдошти муҳлати зиёд.

## 3.2. Роҳҳои перспективии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ.

Шомил шудан ба СУС корхонаҳои саноатиро водор менамояд, ки натанҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он маҳсулоти рақобатпазирро истеҳсол намоянд. Рақобатпазирии маҳсулот асосан аз рӯи хароҷотҳои истеҳсол ва фурӯш ва тафриқабандии (дифференциация) он муайян карда мешавад. Аз ин лиҳоз, кам кардани арзиши аслии маҳсулоти корхонаҳои

саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ  мушкилоти мубрам ва бефосила ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, ҷиҳати дарёфти роҳҳои кам кардани арзиши аслии маҳсулоти ширии корхонаҳои саноатӣ ва идоракунии он дар асоси омӯзиши моделҳои иқтисодӣ модели кам кардани арзиши аслии маҳсулоти ширӣ ба таври маҷмӯӣ тартиб додашуда дар таҷрибаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе баррасӣ гардид, ки он принсип ва вазифаҳои идоракунии кам кардарни хароҷотҳо, давраҳо, вазифаҳо ва объекти идоракуниро дар бар мегирад.

**Ҷадвали 3.2.16. Модели кам кардани арзиши аслӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба таври маҷмӯӣ***

| | | |
|---|---|---|
| **Вазифаи идоракунии кам кардани хароҷоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ** | | |
| • ташкили низоми идоракунӣ;<br>• таъминнокии меъёриву ҳуқуқӣ;<br>• таъминоти кадрӣ;<br>• таъминоти молиявию-иқтисодӣ;<br>• таъминоти барномавию техникӣ;<br>• таъминоти моддӣ-техникӣ;<br>• таъминоти иҷтимоӣ;<br>• ташаккули ҳавасмандгардонӣ. | | |
| **Принсипи идоракунии кам кардани хароҷоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ** | | |
| - низомнокӣ, маҷмӯӣ; - пайдарпайӣ, мунтазамӣ;<br>- иерархӣ; - хусусияти пешбарандаи идоракунӣ;<br>- технологӣ; - мутобиқшавӣ, чандирӣ;<br>- самаранокӣ; - мувофиқатӣ. | | |
| **Функсияи идоракунии кам кардани хароҷоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ** | | |
| Ҳавасмандгардонӣ-мақсаднокӣ | Ахборотӣ-таҳлилӣ | Банақшагирӣ- пешгӯӣ |
| Ташкилӣ-иҷроишӣ | Назоратӣ- баҳодиҳӣ | Мунтазамӣ- ислоҳнамоӣ |
| **Усулҳои идоракунии хароҷотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ** | | |
| таргет-костинг, кайзен-костинг, кост-киллинг. | | |
| **Давраҳои идоракунии хароҷотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ** | | |
| 1. Омӯзиши талабот ва таклифоти фармоишгарон<br>2. Интихоб ва ҷудо намудани таъминкунандагон<br>3. Ивази (модернизатсия) технологияҳо<br>4. Таҷдиди санадҳои меъёрӣ<br>5. Банақшагирии кам кардани хароҷот | | |

| |
|---|
| 6. Муайян кардани натиҷаи кам кардани хароҷотҳо. |
| **Объекти идоракунии хароҷотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ** |
| - меъёриву ҳуқуқӣ; - молиявӣ;<br>- моддӣ- техникӣ; - барномавӣ-техникӣ;<br>- кадрӣ; - ахборотӣ-ҳавасманднамоӣ<br>- мутақобилияти таҳвилгар- истеҳсолкунанда-истеъмолкунанда; |
| **Банақшагирии кам кардани хароҷоти корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ** |
| ҳисобкунии умумӣ, ҳисобкунии дақиқ, омили техникӣ-иқтисодӣ |
| **Меъёрҳо ва нишондодҳои баҳогузории хароҷоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ** |
| натиҷаи таҳлили худӣ, самаранокӣ, мунтазамӣ, сифатнокӣ, даромаднокӣ. |

***Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст.

Ба вазифаҳои идоракунии кам кардани хароҷотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дохил мешавад:

1) ташкили низоми идоракуние, ки аз маҷмӯи мақсадноки ҳамаи унсурҳо иборат аст, раванди идоракунии кам кардани хароҷотро таъмин менамояд. Ҳамоҳангсозии амалиёти унсурҳои алоҳидаи система, ноил шудан ба мувофиқати мутақобилаи кори қисмҳои он, инчунин ташкили сохтори ташкилии идоракунии кам кардани хароҷотро таъмин мекунад;

2) таъминнокии меъёриву ҳуқуқӣ – таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, муайян намудани ҳуқуқ ва ҷавобгарии субъектони идоракунӣ;

3) таъминоти кадрӣ – интихоби кормандон вобаста ба мақсади идоракунӣ ва сохтори меҳнатғунҷоиш;

4) таъминоти молиявию иқтисодӣ – таъмини идоракунӣ бо захираҳои зарурии молиявӣ;

5) таъминоти барномавию техникӣ – муайян кардани функсияҳо, доираи корҳо оид ба идоракунии кам кардани хароҷот, коркарди қоидаҳо ва усулҳои иҷрои кор;

6) таъминоти моддӣ-техникӣ– таъмини раванди идоракунии муҳими захираҳои ахборотӣ, моддӣ ва техникӣ;

7) таъминоти иҷтимоӣ – таъминоти қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии кормандон;

8) ташаккули ҳавасмандгардонӣ – раванди чунин самти ҳавасмандкунии корманд, ки дар он худи ӯ барои ноил шудан ба ҳадафҳои идоракунӣ кӯшиш мекунад.

Принсипҳои идоракунӣ – ин қоидаҳои идоракуние, ки талаботҳои асосиро ба низом, сохтор ва ташкили идоракунӣ муайян мекунанд. Принсипҳои мазкур фаро мегиранд:

- низомнокӣ, маҷмӯӣ. Низомнокӣ маънои зарурати истифодаи таҳлил ва синтези системавиро дар ҳар як қарори идоракунӣ дорад. Маҷмӯӣ дар идоракунӣ маънои зарурати фарогирии ҳамаҷонибаи тамоми системаи идорашавандаро бо назардошти тамоми соҳаҳо, тамоми ҷанбаҳои фаъолият, тамоми хосиятҳо дорад;

- иерархӣ – тақсимоти амудии идоракунии меҳнат, яъне тақсими сатҳҳои идоракунӣ ва тобеияти звеноҳои поёнии идоракуниро ба болотарин дар назар дорад;

- пайдарпайӣ, мунтазамӣ – тафсири идоракунӣ ҳамчун раванди муттасил ва дар ҳаракатбуда;

- хусусияти пешбарандаи идоракунӣ- ба пешгӯии шароит ва талабот ба фаъолияти системавӣ ва пешгирии тағйиротҳои эҳтимолии ҳолати низоми идоракунӣ асос ёфтааст;

- технологӣ – татбиқи технологияҳо ва воситаҳои идоракунӣ дар идоракунии кам кардани хароҷотҳо;

- мутобиқшавӣ ва чандирӣ – имконияти тағйирдиҳии параметрҳо ё сохтори низоми идоракунӣ вобаста ба тағйирёбии параметрҳои объекти идоракунӣ ё таъсири омилҳои берунӣ ба объекти идоракунӣ;

- самаранокӣ – таъмини максимизатсияи натиҷа вобаста ба хароҷотҳо;

- мувофиқатӣ – интихоби беҳтарин варианти тасмим (аз ҳама дастрас барои шароитҳои муқарраршуда), риояи таносуби оптималӣ байни натиҷа ва хароҷот.

Функсияи идоракунӣ – ин самт ё навъҳои фаъолияти идоракунӣ мебошад, ки ба тақсимот ва ҳамкорӣ дар идоракунӣ асос ёфтааст ва бо маҷмӯи вазифаҳои алоҳида тавсиф гардида, бо усулҳои махсус иҷро карда мешавад. Дар модели идоракунии кам кардани хароҷотҳо функсияҳои зеринро аз ҳам ҷудо мекунанд:

- Муайян кардани ҳадафҳои ҳавасмандкунӣ ҳамчун асоси ибтидоии пешгӯӣ ва банақшагирии фаъолият хизмат мекунад, шаклҳои ташкилӣ, усулҳо, воситаҳои таъсиррасониро барои татбиқи қарорҳои қабулшуда муайян мекунад, ҳамчун меъёри монитиоринг ва арзёбӣ дар асоси диагностикӣ хизмат мекунад, танзими раванди кам кардани хароҷот, рафтор ва фаъолияти ҳамаи иштирокчиёни онро имкон медиҳад. Аз ин рӯ, вазифаи ҳавасмандгардонӣ- мақсаднокӣ ба ташаккули ҳадафҳои иштирокчиёни раванд дар асоси ташаккули фаъолияти онҳо, ки аз зарурати ин намуди фаъолият ба вуҷуд омадааст, равона карда шудааст.

- Функсияи иттилоотӣ-таҳлилӣ, тавре ки гӯё тамоми марҳилаҳои идоракуниро фаро гирифтааст. Ин ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва арзёбии иттилоот бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият буда, тамоми амалҳоро оид ба иттилооти амалиётӣ дар бар мегирад. Маълумот бояд боэътимод, саривақтӣ ва аз ҷиҳати ҳаҷм оптималӣ бошад.

- Фуксияи банақшагирӣ ва пешгӯӣ асоси ташкилии идоракунӣ ва марҳилаи муҳимтарини давраи идоракунӣ мебошад. Пешгӯӣ ва банақшагириро метавон ҳамчун фаъолият барои интихоби оптималии ҳадафҳои идеалӣ ва воқеӣ, ки ба ноил шудан ба ҳолати баландтари сифатии объект ва таҳияи барномаҳои ноил шудан ба онҳо нигаронида шудааст, муайян кардан мумкин аст.

- Функсияи ташкилӣ- иҷроишӣ. Мақсади он ташаккули низоми идоракунӣ ва идорашавандагӣ, робитаҳо ва муносибати байни онҳост, ки иҷрои вазифаҳои ба миён гузошташударо таъмин мекунад.

- Функсияи назоратӣ- баҳодиҳӣ. Назорат вазифаи муҳимтарини идоракунӣ мебошад, ки барои мунтазам таъмин намудани маълумот дар бораи вазъи воқеии фаъолият ҳангоми иҷрои қарорҳо пешбинӣ шудааст.

- Функсияи мунтазамӣ- ислоҳнамоӣ. Ин функсияро метавон ҳамчун намуди фаъолият барои ворид кардани ислоҳот бо истифода аз усулҳои амалиётӣ, воситаҳо ва таъсирот дар раванди идоракунии низоми кам кардани хароҷот барои нигоҳ доштани он дар сатҳи тархрезии барномавӣ муайян кард.

Усули идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ **таргет-костинг** дар асоси нархи муқарраршудаи реализатсияи маҳсулоти ширӣ ва фоидаи интизорбуда аз арзиши аслии ба мақсадгузошташуда муайян карда мешавад, ки кӯшиши ҳар як хизмтарасонҳои корхонаро дар оянда талаб мекунад. Барои кам кардани хароҷоти мақсаднок вақти тӯлонӣ ё сармоягузорӣ лозим аст, ки кам кардани харочоти максаднокро дар давраи банақшагирии маҳсулоти ширӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъмин намояд.

Усули идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ **кайзен костинг** баръакси таргет костинг хароҷоти мақсаднок пешакӣ муайян нашуда, балки он давра ба давра дар рафти истеҳсолот дар ҳар як зинаи истеҳсол ноаён кам карда шуда, хусусияти мунтазамӣ дошта, дар маҷмӯъ ба хароҷоти камтарин ноил шудан мумкин аст. Усули мазкур ҳамаи коргаронро ба худ фаро гирифта, хусусияти ҳавасманднамоӣ низ дорад ва ин аст, ки бо саҳми ҳар як корманд ба даст меояд.

Усули идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ **кост-киллинг** барои кам кардани хароҷтҳои истеҳсолии

корхонаҳои саноатии истеҳоли маҳсулоти ширӣ дар муддати кӯтоҳ равона карда шуда, бе талафот барои фаъолияти корхона ва рушди он амалӣ гардида, дар шароити бухронӣ ва рақобатнокӣ истифода бурда мешавад. Асосан барои кам кардани хароҷоти ҳаққи меҳнат ва ихтисори кормандон равона мешавад, хусусияти низомӣ дошта, ба он сохторҳое, ки дар рафти истесҳолот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ хизмат намекунанд, бештар аҳамият дошта, аз ҳисоби он кормандон ихтисор карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, кам кардани хароҷот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар якчанд марҳила амалӣ карда мешавад, аз ҷумла: омӯзиши талабот ва эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон, интихоб ва ҷудо намудани таъминкунандагон, ивази технологияҳо (модернизатсия), таҷдиди стандартҳо ва санадҳои меъёрӣ, банақшагирии кам кардани хароҷот.

I. Баҳисобгирии васеи кам кардани арзиши аслии маҳсулоти ширӣ. Ҳангоми баҳисобгирии васеи кам кардани арзиши аслии маҳсулоти ширӣ омилҳои зерин ба инобат гирифта мешавад:

1) афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва музди меҳнати миёна;

2) афзоиши ҳаҷми маҳсулот ва вобаста ба он - нисбӣ ва мутлақ кам шудани хароҷоти доимӣ-шартӣ ба воҳиди маҳсулот. Баҳисобгирии васеи кам кардани арзиши аслӣ дар асоси структураи арзиши аслии маҳсулоти давраи ҳиосботӣ ва тағйироти пешбинишавандаи бандҳои алоҳидаи хароҷот дар давраи нақшавӣ нисбат ба давраи базавӣ ба роҳ монда мешавад.

II. Баҳисобгирии дақиқи кам кардани арзиши аслӣ. Баҳисобгирии дақиқи кам кардани арзиши аслии маҳсулоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо роҳи муқоиса кардани калькулятсияи муфассали нақшавӣ ва воқеии арзиши аслии маҳсулоти алоҳида анҷом дода мешавад. Калькулятсияҳои ҳисоботӣ ва банақшагирӣ ба шакли умумӣ

оварда шудаанд, ки ин имконият медиҳад ҳаҷми кам кардани арзиши умумии маҳсулот муқаррар карда шавад.

III. Баҳисобгирииии кам кардани арзиши аслӣ аз рӯи омилҳои техникӣ-иқтисодӣ. Баҳисобгирииии кам кардани арзиши аслӣ аз рӯи омилҳои техникӣ-иқтисодӣ бо тартиби зерин амалӣ карда мешавад:

1) Хароҷотҳои нақшавӣ (пешбинишуда) ба як сомонии маҳсулот дар давраи нақшавӣ муайян карда мешавад.  Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти давраи асосӣ аз рӯи нархҳои давраи нақшавӣ муайян карда мешавад;

2) Арзиши аслии маҳсулоти давраи пешбинишуда аз рӯи давраи нақшавӣ (пешбинишавандаи) хароҷоти давраи асосӣ ҳисоб карда мешавад, ки барои он ҳаҷми нақшавии истеҳсоли маҳсулоти давраи нақшавӣ ба арзиши як сомонии маҳсулоти давраи базавӣ зарб карда мешавад;

3) Таъсири ҳар як омил ба дараҷаи хароҷот муайян карда мешавад.

4) Аз арзиши аслии маҳсулот, ки аз рӯи дараҷаи хароҷоти нақшавӣ (пешбинишаванда) давраи базавӣ ҳисоб карда шудааст, маблағи умумии сарфаи (афзоиши) аз таъсири омилҳо баровардашуда (илова карда мешавад) ва арзиши аслии маҳсулоти давраи пешбинишуда, ки дар нархҳо ва шартҳои давраи пешбинишуда муайян карда мешавад. Дар ин марҳила омилҳои тағйирёбии шароити иқтисодӣ дар баҳисобгирӣ ва арзиши аслӣ иштирок намекунанд;

5) Дараҷаи хароҷот ба як сомонии маҳсулоти давраи нақшавӣ ва кам кардани (афзоиши) ин хароҷот нисбат ба дараҷаи пешбинишудаи хароҷоти давраи базавӣ бо нарху шароите, ки дар давраи пеш аз нақша ва нақшавӣ муқоисашаванда аст, муайян карда мешавад;

6) Бо ёрии баҳисобгирииии махсус таъсири тағйир ёфтани шароити хоҷагидорӣ дар давраи нақшавӣ ба арзиши аслии маҳсулоти давраи нақшавӣ муқаррар карда мешавад;

7) Дараҷаи ниҳоии хароҷот ба як сомонии маҳсулоти нақшавӣ бо назардошти таъсири тағйирёбии шароити корӣ муайян карда мешавад.

Баҳисобгирии тағйироти арзиши аслии маҳсулот дар даври нақшавӣ вобаста ба омилҳои техникӣ-иқтисодӣ дар доираи унсурҳои хароҷот ба амал бароварда мешавад.

1. Назорати ҷорӣ оид ба кам кардани хароҷотҳо. Аз рӯи татбиқи вақт ҷудо мешавад: назорати пешакӣ, ҷорӣ ва ниҳоӣ. Назорати пешакӣ пеш аз оғози ҳақиқии кор гузаронида мешавад. Ин назорат ба ҳамаи захираҳои воридотӣ (инсонӣ, моддӣ ва молиявӣ) мебошад, ки ҳадафи он фароҳам овардани шароити зарурӣ барои кори мураттабу босифати корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мебошад.

2. Муайян намудани натиҷаҳои кам кардани арзиши аслӣ. Баъди ба амал баровардани тадбирҳои кам кардани арзиши аслӣ сарфаи ҳақиқӣ муайян карда мешавад. Камшавии умумии арзиши аслии соли (давраи) ҳисоботӣ нисбат ба соли (давраи) гузашта аз рӯи маҳсулоти муқоисашаванда ва ҳамаи маҳсулоти тайёр ба маблағи мутлақ ва бо хароҷот ба як сомонӣ маҳсулоти тайёр муайян карда мешавад.

Дар баробари ин, таъсири тағйирёбии нарх ба дараҷаи арзиши аслии маҳсулот (барои масолеҳ ва дигар хароҷот) ва нархи фурӯши маҳсулоти тайёр муайян карда шуда, аз ҳисобҳо хориҷ карда мешавад. Маблағи пасандозе, ки аз таъсири ҳар як тадбир (омил) аз рӯи ҳамаи намудҳои (унсурҳои) хароҷот: сарфаи захираҳои моддӣ, музди меҳнат, ҳиссаҷудокунии иҷтимоӣ ва ғайра, инчунин хароҷоти ғайримустақим (масалан, сарфаи асбобҳо, энергия, кам кардани шумораи кормандон ва ғайра), ки муайян карда мешавад, ба ҳодисаи дахлдор таъсир мерасонад.

Усулҳои барои кам кардани маблағи пасандоз барои унсурҳои алоҳида инҳо мебошанд.

Сарфа аз кам кардани хароҷоти шумораи захираҳои моддии корхонаҳои саноатии маҳсулоти ширӣ бо чунин тарз ҳисоб карда мешавад,

$$\mathbf{Э_{мк}=(Н_0-Н_1)\times Ц\times К}$$

ки дар ин ҷо Эмк- сарфаи хароҷоти мутобиқ ба захираҳои моддӣ, $Н_0$,$Н_1$ – меъёри хароҷоти ашёи хом, сӯзишворӣ ва энергия ба воҳиди маҳсулоти ширӣ пеш ва пас аз гузаронидани чорабиниҳо, Ц-нарх ба воҳиди ашёи хом, сӯзишворӣ ва энергия, К-шумораи воҳиди маҳсулоти ширии истеҳсолшаванда аз давраи оғози чорабинӣ то охири соли банақшагирифташуда мебошад.

Сарфа ё афзоиши хароҷот аз истифодаи намудҳои нави захираҳои моддӣ (ивазшаванда) дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо чунин тарз ҳисоб карда мешавад,

$$\mathbf{Э_{мц}=Н\times (Ц_0-Ц_1)\times К}$$

ки дар ин ҷо Эмц- сарфаи захираҳои моддӣ аз ҳисоби паст кардани нархи маҳсулоти ширӣ, Н-меъёри хароҷот, $Ц_0$, $Ц_1$- нархи арзишҳои моддӣ пеш ва пас аз ивази арзшиҳои моддӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мебошад.

Кам кардани хароҷотҳои музди меҳнат дар натиҷаи кам кардани меҳнатталабӣ ба воҳиди маҳсулоти ширӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо чунин тарз ҳисоб карда мешавад,

$$\mathbf{Э_т=(Т_0\times Ч_0-Т_1\times Ч_1)\times (1\times В/100)\times К}$$

ки дар ин ҷо $Э_т$-сарфаи хароҷоти музди меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, $Т_0$, $Т_1$- меҳнатталабӣ ба як воҳиди маҳсулоти ширӣ бо меъёри соат пеш ва пас аз гузаронидани чорабиниҳо, $Ч_0$,$Ч_1$- нархи яксоатаи вақти кории корманд ба ҳисоби миёна пеш ва пас аз чорабинӣ аз рӯи тарофаи муқарраршуда дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, В-фоизи миёнаи музди меҳнати иловагӣ барои категорияи кормандони мазкур, К-шумораи маҳсулоти ширии исетеҳсолшуда аз лаҳзаи чорабинӣ то охири соли нақшавӣ мебошад.

Сипас, ба маблағи сарфшуда камшавии ҳисобшуда ба муҳимияи иҷтимоӣ аз маблағи сарфаи музди меҳнат илова карда мешавад. Ҳангоми

аз кор озод кардани кормандоне, ки музди кор ба онҳо аз рӯи вақтбайъ пардохта мешавад, пасандозҳо бо формулаи зерин муайян карда мешаванд:

$$\text{Э}_{\text{т}} = \text{Л} \times \text{Ф} \times \text{М}$$

ки дар ин ҷо Л – шумораи кормандони аз кор озодшуда; Ф – музди меҳнати миёнаи ин категорияи кормандон; М – шумораи моҳҳо аз рӯи тадбирҳои гузаронидашуда то охири сол.

Ҳангоми ҳисоби сарфаи хароҷоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар натиҷаи модернизатсия ва беҳтарнамоии истифодаи техника ва технология сарфаи ашёи асосӣ ва ёридиҳанда истифодашаванда, сӯзишворӣ, энергия, қувваи барқ ва дигар хароҷотҳо ба инобат гирифта мешавад. Ба чорабиниҳои барои беҳтар намудани истеҳсолоти ҳамаи намудоҳои захираҳои моддӣ ликвидатсияи талафот дар истеҳсолоти бо ашёи хом алоқаманд, ба шароити техникӣ номувофиқ, кам кардани талафот ҳангоми боркашонӣ ва нигоҳдорӣ, беҳтар намудани истифодаи зарфҳои дар боркашонӣ истифодашаванда, ки хароҷоти боркашонӣ-омоданамоиро кам мекунад, дохил мешавад. Сарфа аз ҳисоби ихтисори хароҷоти нақлиёт ва харид ($\text{Э}_{\text{тзр}}$) дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо чунин формула муайян карда мешавад,

$$\text{Э}_{\text{тзр}}=(\text{Т}_0-\text{Т}_1)/100\times\text{Н}$$

ки дар ин ҷо, $\text{Т}_0$,$\text{Т}_1$- фоизи миёнаи хароҷоти нақлиёт ва харид вобаста ба арзиши ашёи хом ва материал дар соли базавӣ ва нақшавӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, Н-арзиши ашёи хом, материал дар соли нақшавӣ бо нархи харидоришаванда мебошад.

Сарфа аз баланд намудани сифати маҳсулот аз рӯи балндбардории нархи фурӯш ба он бо ҳисоби хароҷотҳои иловагӣ барои баланд бардоштани сифати маҳсулоти ширӣ муайян карда мешавад. Сарфаи дар натиҷаи баланд бардошатни нархи фурӯши маҳсулоти ширӣ барои баланд намудани сифати маҳсулоти ширӣ бо чунин формула ҳисоб карда мешавад,

$$\text{Э}_{\text{к}}=(\text{Ц}_1-\text{Ц}_0)\times\text{К}$$

ки дар ин ҷо $Э_к$- сарфа аз баланд намудани сифати маҳсулоти ширӣ, $Ц_1$, $Ц_0$- андозаи нарх пеш ва пас аз беҳтар намудани сифати маҳсулоти ширӣ ва ё нархи миёнаи маҳсулоти ширӣ дар соли базавӣ ва нақшавӣ, К- шумораи воҳиди маҳсулоти ширии сифаташ беҳтаргардида дар соли нақшавӣ истеҳсолшуда мебошад.

Усулҳои муайян кардани сарфакорӣ аз ҳисоби такмил додани ташкили истеҳсолот ба ҳисоб кардаи таъсири омилҳое, ки бо баланд шудани дараҷаи техникии истеҳсолот алоқаманданд, монананд.

Ҳангоми муайян намудани сарфакориҳо аз такмили идоракунӣ самараи чунин тадбирҳо, ба монанди муттаҳид намудани сеху участкаҳо, ҷорӣ намудани сохторҳои идораи ғайрисехӣ, оқилона тағйир додани сохторҳои заводу сехҳо, ҷорӣ намудани низомҳои автоматикунонидашудаи идоракунии истеҳсолот, ташкили иттиҳодияҳои истеҳсолӣ ва ғайра ба назар гирифта мешавад. Сарфаи музди коре, ки дар натиҷаи такмил додани ташкили меҳнат, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ба даст меояд, бо омилҳои зерин муайян карда мешавад: аз кор озод карда шудани коргарон, мутахассисон ва хизматчиён, афзоиши суръати истеҳсолот ва участкаҳои хизматрасонӣ, кам шудани бекористии коргарон ва хизматчиён, аз шароити муътадили меҳнат дур шудан ва ғайра. Маблағи музди меҳнати сарфшуда аз ҳисоби кам кардани пардохтҳои иҷтимоӣ сарфа карда мешавад. Сарфаи нисбии амортизатсия (Эа) дар натиҷаи беҳтар намудани истифодабарии фондҳои истеҳсолӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\mathbf{Э_а = (А_0/Д_0 - А_1/Д_1) \times Д_1,}$$

ки дар ин ҷо $А_0$, $А_1$ – маблағи умумии пардохтҳои умумии амортизатсия дар соли асосӣ ва нақшавӣ; $Д_0$, $Д_1$ – ҳаҷми маҳсулоти тайёр дар соли базавӣ ва пешбинишуда.

Дар низоми идоракунии кам кардани хароҷот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ объектҳои зерини идоракуниро аз ҳам фарқ мекунанд:

- меъёриву ҳуқуқӣ (ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти ташкилӣ, ташкилӣ ва методӣ, ташкилию маъмурӣ, меъёрӣ, техникӣ, техникиву иқтисодие, ки дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ амал мекунанд – меъёрҳо ва қоидаҳои техникӣ, штатҳо, низомномаҳо дар бораи воҳидҳо, низомномаҳо оид ба музди кор ва мукофотпулӣ ва ғ.);

- молиявӣ (маблағҳои худӣ ва қарзии дар ихтиёри корхона);

- моддию техникӣ (захираи ашёи хом, масолеҳи асосӣ ва ёрирасон, маҳсулоти нимтайёр, маҳсулоти тайёр; сӯзишворӣ ва энергия; мошинҳо, таҷҳизот, биноҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, воситаҳои нақлиёт, мошинҳои ҳисоббарор, инвентарҳо, асбобҳои ченкунӣ ва назорат, интиқоли дастгоҳҳо ва ғ.)

- барномавӣ-технологӣ (технологияҳои идоракунӣ ва истеҳсолӣ, ки дар корхона истифода мешаванд);

- кадрӣ (кормандони корхона);

- иттилоотӣ ва ҳавасмандгардонӣ (низоми идоракунии иттилоот ва низоми ҳавасмандгардонии кормандон);

- ҳамкории “таъминкунандагон-истеҳсолкунандагон” (интихоби таъминкунандагон захираҳо ва ширкатҳои нақлиётӣ ва бастани шартномаҳо бо онҳо, кор бо мизоҷон ва ҷалби харидорони нав).

Ба меъёр ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии кам кардани арзиши аслии маҳсулот инҳо дохил мешаванд:

- натиҷаи худтаҳлил (аудити дохилӣ, ки имкон медиҳад дараҷаи камшавии арзиши аслӣ муайян карда шавад);

- самаранокӣ (фоиданокӣ)- таносуби фоида ва хароҷот.

Истифодаи буҷетсозӣ дар банақшагирии молиявӣ ба кам шудани арзиши аслии маҳсулот вақте, ки барои ҳар як лоиҳа ё чорабинии сармоягузорӣ буҷет барои воридот ва хориҷшавии маблағ тартиб дода мешавад, мусоидат мекунад;

- оптималӣ- санҷидани варианти воқеии оптималии тадбирҳои кам кардани арзиши аслии маҳсулот;

- сифат- кам кардани арзиши аслӣ набояд ба паст шудани сифати маҳсулот ҳамчун яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулот таъсир расонад.

Ҳамин тариқ, модели пешниҳодшуда муносибати маҷмӯиро таъмин намуда, ба кам кардани арзиши аслии маҳсулот мусоидат мекунад ва мувофиқан рақобатпазирии онро тавассути кам кардани хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва фурӯши он афзоиш медиҳад.

Дар маҷмӯъ таъсири омилҳои асосӣ ва роҳҳои алтенативии зиёд намудани фоидаро ба инобат гирифта, чунин роҳҳои асосии зиёд намудани фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро аз ҳамдигар ҷудо намудем:

1. Афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар асоси ташаккули маркетинг; истифодаи максималии иқтидори истеҳсолӣ ва дар ҳолати зарурӣ васеъ намудани он, истифодаи оқилонаи иқтидори истеҳсолӣ ва тамоми захираҳо; оптимизатсияи захираҳои маҳсулоти тайёр ва ашёи хом дар анбдорҳо; ҷорӣ намудани системаҳои автоматикунонидашудаи идоракунии иттилоот ва оқилона гардонидани дигар масъалаҳои ташкилӣ; истифодаи усулҳои муассири таблиғ бо мақсади омода сохтани бозор барои маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ; истифодаи самараноки фонди хавф ва фонди захиравии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ.

2. Кам кардани арзиши аслӣ аз рӯи ҳамаи унсурҳои хароҷот ва қисмҳои калкулятсия дар асоси такмил додани ташкили истеҳсолот ва меҳнат; ҷорӣ намудани техника ва технологияи нав; ҷорӣ намудани истеҳсолоти бепартов; беҳтар шудани бренд ва обрӯи корхонаҳои саноатии

истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва дигар омилҳое, ки ба паст кардани арзиши аслии маҳсулот таъсир мерасонад.

3. Баланд намудани сифати маҳсулот бо роҳи ҷорӣ намудани инноватсия дар истеҳсолот; беҳтар намудани хислати эстетикӣ (дизайн, борҷома); баланд намудани нархи маҳсулоти истеҳсолшуда.

4. Кам намудани хароҷотҳои ғайриистеҳсолӣ, талафот дар асоси кам кардани хароҷот барои фармоишҳои бекрошуда; арзёбии даромад аз ҳисоби ҷаримаҳо, аҳдшиканӣ ва ғ.; танзими самараноки қарзҳои дебеторию кредитории корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ; беҳтар намудани ташкили истеҳсолот ва меҳнат.

5. Гузаронидани сиёсати босалоҳият ва аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи нархгузорӣ дар шароити бозор.

6. Гузаронидани тағйироти сохтории ба пеш ҳаракаткунанда дар самти афзоиши ҳиссаи намудҳои маҳсулоти самаранок ва фоидаовар ҳангоми мавҷудияти талабот ва пешниҳоди хуби маркетинг.

7. Мукаммалгардонии низоми идоракунии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар асоси истифодаи илмҳои муосир, таҷриба ва ғ.

Ба ақидаи мо, дар амал татбиқ намудани самтҳои пешниҳодгардида боиси зиёд намудани фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мегардад. Дар шароити корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва дар маҷмӯъ корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ муайян намудани омилҳои берунии зиёд намудани фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ: конъюктураи бозор; элементи танзими нархҳо; қонунгузории андоз ва аз ҳисоби таҳлили миқдории бозори мол ва хизматрасониҳои тайёр, истифодаи оқилонаи афзалиятҳои андозӣ, сиёсати самараноки нархгузорӣ ба амал бароварда мешавад.

Тадқиқоти маркетингӣ ва натиҷаҳои он бояд дар асоси коркарди нақшаҳои амалиётии минбаъда ва стратегияи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ амалӣ карда шавад. Маълумтҳои бозор муайян менамояд, ки “чӣ бояд истеҳсол кард?”, “ба чӣ миқдор?”, “бо кадом сифат?” ва “бо кадом нарх?”. Дар натиҷаи тадқиқоти маркетингӣ ваъзи бозор муайян гардида, фаъолият самаранок мегардад, ки боиси фоидаоварии фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мебошад.

Омӯзиш ва ба роҳ мондани таҷрибаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва истифодаи усулҳои ҳисоб намудани хароҷотҳои корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ҷиҳати дақиқан муайян намудани ҳаҷми хароҷотҳо ба арзиши аслии маҳсулот боиси андешанидаи чораҳои амалӣ дар самти кам кардани ин хароҷотҳо мегардад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки аз усулҳои ҳисоб намудани хароҷотҳо истифода бурда, вобаста ба ҳаҷми истеҳсолот усули мувофиқро интихоб намуда, дар дақиқ ҳисоб ва муайян намудани хароҷотҳои асосӣ ва иловагии ба арзиши аслии маҳсулот муайян гардида, дар амалия бо мақсади кам намудани хароҷотҳои истеҳсолӣ истифода намуда бо ин восита фоида корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ зиёд карда шавад.

Ниҳоят, стратегияи корхона бояд аз сиёсати корхона фарқ карда шавад. Сиёсати корхона ниятҳои изҳоршудаи корхонаро муайян мекунад. Он барои равона кардани раванди қабули қарор ба самти дурусти стратегия пешбинӣ шудааст. Аз ин рӯ, мафҳуми “стратегия” нисбат ба мафҳуми “сиёсат” васеътар ва бунёдитар аст.

## 3.3. Такмилдиҳии роҳҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ.

Дар шароити муосир масъалаи асосӣ барои корхонаҳои саноатӣ татбиқи фаъолияти оперативӣ (барои нигоҳ доштани қобилияти ҷорӣ) ва рушди мувозинати фаъолияти илмӣ (таъмини устувории рақобатпазир дар оянда) мебошад. Чунин вазифаи дугонаро дар доираи равиши нисбатан нави стратегӣ, ки ба принсипи амбидекстерӣ асос ёфтааст, ҳал кардан мумкин аст. Дар муҳити менеҷмент, "дастҳо"-и маҷозии корхона аксар вақт фаъолиятҳои ба таври куллӣ мухолифанд - тадқиқот ва эксплуатация (истисмор). Ҳамин тариқ, дар баробари аҳамияти амбидекстерӣ ҳамчун мавзӯи тадқиқоти академӣ, бо назардошти хусусиятҳои муҳити рақобати пурталотум, амбидекстерия барои амалияи идоракунӣ низ муҳим аст. С.Рейш, Ҷ. Биркиншоу ва дигарон[66] амбидекстро ҳамчун қобилияти корхона барои истифода бурдани амалиёти ҷории тиҷорат бо сатҳҳои ҳарҷӣ бештари самаранокӣ (яъне амалиёт), ҳамзамон ҷустуҷӯи имкониятҳои нав ва навовариҳои радикалӣ (яъне тадқиқот) тавсиф мекунанд. Ё ба ибораи дигар, ҳамчун қобилияти корхона дар як вақт пайгирӣ кардани самтҳои стратегии рақобаткунанда гуфтан мумкин аст[67]. Амбидекстр бояд кафолат диҳад, ки корхонаҳои саноатӣ метавонанд тадқиқотро барои устувории рақобат бо истифода аз таҷрибаҳои кунунии тиҷорат барои ҳадди аксар расонидани фоида анҷом диҳанд[68].

Ҳамин тариқ, сохтори тадқиқотии амбидекстерӣ ба таҷрибаҳои амалӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ ва истеҳсоли маҳсулот бо технологияҳои нав нигаронида шудааст[69]. Тадқиқот ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкон медиҳад, ки аз ҳар мавқеи

[66] Raisch, S., Birkinshaw, J., Probst, G., Tushman, M.L. Organizational ambidexterity: balancing exploitation and exploration for sustained performance // Organization Science, 2009. — № 20. — pp. 685–695.
[67] Hu, B., Chen, W. Business model ambidexterity and technological performance: Evidence from China // Technology Analysis and Strategic Management, 2016. — №28(5). — pp. 583–600.
[68] Stubner, S., Blarr, H. Organizational ambidexterity and family firm performance // Journal of Small Business & Entrepreneurship, 2012. — № 25(2). — pp. 217–229.
[69] O'Cass, A., Heirati, N., Ngo, L. Achieving new product success via the synchronization of exploration and exploitation across multiple levels and functional areas // Industrial Marketing Management, 2014. — № 43(5). — pp. 862–872.

корхона дониш ва иттилоот ба даст оранд ва эҷод кунанд. Тавассути ҳамкорӣ бо одамон, ширкатҳо ва шарикони гуногун метавонанд иттилооти нав ба даст биёранд, ки дар навбати худ равандҳои эҷодиро ҳавасманд мекунад ва дар ниҳоят ба навовариҳои радикалӣ оварда мерасонад. Бо вуҷуди ин, тадқиқот на танҳо барои муайян кардани монеаҳо дар таҷрибаи ҷории корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ кӯмак мекунад, балки ба онҳо имкон медиҳад, ки манбаҳои нави бартарии рақобатро пайдо кунанд. Аз тарафи дигар, эксплуататция дар парадигмаи амбидекстерӣ ҳамчун такмили пайвастаи маҳсулот ва хизматҳои мавҷуда тавассути навовариҳои афзоянда тавсиф карда мешавад. Корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ  фаъолияти эксплуатасиониро барои қонеъ кардани ниёзҳои бозор бо тағйироти каме ба расмиёти мавҷуда, маҳсулот ва технологияҳо анҷом медиҳанд.

Дар ҳоле ки эксплуататция барои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ барои ба даст овардани фоидаи ҳаётан муҳим зарур аст, тадқиқот зинда мондани дарозмуддатро таъмин мекунад[70]. Аммо дар чаҳорчӯби таҳқиқоти худ, Т.Клаус ва дигарон[71] пешниҳод мекунанд, ки эксплуататция як самти муҳимтари стратегӣ дар созиш байни тадқиқот ва эксплуататция аст, зеро фоидаи кӯтоҳмуддат барои мавҷудияти корхонаҳо ҳаётан муҳим аст. Фоида аз эксплуататция назар ба даромад аз тадқиқот пешбинишаванда ва эҳтимоли бештар аст ва фоида аз эксплуататция барои маблағгузории тадқиқоти ҷорӣ зарур аст. Ба андешаи олимон[72], истисмор бар таҳқиқот дар амалия бартарӣ дорад, зеро корхонаҳо эҳтимоли бештари даромади кафолатнок ва хатарҳои камро интихоб мекунанд, ки одатан

[70] Stubner, S., Blarr, H. Organizational ambidexterity and family firm performance // Journal of Small Business & Entrepreneurship, 2012. — № 25(2). — pp. 217–229.
[71] Clauss, T., Kraus, S, Kallinger, F.L., Bican P.M., Brem A., Kailer N. Organizational ambidexterity and competitive advantage: The role of strategic agility in the exploration-exploitation paradox // Journal of Innovation & Knowledge, 2020. — № 6.
[72] Molina-Castillo, F., Jimenez-Jimenez, D., Munuera-Aleman, J. Product competence exploitation and exploration strategies: The impact on new product performance through quality and innovativeness // Industrial Marketing Management, 2011. — № 40(7). — pp. 1172–1182.

натиҷаи эксплуататция аст ва аксар вақт боиси ҷобаҷогузории равандҳои тадқиқотӣ мегардад[73].

Бо назардошти ин тамоюлҳои худтаҳкимкунанда ва эҳтимолан худ харобкунандаи тадқиқот ва эксплуататция, хоҳиши амбидекстеризм ("бозӣ бо ду даст дар як вақт"), ба гуфтаи Д.Март, "барои корхонаҳо мушкил"[74] идоракунии доимӣ ва фаъоли зиддиятҳои байни таҳқиқот ва эксплуататция бо мақсади роҳ надодан ба "домҳои умумӣ", ки истисмор боиси сарнагун кардани таҳқиқот мегардад ва ё баръаксро талаб мекунад[75].

Ҳамин тариқ, омӯзиши омилҳо ва зиддиятҳои дуҷонибаи ташкилӣ ба мо имкон медиҳад, ки муқаррароти калидӣ дар бораи нақши он дар раванди идоракунии стратегии корхона пешниҳод карда шаванд.

1. Дурустии ташкилӣ ба устувории рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Гарчанде ки робитаи байни дугонаи ташкилӣ ва устувории рақобат ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст, А.Амниатталаб ва Р.Ансорӣ дарёфтанд, ки "...қобилияти пешгирикунандаи дурнамои стратегӣ ба корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки усулҳои инноватсионии дутарафаи худро барои эҷоди захираҳои комбинатсияи беназир пеш аз рақибон истифода бурда шавад"[76]. Гарчанде ки фаъолияти тадқиқотӣ хавфи баланд дорад ва дар бисёр ҳолатҳо ноком шуданаш мумкин аст, эҳтимолан натиҷаҳои муваффақ ҳамчун навовариҳои радикалӣ тавсиф карда мешаванд[77]. Хусусияти инноватсияи радикалӣ маънои онро дорад, ки корхона аз рақибони худ пештар аст ва дорои потенсиали

---

[73] Molina-Castillo, F., Jimenez-Jimenez, D., Munuera-Aleman, J. Product competence exploitation and exploration strategies: The impact on new product performance through quality and innovativeness // Industrial Marketing Management, 2011. — № 40(7). — pp. 1172–1182.

[74] March, J. G. Exploration and exploitation in organizational learning // Organization Science, 1991. — № 2(1). — pp. 71–87.

[75] Raisch, S., Birkinshaw, J., Probst, G., Tushman, M.L. Organizational ambidexterity: balancing exploitation and exploration for sustained performance // Organization Science, 2009. — № 20. — pp. 685–695.

[76] Amniattalab, A., Ansari, R. The effect of strategic foresight on competitive advantage with the mediating role of organizational ambidexterity // International Journal of Innovation Management, 2016. — № 20(3), pp.1–18.].

[77] Clauss, T., Kraus, S, Kallinger, F.L., Bican P.M., Brem A., Kailer N. Organizational ambidexterity and competitive advantage: The role of strategic agility in the exploration-exploitation paradox // Journal of Innovation & Knowledge, 2020. — № 6., O'Cass, A., Heirati, N., Ngo, L. Achieving new product success via the synchronization of exploration and exploitation across multiple levels and functional areas // Industrial Marketing Management, 2014. — № 43(5). — pp. 862–872.

истифодаи имкониятҳои нави бозорест, ки ба меъёрҳои арзиш ва нодир барои ба даст овардани бартарии рақобатӣ мувофиқат мекунанд. Мувофиқи он, корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар ҷустуҷӯи комбинатсияи комилан нави маҳсулот дар бозор тадқиқот мегузаронанд, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки устувории рақобатро дар дарозмуддат таъмин кунанд.

2. Дурустии ташкилӣ ба фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсири мусбат мерасонад. Консептуализатсияи амбидекстер ҳамчун "...иқтидори азхудкунӣ, номуайянии контексти кор ва сохтори тафриқавии ташкилӣ"[78] ҳамчун омилҳои миёнарав дар робитаи байни амбидекстерӣ ва иҷрои кор муайян карда шудааст. Аммо, сарфи назар аз мушкилот ва хатарҳои марбут ба амбидекс, корхонаҳое, ки метавонанд дар як вақт ба таҳқиқот ва эксплуататция машғул шаванд, метавонанд ба натиҷаҳои беҳтар ноил шаванд[79]. Фаъолиятҳои амалиётӣ метавонанд захираҳои корхонаҳои саноатиро ба истифодаи тиҷоратӣ табдил диҳанд, аммо бе кӯшишҳои тадқиқотӣ маҷмӯи донишҳо зуд кӯҳна мешаванд. Ба ҳамин монанд, тадқиқот метавонад ба навсозӣ ва густариши доимии базаи дониш мусоидат кунад, аммо бидуни истифода аз ин дониш метавонад пурра истифода нашавад. Ҳамин тариқ, ин ду намуди навоварӣ ҳамдигарро тақвият мебахшанд[80] ва аз ин рӯ, метавонанд барои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ муфид бошанд. Якҷоя кардани эксплуататция ва тадқиқот ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ кӯмак мекунад, ки инерсияи сохториро, ки дар натиҷаи тамаркуз ба эксплуататция ба вуҷуд омадаанд, бартараф созанд ва корхонаҳоро аз тамаркуз ба тадқиқот бидуни дарки манфиатҳо пешгирӣ мекунад.

[78] March, J. G. Exploration and exploitation in organizational learning // Organization Science, 1991. — № 2(1). — pp. 71–87.
[79] Benner, M.J., Tushman, M.L. Exploitation, exploration, and process management: The productivity dilemma revisited // Academy of Management Review, 2003. — №28(2) — pp. 238–256.
[80] Hu, B., Chen, W. Business model ambidexterity and technological performance: Evidence from China // Technology Analysis and Strategic Management, 2016. — №28(5). — pp. 583–600.

Ҳамин тавр, амбидекстер ба натиҷаҳои кори корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, баланд шудани ҳосилнокии меҳнат таъсири мусбат расонида, дугонаи ташкилӣ (амбидекстерӣ) барои зинда мондан ва рушди дарозмуддати корхонаҳои саноатӣ, ки дар ҷаҳони муосир рақобат мекунанд, зарур аст. Тадқиқотҳои Ҷ.Ду ва З.Чен[81] исбот мекунанд, ки амбидекстери ташкилӣ бо зинда мондани дарозтар, нишондиҳандаҳои беҳтари молиявӣ, омӯзиши муассиртар ва навоварӣ алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, дар ҳоле ки амбидекстр як мушкилоти мураккаби идоракунӣ аст, вақте ки дар заминаи стратегии мувофиқ амалӣ карда мешавад, ин сохторҳои мураккаб устувории рақобатро байни корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъмин мекунанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ мушкилиҳои риоя нашудани таҷдиди истеҳсолот, даромаднокии пасти хоҷагиҳои агросаноатӣ, бад шудани базаи техникӣ, номутаносибии нархҳо ва аз даст додани захираҳои меҳнатӣ корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро аз ҳамшарикони худ дар рақобат қафо месозад. Барои мутобиқ намудани корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шароити бозор раванди истеҳсолотро дар асоси инноватсия ба роҳ мондан лозим аст. Рушди раванди мазкур аз ҳаҷми захираҳои гузошташуда (дар мадди аввал захираҳои молиявӣ) вобаста буда, зарур аст ки маблағҳо андӯхт ва таҷдиди сармояи асосӣ ва сармояи гардон, татбиқи навовариҳо дар раванди истеҳсолот равона карда шавад ва корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро бо ҳаҷми зиёди сармоягузориҳоро дар истеҳсолот таъмин намоянд. Қайд кардан ба маврид аст, ки сармоягузор дар ҷустуҷӯи маълумот оиди ҳолати перспективии корхонаи интихобгардида мебошад.

---

[81] Du J., Chen Z. Applying Organizational Ambidexterity in strategic management under a «VUCA» environment: Evidence from high tech companies in China International // Journal of Innovation Studies, 2018. – № 2. — pp. 42–52.

Ҳангоми коркард ва татбиқи лоиҳаҳои инноватисонӣ барои пешбурди тиҷорат ва савдо натанҳо мавҷудияти сармоя кифоя мебошад, балки вобаста ба механизмҳои бозор ва таъсири он ба рафти фаъолият қарорҳоро қабул намудан лозим меояд. [82]

Мушкилотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро ба инобат гирифта, ба мақсад мувофиқ аст, ки мушкилотҳои системавие, ки ҳалли онҳо азнавсозии куллии сохтори корхонаро талаб мекунад, номбар намуд:

- тамаркуз ба натиҷаҳои кӯтоҳмуддати фаъолият бар зарари натиҷаҳои миёна ва дарозмуддат, набудани муносибати стратегӣ ба фаъолияти корхона;

- дар корхонаҳо мавҷуд набудани нақшаҳои мураккаби миёна ва дарозмуддати корӣ, ки дар натиҷа имконнопазирии тайёр кардани истеҳсолот ва кадрҳо барои нав кардани маҳсулот, паст шудани дараҷаи координацияи кори зернизомҳои алохидаи корхона мерасонад;

- дониши нокифоя дар бораи вазъи кунунӣ ва пешгӯии бозор, ҷустуҷӯи харидорони пардохтпазир ва таъминкунандагони ашёи хом ва маводи арзон;

- омода набудани корхона ба тағйирёбии талабот, пайдоиши маҳсулоти технологӣ ва баландсифати рақобатпазир дар бозор;

- паст шудани ихтисоси кадрҳо, куҳна шудани фондҳои асосӣ ва технология, паст шудани интизоми технологӣ;

- паст шудани ҳавасмандии меҳнатии коргарон, обрӯи коргарон ва касбҳои инженерию техникӣ;

- самаранок истифода набурдани захираҳои мавҷуда;

- дараҷаи баланди тафовут байни манфиатҳои амалии роҳбарият ва коллектив бо афзоиши ҳаҷми ваколатҳои идоракунӣ, бартарии манфиатҳои шахсии роҳбарон, зиддият байни роҳбарият ва коллектив;

---

[82] Валявин А. В. Отечественный и зарубежный опыт работы в молочно продуктовом подкомплексе. / Вестник НГИЭТ. 2016. – С.24 – 31.

- таъсири сусти ҷомеа ба фаъолияти корхона, аз ҷумла суст будани таъсири саҳмдорон ба қарорҳои дар корхона қабулшуда;

- хароҷоти баланди транзаксия, дараҷаи пасти ҳамгироии амудӣ;

- ихтилофи рузафзун байни структураи истеҳсолоти саноатӣ (дар шароити корхонаҳо), структураи талабот ба маҳсулот ва структураи таъминоти омилҳо ва технологияи истеҳсолоти саноатӣ.

Мақсади асосии ислоҳоти корхонаҳои саноатӣ фароҳам овардани шароити дохилӣ ва то андозае берунӣ барои фаъолият ва рушди муътадили корхона дар ҳамоҳангӣ бо муҳити иҷтимоию иқтисодӣ, технологӣ ва табиӣ мебошад. Барои ҳалли вазифаҳои афзалиятноки дар боло зикргардидаи барқарорсозии иҷтимоию иқтисодии корхонаҳо самтҳои афзалиятноки ислоҳоти корхонаҳои онҳо пеш аз ҳама бояд системаи қабули қарорҳо дар корхона, муносибати байни кадрҳо ва роҳбарӣ, сохтори ташкилию технологии корхона, сохтори идоракунии корхона ва системаи таъминоти иттилоотии он бошанд.

Вазифаи асосии ислоҳоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо зарурати фаъол кардан ва афзун намудани нерӯи он ҳангоми бартараф намудани бесарусомонии фаъолияти дохилию берунӣ, баланд бардоштани пешгӯии фаъолияти корхона вобаста аст. Барои ин корхонаҳои саноатӣ бояд ба ҷанбаҳои стратегии менеҷмент бештар таваҷҷӯҳ кунад. Моҳиятан сухан дар бораи ҷаҳиши сифатӣ меравад: агар корхонаҳои саноатӣ стратегияи комплексии фаъолият ва тараққиётро дар коллектив муҳокима ва қабул накарда бошанд, пас дар натиҷаи татбиқи барномаи ислоҳот, корхонаҳо бояд чунин стратегия дошта бошанд.

Дар корхонаҳои саноатӣ ҷорӣ намудани банақшагирии комплексии стратегӣ имконият медиҳад, ки масъалаҳои координацияи равандҳои истехсолот ва такрористеҳсолӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти зернизомҳои гуногуни корхона ва ба ин васила афзун намудани иқтидори он бартараф карда шавад.

Мувофиқи таҳлил ва мушоҳидаҳо дар аксари корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ҳаҷми корҳои таҷрибавӣ-конструкторӣ, технологӣ ва тадқиқоти илмӣ-тадқиқотиро қатъиян кам гардидаанд. Шуъбаҳои дахлдор дар корхонаҳо барҳам дода шудаанд ва ё ба минимум кам карда шудаанд, маблағгузорӣ барои тадқиқоти илмии шахсони сеюм ба сифр наздик аст.

Барои эҳё намудани давраи навоварӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар сатҳи давлат оғози чунин корҳо зарур аст, ки:

- ба структураҳои корхона дохил намудани зерсохторҳои навоварона;
- таҳкими муносибатҳои корхона бо ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотӣ, конструкторӣ ва лоиҳакашӣ, аз ҷумла муносибатҳои шартномавӣ, озод кардани хароҷоти дахлдор дар доираи фоида аз андозбандӣ ва муносибатҳои намуди интегралӣ, ҳавасмандгардонии ташкили гурӯҳҳои молиявию истеҳсолӣ бо иштироки чунин ташкилотҳо;
- иштироки сохторҳои бонк дар навсозии саноат бо роҳи додани “қарзҳои инноватсионӣ” махсус бо шартҳои имтиёзнок барои корхона, вале бо назорати қатъӣ аз болои иҷрои нақшаҳои ратсионализаторӣ. Барои ин сохтор ва методологияи таҳияи “бизнес-нақшаи инноватсионӣ”, намудҳои лоиҳа ва пешгӯиро омода кардан лозим аст. Бонкҳое, ки чунин фаъолиятҳоро дар миқёси кофӣ анҷом медиҳанд, метавонанд аз шартҳои махсуси имтиёзноки тиҷоратӣ истифода намоянд;
- истифодаи афзалиятноки раванди инноватсионӣ дар корхонаҳои ватанӣ, аз ҷумла коркардҳои технологии худӣ ва таҷҳизоти ватанӣ бар ивази истифодаи таҷҳизоти хориҷӣ.

Яке аз самтҳои муҳими ислоҳоти корхонаҳои саноатӣ бояд тадбирҳои баланд бардоштани дараҷаи зиндагӣ ва обрӯи интеллигентсияи илмию техникӣ ва идоракунии саноат бошад ва кормандони соҳаи саноат бо

дараҷаи эҳтиёткорӣ ва масъулиятшиносӣ дар қатори кормандони соҳаи илм, маориф ва нигаҳдории тандурустӣ ҳамчун табақаи зиёӣ эътироф карда шуда, эҳтиромашон дар ҷамъият нисбат ба коркунони соҳаи истеҳсолоти моддӣ – меҳнаткашон чораҳо дидан лозим аст.

Бояд қайд намуд, ки раванди ба даст овардани фоида дар баробари хусусияти кӯтоҳмуддат доштан, хусусияти дарозмуддат низ дорад, яъне на ҳама вақт сармояи гузошташуда дар давраи интизорбуда фоида меорад, балки барои ба даст овардани фоида якчанд сикл ва раванди истеҳсолиро интизор будан зарур аст.

Дар рафти тадқиқи мавзӯи интихобгардида аз технологияи истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ бархурдор гардидем ва қайд менамоем, ки технологияи истеҳсоли он низ ба афзоиши фоида тасъири худро мерасонад. Қайд менамоем, ки фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз дигар корхонаҳои истеҳсолӣ ба куллӣ фарқ дорад. Зеро дар корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ агар ҳаҷми истеҳсол зиёд бошад, аммо ҳаҷми фурӯш камтар, он гоҳ маҳсулоти ба фурӯшнарафта дар анборҳо нигоҳ дошта шуда, давра ба давра фурӯхта мешавад, аммо ин ҳолат дар маҳсулотҳои ширӣ номумкин аст. Бинобар ин ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти ширӣ пеш аз ҳама вазъи бозор бояд омӯхта шавад. Омӯзиши вазъи бозор дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба маркетологҳо вобаста шудааст.

Тавре, ки дар боло қайд намудем, дар бахши истеҳсоли шир ва маҳсулотҳои ширӣ дар давраи таҳлил сармоягузориҳо ба самти мазкур дида намешавад. Яке аз омилҳои дигаре, ки ба пешрафти соҳа таъсири худро гузоштааст, мавҷуд набудани сармоягузориҳо дар ин самт мебошад. Сармоя ва инноватсия ба ҳамдигар ду омили алоқаманд буда, мавҷудияти яке боиси пайдоиши дигаре мегардад ва дар акси ҳол ҷалби сармоя боиси пайдоиши инноватсия гардида, бо ворид намудани инноватсия дар истеҳсолот сармоя зиёд мегардад.

Омилҳои асосии сармоягузорӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ширии корхонаҳои минтақавӣ муайян кардани афзалиятҳои тактикӣ ва стратегӣ, банақшарии тиҷорат, консентрасияи исеҳсолот, таҷдиди сохтори соҳа аз рӯи намуди ташаккули хоҷагиҳои калони ширӣ, таҳия, стандартизатсия ва серитифактсияи усулҳои нави назорати сифат, таҳқиқи таркиб ва хосиятҳои намудҳои нави маҳсулоти ширӣ, сармоягузорӣ ба заминаи ашёи хоми худ ва дастгирии илмии соҳа мебошанд.

Зиёд намудани ҳаҷми фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ боиси васеъ намудани доираи истеҳсолот гардида, ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти ширӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ боз ҳам зиёд шуда, корхонаҳои мазкур ба фоидаи максималӣ ноил мегарданд. Рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар 7 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ қариб 3 баробар (аз 10 миллиард сомонӣ ба 27,5 миллиард сомонӣ) ва ҳиссаи соҳа дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар 5,1 банди фоизӣ (аз 12,6 ба 17,7 фоиз) зиёд гардидааст[83]. Таҷрибаи ҶСП “Комбинати шири шаҳри Душанбе” нишон дод, ки дар соли 2020 нисбат ба солҳои қаблӣ ҳаҷми сармояи оинномавии он аз ҳисоби зиёд гардидани фоида зиёд шудааст. Зиёд гардидани ҳаҷми фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва зиёд намудани сармояи оинномавӣ боиси зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсолот ва васеъ намудани доираи истеҳсолоти маҳсулоти ширӣ гардида, аҳолӣ бо маҳсулоти шири ватанӣ таъмин мегарданд, шумораи ҷойҳои корӣ зиёд мегардад, сарчашмаҳои даромади буҷети давлат зиёд мегардад ва ҳаҷми содироти маҳсулоти ширӣ ба роҳ монда мешавад.

[83] Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри 2019. - www. president. tj

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор ва саноатикунонии босуръати кишвар барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ва як қатор стратегияву дурнамоҳо, аз ҷумла "Стратегияи рушд барои то соли 2030" таҳия гардида, дар асоси он фаъолияти сохторҳои давлатӣ фаъолияти худро амалӣ намуда, ба рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ шароит фароҳам меоваранд.

Мувофиқи ҳисоби дурнамои "Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ барои солҳои 2020-2025" истеҳсоли шир дар соли 2025 бояд 1029,6 ҳаз.тонна ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ширии турш (ҷурғот, кефир, чакка, творог) дар соли 2025 - 2,09% зиёд пешбинӣ шудааст.

Барои истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ, дар давраи амалӣ намудани Барнома таъмини корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии мамлакат бо 150 ҳаз. тонна шир зарур аст. Вазифаи корхонаҳои бо коркарди шир машғулбуда васеъ намудани минтақаи ҷамъоварии шир аз хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ, ба даст овардани нақлиётҳои махсуси ширкашонӣ ва таҷҳизотҳои мувофиқ барои коркари аввалия мебошад. Дар ҳудуди ноҳияҳо зиёд намудани шумораи қабули шир ва коркарди он зарур аст.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

Вазифаҳои иҷрошудаи таҳқиқоти илмӣ имкон медиҳад, ки муаллиф дар ҷамъбасти кори диссертатсионӣ хулосаи зеринро пешниҳод намояд:

1. Дар асоси омӯзиши адабиёти олимони соҳа моҳияти фоидаи корхонаҳои саноатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян карда шуд, ки он ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад; барои тараққиёти иқтисоди миллӣ замина муҳайё мекунад; меъёри самаранокии фаъолияти муайяни истеҳсолӣ мебошад; манбаи асосии дохилии ташаккули захираҳои молиявии корхона ва рушди он мебошад; манбаи асосии афзоиши арзиши бозории корхона мебошад; механизми асосии муҳофизатие мебошад, ки

корхонаро аз таҳдиди муфлисшавӣ назорат мекунад. Корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ҳавасманданд, ки мунтазам фоидаи худро на танҳо аз ҳисоби пасткунии арзиши аслии маҳсулот, балки ҳам аз ҳисоби зиёд кардани миқдори маҳсулоти истеҳсолшавандаи ширӣ, васъекунӣ ва навкунии номгӯи маҳсулот, баландбардории сифати маҳсулот баланд намояд. Фоида назар ба арзиши аслӣ ҳамаи тарафҳои фаъолияти истеҳсолӣ – хоҷагидориро пурратар инъикос мекунад.

2. Фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ нишондиҳандаи асосии сермаҳсулгардонии фаъолияти истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад ва дар ҳаҷми он таъсири ҳамаи омилҳои истеҳсолӣ – хоҷагидорӣ, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии кори тамоми коллективи корхона инъикос меёбад. Таҳлил дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе як қатор сабабҳоеро муайян намуд, ки барои пешрафти соҳа таъсири манфии худро гузоштааст: талаботи истеъмолкунандагон, ки ба завқу рағбати истеъмолкунанда вобаста мебошад, надоштани базаи илмӣ техникӣ, надоштани кормандони соҳибтахассус, аз ҷумла менеҷерони баландихтисос, мавҷуд набуани сармоягузориҳо дар самти мазкур, номукаммалии техника ва технологияҳои замонавӣ, дар сатҳи паст қарор доштани омӯзиши бозор аз ҷониби субъектони хоҷагидор. Таҳлили вазъи молиявии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе муайян намуд, ки новобаста аз таъсири омилҳои дохиливу берунӣ фаъолияти худро идома дода, аҳолии шаҳр ва ноҳияҳои гирду атрофи онро бо маҳсулоти ширӣ таъмин менамоянд.

**3.** Корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро ҷиҳати ноил шудан ба фоидаи максималӣ дар мавриди аввал на коркарди роҳу усулҳои махсуси ба самт вобаста, балки таҳлили вазъи бозор, доираи фаъолияти вазъи рақибон, завқу рағбати истеъмолкунандагон ва дигар омилҳо зарур аст. Таҳлили натиҷаҳои молиявии корхонаҳои саноатиии

истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе муайян намуд, ки бо таъсири омилҳои дохиливу берунӣ нархи маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе баланд шудааст. Вобаста ба баланд шудани нархи маҳсулоти ширӣ ҳаҷми фурӯш дар давраи таҳлил кам гардида, ҳаҷми истеъмол низ кам гардидааст. Агар аз як ҷониб ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ омилҳои берунӣ, яъне баланд гардидани сатҳи таваррум, баланд гардидани тарофаҳои қувваи барқ ва вазъи пандемияи ба натиҷаи молиявии онҳо таъсир расонида бошад, пас дар шароити дохилии корхона зиёд шудани ҳаҷми фонди музди меҳнат бо шудани шумораи коргарон ба арзиши аслии маҳсулот таъсир расонидааст.

**4.** Хусусияти ташаккули бозори минтақавии шир ва маҳсулоти ширӣ бештар аз шароити минтақавии табиии иқтисодии истеҳсолот, инфрасохтори мавҷудаи бозор ва ҳиссаи соҳаҳое, ки бо истеҳсол ва фурӯши шир ва маҳсулоти ширӣ алоқаманд аст, вобаста мебошад. Барои фаъолияти бомуваффақи бозори шир ва маҳсулоти ширӣ робитаи иқтисодии субъектони асосии бозор: корхонаҳои истеҳсоли шир, коркард ва фурӯши он нақши худро мебозад. Паст кардани арзиши аслии маҳсулот, диверсификатсияи маҳсулот, банақшагирии молиявӣ, кам кардани хароҷотҳо, таъсиси бозорҳои нав зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, ба иҷора додан ва ё фурӯши моликияти дар истифода қарорнадошта, ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои нав дар истеҳсолот ва реструктуризатсия сарчашмаҳои асосии афзоиши фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мебошанд.

**5.** Дар баробари кам кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ тавассути усулҳои гуногуни ҳисобкунӣ, муттаҳид намудани корхонаҳои фаъолияташон бо ҳам алоқаманд дар сатҳи минтақа низ барои рақобатпазир гардонидани махсулоти истеҳсолӣ ва расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ пазируфта шуда, маҳз кластеризатсия ба корхонаҳои саноатӣ имкон додааст, ки дар бозор мавқеи устуворро ишғол намоянд. Ташкил ва рушди

кластерҳои саноатӣ дар минтақаҳои кишвар бо назардошти рушди минтақаҳо ва тарҳи банақшагирии Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба ҳисоб меравад.

**6.** Натиҷаи таҳлили коррелятсионӣ – регрессионии нишондҳиҳандаҳои молиявии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шаҳри Душанбе муайян намуд, ки омили асосӣ ба фоидаи корхонаҳои саноатии истесҳоли маҳсулоти ширӣ таъсирррасон арзиши аслӣ буда, хароҷоти фонди музди меҳнат хароҷоти корхонаҳоро зиёд намудааст. Дар асоси таҳлили коррелятсионӣ –регрессинӣ маълум гардид, ки фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар оянда самарабахш буда, дурнамои солҳои 2023-2028 тартиб дода шуд. Ҷиҳати дарёфти роҳҳои кам кардани арзиши аслии маҳсулоти ширии корхонаҳои саноатӣ ва идоракунии он дар асоси омӯзиши моделҳои иқтисодӣ модели кам кардани арзиши аслии маҳсулоти ширӣ ба таври маҷмӯӣ тартиб дода шуда, дар таҷрибаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе баррасӣ гардид, ки он принсип ва вазифаҳои идоракунии кам кардани хароҷотҳо, давраҳо, вазифаҳо ва объекти идоракуниро дар бар мегирад.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Асосҳои назариявӣ – методии дар кори диссертатсионии мазкур истифодагардида метавонанд барои омӯзиши паҳлуҳои асосии идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатӣ мавриди истифода қарор дода шаванд, ҳамчунин ҳангоми таҳияи лексияҳо ва дарсҳои амалӣ дар ихтисосҳои соҳавии макотиби оливу таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун васоити илмӣ истифода шаванд.

2. Пешниҳод менамоем, ки ҷиҳати гирифтани самараи баландтарин бо сарфи камтарини захираҳои молиявӣ, моддӣ, меҳнатӣ корхонаҳои саноатӣ сиёсати идоракуниро дуруст ба роҳ монда, барои муайян намудани

арзиши аслии маҳсулот усулҳои идоракунии хароҷот мувофиқи стандартҳои мавҷудаи дар хориҷи кишвар истифодашаванда интихоб карда шавад.

3. Ба воситаи таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии махсуси дар ин самт таҳияшуда ва ворид намудани номгӯи маҳсулоти ширӣ ба он ҳамчун маҳсулоти ҳаётан муҳим, ба роҳ мондани танзим ва назорати давлатӣ дар ҳамаи марҳилаҳо: истеҳсолот, тақсимот, нархгузорӣ, фурӯш ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани он. Механизми боздоштани болравии нархҳо ба маҳсулоти ширӣ мувофиқи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ бо ёрии танзими ҳаҷми таклифоти ин маҳсулот дар бозор амалӣ карда шуда, дар ҳолати болоравии нархи маҳсулоти ширӣ хуб мебуд, ки давлат ба он ба воситаи таъмини бозор аз маҳсулоти худӣ ва маҳсулоти содиротӣ дар вақти муайян таъсир расонад.

4. Дар шароити иқтисодиёти имрӯзаи Тоҷикистон ҷиҳати дастрасии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе бо шир, таҷрибаи Ҷумҳурии Қирғизистонро истифода намуда, таъсиси кластерҳоро дар минтақаҳо ба роҳ монда шавад ва ба ин восита ба сифати ашёи ва нархи маҳсулот таъсир расонанд, то ки ба аҳолӣ маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ бо нархи мусоид дастрас гардад.

5. Дар шароити рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ омили асосии навсозӣ ва такроristеҳсоли фондҳои асосӣ метавонад табдили рақамии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бошад, ки он сифати истеҳсолотро беҳтар ва кормандонро аз корҳои муқаррарӣ озод намуда, ба онҳо имкон медиҳад ба истеҳсолоти муҳимтар ва мураккабтар машғул шаванд. Бо рақамикунонии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ оптимизатсияи равандҳои истеҳсолот ва васеъ гардидани манбаи даромад дар назар аст.

6. Ба роҳ мондани фаъолияти инжиниринг ва реинжиниринг роҳи дигари тағйир додани раванди истеҳсолии корхонаҳои саноатии истеҳсоли

маҳсулоти ширӣ мебошад ва имкон медиҳад, ки сифати кори корхонаҳои саноатӣ дар ҳамаи марҳилаҳои фаъолияташон, аз он ҷумла дар таъминот, корҳои илмӣ – тадқиқотӣ, сиёсати кадрӣ, банақашгирии истеҳсолот, ҷараёни тавлиди маҳсулот, ҳисоботдиҳӣ, идоракунӣ, бозоршиносӣ, хизматрасонӣ ба мизоҷон ва ғ. таъмин гардад.

7. Бо истифода аз таҷрибаи кунунии тиҷорат барои устувории рақобат ва ба ҳадди аксар расонидани фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ амбидекстрро ҳамчун қобилияти корхонаҳои саноатӣ барои истифода бурдани амалиёти ҷории тиҷорат бо сатҳҳои ҳарҷӣ бештари самаранокӣ (яъне амалиёт), ҳамзамон ҷустуҷӯи имкониятҳои нав ва навовариҳои радикалӣ (яъне тадқиқот) тавсия дода мешавад. Амбидекстр ба натиҷаҳои кори корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, баланд шудани шудани ҳосилнокии меҳнат таъсири мусбат расонида, дугонаи ташкилӣ (амбидекстрӣ) барои зинда мондан ва рушди корхонаҳои саноатӣ, ки дар ҷаҳони муосир рақобат мекунанд, зарур аст.

Ҳамин тариқ, хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда дар самти идоракунии баландбардории фоида дар тамоми корхонаҳои саноатӣ истифода шаванд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ:

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе. 2020. –С. 118.

2. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2018. - № 159.

3. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.06.2020.

4. Консепсияи ташкил ва рушди комплексҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 204. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2020, №566.

5. Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 -2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.07.2019, №373.

6. Барномаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2023. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2018, №520.

7. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри 2011. [Захираи электронӣ] // www. president. tj

8. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018. [Захираи электронӣ] // www. president. Tj

9. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри 2019. [Захираи электронӣ] // www. president. tj

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатӣ” аз 06.10.2012 таҳти №902, аз 29.03.2013 таҳти №963, аз 08.10.2019. №1647. [Захираи электронӣ] // www. president. tj

11. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022. [Захираи электронӣ] // www. president. tj

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2017, №5, қ.1, мод.272 ҚҶТ аз 23.12.2021с., 1848) [Захираи электронӣ] // www. president. tj

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯроквори аз 23.12.2021, №1827 ва 08.06.2022, 1882. [Захираи электронӣ] // www. president. Tj

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ аз 08.06.2022, 1882. [Захираи электронӣ] // www. president. tj

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда аз 23.12.2021, №1828. [Захираи электронӣ] // www. president. tj

## МАВОДҲОИ ОМОРӢ:

16. Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. С. 702.

17. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: - 2022. – С. 415.

18. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. С.90.

## АДАБИЁТИ АСОСӢ

19. Абольянина Т.А. Международный лизинг как способ привлечения иностранных инвестиций // Международный студенческий научный вестник. 2015.–№4-3.; URL: https://eduherald.ru/ru/article/view?id=13135

20. Акаев А.А., Коротаев А.В. О начале фазы подъма шестой кондрастьевской волны и проблемах глобального устойчивого роста // Век глобализации: исследование современных глобальных прцессов. – 2019.- Т.29, №1. С.3- 17.

21. Ананьин В.И., Зимин К.В., Лугачев М.И., Гимранов Р.Д., Скрипкин К.Г. Цифровое предприятие: трансформация в новую

реальность // Бизнес-информатика. — 2018. — № 2 (44). — С. 45–54. http://doi.org/10.17323/1998–0663.2018.2.45.54

22. Ахмадиева З.Р. Прибыл как экономическая категория. //Вестник науки и образования. - №9(63) Часть 2. - 2019. - С.18-22.

23. Бабо А. Прибыль. М.: “Прогресс”, 1993. – С .105.

24. Балдин К.В., Передеряев И.И., Рукосуев А.В. Антикризисное управление: макро и микроуровень. М.: “Дашков и К”, 2012. – С. 268.

25. Бегмуродов С.Ш., Махкамов Б.Б. Некотороые итоги реализации ускоренной индустриализации в Таджикистане.//Реализация ускоренной индустриализации Республики Таджикистан как четвертой цели национальной стратегии: проблемы и пути их решения. Материалы респбуликанской научно – практической конференции (23 – 24 апреля 2021 года) – 2021. - Часть 2. – С.123 – 124.

26. Бегмуродов С.Ш., Махкамов Б.Б. Некоторые итоги реализации ускоренной индустриализации в Таджикистане. // Амалигардонии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ: проблемаҳо ва роҳҳои ҳалли он. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ –амалӣ. Душанбе – 2021. С. 27- 31.

27. Беркович В. М. Цыганков И. С. Инжиниринг и реинжиниринг бизнес-процессов в современных условиях Проблемы современной экономики, N 1 (77), 2021. http: www.m-economy.ru

28. Беркович В. М. Цыганков И. С. Инжиниринг и реинжиниринг бизнес-процессов в современных условиях Проблемы современной экономики, N 1 (77), 2021 http: www.m-economy.ru

29. Бланк И.А. Управелие прибылью – М.: «Омега», 2010. С.63.

30. Блауг М. Экономическая мысль в ретроперспективе. М.: “Академия народного хозяйства” - 1994. – С. 687.

31. Валявин А. В. Отечественный и зарубежный опыт работы в молочно продуктовом подкомплексе. / Вестник НГИЭТ. 2016. – С.24 – 31.

32. Волкова С.А. Система управления затратами высокотехнологичного предприятия / Экономинфо. 2017. №1-2

33. Выгодский С.Л. История экономических учений.- М., 1956.- С.80

34. Глазов М.М., Фарова И.П.Система «стандарт-костинг» как основа совершенствования учета и управления затратами. Общество.Среда.Развитие. №1'2015. С. 11-15.

35. Гусакова И.В. Рынок молока: современное состояние и перспективы развития. 2015. https//ciberlinka.ru

36. Дадоматов, Д.Н. Проблемы промышленного предпринимательства / Д.Н. Дадоматов. - Душанбе: «Ирфон», 2007. – С.156

37. Дадоматов, Д.Н. Создание условий развития предпринимательской деятельности в промышленности регионов республики Таджикистан /Д.Н. Дадоматов // Вестник Таджикского национального университета – Душанбе: 2016. №2/5 (207) – С. 44-50

38. Демчук О.В., Арефьева С.Г. Прибыль и рентабельность предприятия: сущность, показатели и пути повышения. // Проблемы экономики и менеджмента. №8 (48) – 2015. С.6-9.

39. Джавадова О.М. Роль лизинга в развитии Российской экономики// Современные наукоемкие технологии. – 2007. – № 1. – С. 35-37; URL: https://top-technologies.ru/ru/article/view?id=23993

40. Джумаев У.М. Инновационное предпринимательство как фактор устойчивого роста промышленного производства Респубулики Таджикистан. Автор.дисс. канд.экон. наук/ У.М.Джумаев – Душанбе, 2011. – С.29.

41. Джурабоев Г. Некоторые особенности стратегического управления инновационным развитием промышленности регионов Республики Таджикистан в условиях нестабильности / Г. Джурабоев // Вестник университета. Вестник Российско-Таджикского (славянского) университета. – Душанбе: РТСУ, 2017. - №1(57). – С. 101-108.

42. Джураева Д.Х. Развитие рынка услуг по обеспечению электроэнергией населения: состояние и перспективы (на материалах города Душанбе) Душанбе – 2021.

43. Ершова М.В., Жариков Р.В., Жариков Д.В. Модель снижения себестоимости продукции на промышленных предприятиях. Организатор производства. №2. 2016. С.67-78.

44. Ивашковский С.Н. Экономика для менеджеров: микро и макроуровень – М.: «Дело», 2019. – С. 59. Электронный ресурс: pressi nerson.

45. Каримова М.Т., Маджидзода С. Агропищевые кластеры в рамках обеспечения продавольственной безопасности страны. //Экономика Таджикистана. №4 (1). 2000 – С.52-56.

46. Каюмов Н.К. Совреенное состояние и перспективы развития промышленности / Н.К.Каюмов// Промышленность Таджикистана за годы государственной независимости (коллективная монография). Душанбе: Изд. «Дониш», 2021. – С. 5-112.

47. Кирсанова Д.А., Жариков В.Д., Повышение конкурентносбособности продукции за счет снижения издержек на её производчтов и сбыт. Социально-экономические явления и процессы. Т.11, №4, 2016. С. 28-33.

48. Клюкач В.Ю., Логинов Д.А. Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. М. 2010. №4. С.58.

49. Комилов С.Ҷ. Рушди нерӯи инноватсионӣ дар шароити саноатикунонӣ. //Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ

дар мавзӯи «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт». -(Душанбе, 27-уми феврали соли 2020). //Душанбе, Матбааи ДМТ,2020.-С.41-44.

50. Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона// Китоби дарсӣ. Душанбе, 2015. – С.465.

51. Комилов, С.Дж. Основы развития инновационной деятельности предприятий / С.Дж. Комилов, М.К. Файзуллоев. - Душанбе: «Ирфон», 2004. - С. 25-27

52. Комилов, С.Дж. Предпринимательство и менеджмент развития инновационной деятельности / С.Дж. Комилов, Г.Ш. Алиева – Душанбе: «Ирфон», 2008. – С.220

53. Мадаминов А. Перспективы развития и размещения предприятий мясомолочной отрасли в регионах Республики Таджикистсан. // Экономика Таджикистана. №4 (2) – 2021. – С. 217 – 224.

54. Макконелл К.Р., Брю С.Л. Эконмикс: принципы, проблемы, политика.- М., 1995. - Т2.С.321.

55. Махкамов Б.Б., Шералиев А.А. Кластеризация промышленности по отрасля и регионам Республики Таджикистан.//Экономика Таджикистана. №4(2). 2021. С. – 239-246.

56. Мироседи С.А., Веремеева Ю.С. Факторы и резервы увеличения прибыли предприятия. Международный научный журнал «Символ науки», 2000. - №5. Электронный ресурс: cyberleninka.ru.

57. Мироседи С.А., Реструктуризация – путь к повышению эффективности деятельности промышленного предприятия . «Научно – практический электронный журнал Аллеи науки». №3 (19) 2018. Электронный ресурс: Alley – science.ru.

58. Морозова Н.С., Меркулова Е.Ю. Анализ себестоимости продукции. Социально-экономические явления и процессы. Т.11, №8. 2016. С.66-71.

59. Несговорова В.С. Построение систем управления процессно-ориентированных организаций //Российское предпринимательство. — 2016. — № 10. — С. 1289–1298. http://doi.org/10.18334/rp.17.10.35282

60. Низомова Т.Д. Таҷдиди сохторӣ ва хусусигардонии корхонаҳои саноатӣ. Қисми 1. Маводи таълимӣ, Душанбе, 2007. – С. 92.

61. Низомова Т.Д. Таҷдиди сохторӣ ва хусусигардонии корхонаҳои саноатӣ. Қисми 1. Маводи таълимӣ, Душанбе, 2007. – С. 92.

62. Низомова Т.Д. Ташкили истеҳсолот дар корхона. – Душанбе: "Диловар ДДМТ", 2012. С.236.

63. Низомова Т.Д. Ташкили истеҳсолот дар корхона. Душанбе: "Диловар ДМТ", 2012. –С.236

64. Низомова Т.Д., Ҷумаева Х.Ю. Таҳияи стратегияи рушди корхона // Иқтисдиёти Тоҷикистон. – 2021. - №3. – С.60 – 66.

65. Пинчук В.Н., Журавлев Д.М. Предприятие. Технологии и экономика цифровой трансформации. — Новосибирск: Академиздат, 2020. — С. 216.

66. Пороховский А.А. Человек и робот: технологизация versus гуманизация ноономики // Генезис нооономики: НТП, диффузия собственности, социализация общества, солидаризм. Том 1.: Сборник пленарных докладов Объединенного международного конгресса СПЭК-ПНО-2020 / Под общ. ред. С.Д. Бодрунова. — Т.1. — ИНИР Москва, 2021. — С.210–224.

67. Прищенко А.Е., Низовкина Н.Г. Совершенствование системы учета затрат и калькулирования себестоимости. Мир экономики и управления. Том 18, №2. 2018. С. 121-131.

68.Рабиева, Т.М. Развитие импортозамещающего промышленного производства в условиях переходной экономики Таджикистана. автореф. дисс… канд. экон. Наук / Т.М. Рабиева. – Душанбе, 2011. – С.29

69. Рауфӣ А. Бозор. - Душанбе : "Дониш", 2000. – С. 56.

70. Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ. //Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. - №3. – С. 49 – 59.

71. Рахимов Р.К. Экономическая эффективность. Некоторые вопросы теории и практики. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2005. -№1. – С. 25.

72. Савицкая Г.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятия: Учебник. - М.: “ИНФРА – М”, 2009. – С.74.

73. Савосина В.К. Отдельные аспекты оптимизация производственных затрат фирмы. Journal of Economy and Business, vol. 10-2 (56). 2019. С. 71-73.

74. Савосина К.В. Анализ различных методов оптимизации затрат. International journal of Humanitarues and Natural Sciences, vol.10-2 (37), 2019. С. 59-62.

75. Самуэльсон П. А. Экономика.Севастополь: «Ахтиар», 1995. – С. 384.

76. Свириденко В.А. Комплексная система управления затратами промышленного предприятия. Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки №4(199). 2014.С. 59-65.

77. Сей Ж.Б. Трактат политической экономии. М.: “Директ - Медиа”, 2007. - С.67.

78. Соломенникова А.Е., Прищенко А.В., Гурин В.В. Совершенствование нормативного метода учета и контроля затрат. Мир экономики и управления. Том 17, №2. 2017. С. 121-129.

79. Старченкова О.С. Особенности рынка молочной продукции в Республике Беларусь. 2016. https//ciberlinka.ru

80. Столярова Ю.В. Развитие рынка молока и молочной продукции в условиях импортозамещения. Региональная экономика: теория и практика./ Региональная экономика: теория и практика, 2017, т.15, вып.4, - С. 717 – 728. www. cyberleninka. ru

81. Столярова Ю.В. Региональная экономика: теория и практика. М.2017 т.15 вып.4. С. 717-728.

82. Сулоева С.Б., Гульцева О.Б. Традиционные и современные системы управления затратами: сущность и особенности. Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки №4(246). 2016.С. 173-179.

83. Сысо Т.Н. Оптимизация управления затратами предприятия. Вестник Омского университета. Серия «Экономика». №4. 2011. С. 135-143.

84. Твердохлеб, Г.В. Технология молока и молчных продуктов / Г.В. Твердохлеб, З.Х. Диланян, Л.В.Чекулаева, Г.Г. Шиллер. М.: Агропромиздат, 1991. – 463 С.

85. Толкачев С.А., Тепляков А.Ю. Кто главный? Как соединить технологические уклады и промышленные революции. Электронный ресурс. – URL: https://kapital-rus.ru/articles/article/kak_soedinit_tehnologicheskie_uklady_i_promyshlennye_revolucii/(дата обращения:20.04.2021)

86. Толмачева О.И. Целевое управление затратами промышленных предприятий на основе применения систем таргет-костинга и кайзен-костинга. Journal of Economy and Business, vol.12-2.

87. Файзуллоев, М.К. Проблемы менеджмента инноваций на промышленных предприятиях Таджикистана / М.К. Файзуллоев // Кластерные инициативы в формировании прогрессивной структуры национальной экономики сборник научных трудов Междун-й научнопрактической конференции (19-20 марта 2015года) / Ответственный ред. Горохов А.А. в 2-х томах, Том 2; Курск, ЗАО «Университетская книга», 2015. 444 с. - С. 390-393.

88. Хабибов С., Шаропов Ф. Проблемы повышения эффективности розничной торговли. – Душанбе. 2004. С. 10.

89. Хоналиев Н. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе: “Ирфон”, 2007. –С. 292.

90. Хоналиев Н.Х. Принципы, факторы и условия размещения национальной промышленности Таджикистана. // Экономика Таджикистана. – 2021. - № 2 (2). – С. 165 – 171.

91. Чаадаев В.К. Организационное обеспечение реинжиниринга бизнес-процессов на основе проектного управления // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки. — 2007. — № 4. — С. 144–150.

92. Экономические механизмы развития интеграционных процессов в условиях аграрного рынка Беларуси и России / соавт.: А.И. Амосов и др.; Всерос.НИИ экономики сел. Хоз-ва и др. М.: Вектор – ТиС, 2010. – С. 167.

93. Фасхутдинова М.С., Ларионова Н.Б., Лаврентьева И.А. Принятие стратегических управленческих решений в период цифровой экономики // Научное обозрение: теория и праткика. – 2020. –Т. 10. - №7 (75). –С. 1362 – 1374.

94. Хоналиев Н.Х. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития. Душанбе: «Ирфон», 2007. – С. 200.Ширяев В.А. Баев И.А., Ширяев Е.В. Управление предприятием: моделирование, анализ, управление. М.: «Либроком», 2015. – С. 272.

95. Шамсиев К.Б. Развитие предпринимательства в Таджикистане / К.Б. Шамсиев // Информационно – аналитический бюллетень. Душанбе: «Ирфон», 2003. –С. 79- 81.

96. Кудрявцев Е.М. Организация, планирование и управление предприятием. М.: «АСВ», 2015. – С. 416.

97. Бобоев О. Формирование затрат на адаптацию предприятий к условиям рынка ресурсов // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2014. - №2-3. С.190 - 215.

98. Бобоев О. Вопросы организации и управления предприятии в условиях рынка: монография. – Душанбе: «Хумо», 2012. – С. 688.

99. Комилов С.Дж., Шарипов Б.К. Инфраструктурное обеспечение инновационного развития промышленного производства.//Вестник

Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2020.№5/2. С.-11-16.

100.Комилов С.Дж., Мирзоева Е.Ш. Совершенствования управления инновационно-инновационной деятельностью промышленных предприятий.// С.Дж. Комилов, Е.Ш.Мирзоева. **Монография**.-Душанбе: ТГФЭУ,2020. –С. 144.

101.Гусакова И.В. Рынок молока: современное состояние и перспективы развития. 2015. https//cyberleninka.ru

102.Варянкова И.Ю. Корпоративный контроль и его роль в финансовом управлении затратами / И.Ю. Варнякова //Инновационное развитие экономики . -2015. -№4 (28). –С. 81-83.

103. Acemoglu, D., and P. Restrepo. The Race between Man and Machine: Implications of Technology for Growth, Factor Shares, and Employment. American Economic Review, 108(6), 1488–1542. 2018.

104. Amniattalab, A., Ansari, R. The effect of strategic foresight on competitive advantage with the mediating role of organizational ambidexterity // International Journal of Innovation Management, 2016. — № 20(3), pp.1–18.].

105. Benner, M.J., Tushman, M.L. Exploitation, exploration, and process management: The productivity dilemma revisited // Academy of Management Review, 2003. — №28(2) — pp. 238–256.

106. Calof, J., Meissner, D. and Vishnevskiy, K., «Corporate foresight for strategic innovation management: the case of a Russian service company», Foresight, 2020 Vol. 22 No. 1, pp. 14–36.

107. Clauss, T., Kraus, S, Kallinger, F.L., Bican P.M., Brem A., Kailer N. Organizational ambidexterity and competitive advantage: The role of strategic agility in the exploration-exploitation paradox // Journal of Innovation & Knowledge, 2020. — № 6.

108. Clauss, T., Kraus, S, Kallinger, F.L., Bican P.M., Brem A., Kailer N. Organizational ambidexterity and competitive advantage: The role of

strategic agility in the exploration-exploitation paradox // Journal of Innovation & Knowledge, 2020. — № 6., O'Cass, A., Heirati, N., Ngo, L. Achieving new product success via the synchronization of exploration and exploitation across multiple levels and functional areas // Industrial Marketing Management, 2014. — № 43(5). — pp. 862–872.

109. Du J., Chen Z. Applying Organizational Ambidexterity in strategic management under a «VUCA» environment: Evidence from high tech companies in China International // Journal of Innovation Studies, 2018. –№ 2. — pp. 42–52.

110. Hess T., Matt C., Benlian A., Wiesböck F. Options for Formulating a Digital Transformation Strategy // MIS Quarterly Executive. — 2016. — Vol. 15. — No. 2. — P. 103–119.].

111. Hu, B., Chen, W. Business model ambidexterity and technological performance: Evidence from China // Technology Analysis and Strategic Management, 2016. — №28(5). — pp. 583–600.

112. Hu, B., Chen, W. Business model ambidexterity and technological performance: Evidence from China // Technology Analysis and Strategic Management, 2016. — №28(5). — pp. 583–600.

113. Karabarbounis, L., and B. Neiman. The Global Decline of the Labor Share. The Quarterly Journal of Economics, 129(1), 61–103, 2013., Eden, M., and P. Gaggl. On the Welfare Implications of Automation. Review of Economic Dynamics, 29, 15–43, 2018., Hubmer, J. The Race Between Preferences and Technology. Unpublished manuscript, University of Pennsylvania, 2020.

114. March, J. G. Exploration and exploitation in organizational learning // Organization Science, 1991. — № 2(1). — pp. 71–87.

115. March, J. G. Exploration and exploitation in organizational learning // Organization Science, 1991. — № 2(1). — pp. 71–87.

116. Molina-Castillo, F., Jimenez-Jimenez, D., Munuera-Aleman, J. Product competence exploitation and exploration strategies: The impact on

new product performance through quality and innovativeness // Industrial Marketing Management, 2011. — № 40(7). — pp. 1172–1182.

117. Molina-Castillo, F., Jimenez-Jimenez, D., Munuera-Aleman, J. Product competence exploitation and exploration strategies: The impact on new product performance through quality and innovativeness // Industrial Marketing Management, 2011. — № 40(7). — pp. 1172–1182.

118. O'Cass, A., Heirati, N., Ngo, L. Achieving new product success via the synchronization of exploration and exploitation across multiple levels and functional areas // Industrial Marketing Management, 2014. — № 43(5). — pp. 862–872.

119. Raisch, S., Birkinshaw, J., Probst, G., Tushman, M.L. Organizational ambidexterity: balancing exploitation and exploration for sustained performance // Organization Science, 2009. — № 20. — pp. 685–695.

120. Raisch, S., Birkinshaw, J., Probst, G., Tushman, M.L. Organizational ambidexterity: balancing exploitation and exploration for sustained performance // Organization Science, 2009. — № 20. — pp. 685–695.

121. Robert F. Lusch and Frederick E. Webster Jr., «Elevating Marketing Is Dead! Long Live Marketing!», Journal of Academy Marketing Science 41 (January 2013), pp.389–99.

122. Stubner, S., Blarr, H. Organizational ambidexterity and family firm performance // Journal of Small Business & Entrepreneurship, 2012. — № 25(2). — pp. 217–229.

123. Stubner, S., Blarr, H. Organizational ambidexterity and family firm performance // Journal of Small Business & Entrepreneurship, 2012. — № 25(2). — pp. 217–229.

**Захираҳои электронӣ:**

124. Сомонаи расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон – www. sanoat.tj

125. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон – www. nbt.tj

126. Сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – www. adlia.tj

127. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – www. mmq.tj

128. Сомонаи расмии Ширкати саҳҳомии кушодаи холдингии “Барқи тоҷик” – www. barqitojik.tj

**Фехристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии нази Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

1. [М-1].**Сафарзода Г.Г.** «Анализ ключевых факторов, способствующих мотивации работника» журнал Вестник ТНУ ISSN 24135151 №10 (90- 91) г.2019.

2. [М-2]. **Сафарзода Г.Г.** “Экономико – организационное описание ЗАО “Молочного комбината” города Душанбе” журнал Вестник ТНУ ISSN 24135151 №1 (109 - 115) г.2019.

3. [М-3]. **Сафарзода Г.Г.** “Ҷанбаҳои назариявии баландбардории фоида дар корхонаҳои истеҳсолӣ” маҷаллаи “Кишоварз” ISSN 2075 – 9584 №3 (101 - 104) с.2019.

4. [М-4]. **Сафарзода Г.Г., Караева Д.Г.** «Общие сведения об экономической эффективности производства молочной продукции: химический состав молока» журнал Вестник ТНУ ISSN 2435151, №2 (111 - 116) г. 2019.

5. [М-5]. **Сафарзода Г.Г.** “Фоида – натиҷаи ниҳоии ҳадафи соҳибкор ва идоракунии он дар корхонаҳои саноатӣ” маҷаллаи Паёми ДМТ ISSN 2413-5151, №1 (79-86) с.2023.

6. [М-6]. **Сафарзода Г.Г.** “Усулҳои идоракунии хароҷотҳо дар корхонаҳои саноатӣ” маҷаллаи Паёми ДМТ ISSN 2413 -5151, №4, қисми 1 (91-96) с.2023.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

7. [М-7]. **Сафарзода Г.Г.** Маркетинговые исследования – основная задача предприятия [Текст] / Г.Г. Сафарзода // Международная научно – практическая конференция «Конференция научных исследований» в XXI веке (18-19 июня 2021 г.) Оттава, Канада.